

ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ, ОМӮЗИШИ ТЕХНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВ, ТАҚВИЯТИ НЕРӮҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ИЛМ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МЕҲВАРИИ ДАВЛАТДОРИИ МО МЕБОШАД.

***ЭМОМАЛӢ РАҲМОН***

MINISTRY OF ECONOMIC DEVELOPMENT AND TRADE
OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
"SCIENTIFIC AND RESEARCH ECONOMIC INSTITUTE"

# *ECONOMY AND TRADE*

**Scientific and practical magazine**

№ 1 (1) 2024

ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН
«ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ ИҚТИСОДӢ»

# *ИҚТИСОДИЁТ ВА САВДО*

**Маҷаллаи илмию амалӣ**

№ 1 (1) 2024

МИНИСТЕРСТВА ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ И
ТОРГОВЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
«НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ИНСТИТУТ»

# *ЭКОНОМИКА И ТОРГОВЛЯ*

**Научно-практический журнал**

№ 1 (1) 2024

**ДУШАНБЕ - 2024**

# ИҚТИСОДИЁТ ВА САВДО
**(маҷаллаи илмию амалӣ)**
## БАХШИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Муассиси маҷалла:** Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».
Маҷала соли 2023 таъсис дода шудааст.
Дар як сол ____ шумора нашр мешавад.

**Учредитель журнала:** Государственное учреждение «Научно-исследовательский экономический институт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан».
Журнал основан в 2023 году.
Периодичность издания ____ раза в год.

**Founder of the magazine:** State institution "Economic Research Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan".
The magazine was founded in 2023.
Publication frequency ____ times a year.

**САРМУҲАРРИР:**
**Зайниддинзода С.Ҷ. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Пажӯҳишгоҳ

**МУОВИНОНИ САРМУҲАРРИР:**
**Солеҳзода А.А. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Одинаев Ҳ.А. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Шарифов Зариф Раҳмонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – кишоварзӣ
**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – инноватсия
**Қурбонов Абдулҳай Каримович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – омор
**Абдуғафор Рауфӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – нақлиёт
**Мирзозода Баҳодур -** доктори илмҳои техникӣ, профессор – саноат
**Мирзоев Сайъало Ҳабибулович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – моделсозӣ
**Шоҳиён Нуралӣ Набот -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор – неруи инсонӣ
**Солиев Назар Норович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – молия
**Юнусова Маҳбуба Маҳмуродовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – макроиқтисодиёт
**Таваров Лутфило Толибович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - савдо
**Зайнудинов Сафар -** номзади илмҳои техникӣ, дотсент - рақамикунонӣ

**Тарҷума ва таҳрири матнҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ**
**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Курбанмурадова Озода Мирзомуродовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ

**Таҳрири техникӣ:**
**Курбанмурадова Озода Мирзомуродовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ

Маҷаллаи илмию амалии **«Иқтисодиёт ва савдо»** ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ___ _______________ соли 2024, № ___________. Маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2023, № 319/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

Научно-практический журнал **«Экономика и торговля»** включен в список рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от ___ _______________ 2024 года под №___________. Журнал постоянно входит в индекс научного цитирования России (РИНЦ). Данный журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан с 14 декабря 2023 года, № 319/МДж-97.

The scientific and practical magazine **"Economics and Trade"** was included in the list of reviewed scientific journals of the Supreme Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from ___ ________________ 2024, №. ___________. The journal is constantly included in the index of scientific citations of Russia (RINC). This magazine has been registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan since December 14, 2023, №. 319/МЖ-97.

**Суроғаи нашрия:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к.Айнӣ, 14а

## СУХАНИ ТАБРИКОТИИ
**вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Завқизода З.А.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи афзалиятҳои истиқлолияти давлатӣ дар шоҳроҳи бунёду созандагӣ дар раванди таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва эътирофу эҳтироми мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ қадамҳои устувору умедбахш гузошта истодааст. Таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллӣ ба татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ, таҳкими неруи истеҳсолӣ-технологӣ ва беҳдошти имкониятҳои содиротии кишвар нигаронида шудаанд.

Соҳаи илм ва маориф яке аз соҳаҳои калидии иқтисодӣ миллӣ буда, рушди ҳамаҷонибаи он ба бунёди пойдевори муҳташами илмию техникӣ ва неруи тавонои инсонӣ асос хоҳад гузошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ҳамаҷонибаи илм ва маориф дар кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, нақши калидии онро дар таҳкими нерӯи пешбаранда ва ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон пайваста таъкид менамоянд.

Дар замони васеъшавии таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ тағйиротҳои суръатноки иқтисодию технологӣ, пурзӯршавии рақобат дар бозорҳои минтақавӣ ва глобалӣ, васеъшавии миқёси татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва афзоиши равобити гуногунҷабҳа байни кишварҳои ҷаҳон нақши нерӯи илмию техникии мамлакатро дар пояи омодасозӣ ва такмили пайвастаи сармояи инсонӣ баҳри таъмини рушди босуръати иқтисодию иҷтимоӣ, таҳкими нерӯи созандаю бунёдкоронаи ҷомеа ва дурнамои дурахшони кишвар ба маротиб афзун гардонида истодааст.

Танҳо такя ба илму маориф ва татбиқи васеи дастовардҳои илмӣ дар амалия метавонад барои рушди устувори дарозмуддат ва ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ заминаи воқеӣ муҳайё карда, истиқлолияти аслии илмӣ, технологӣ ва таҳсилотии кишварро таъмин намояд.

Дар ҳалли ин мушкилот таҳкиму тавсеаи микдорию миқёсии шабакаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаҳои гуногун, алалхусус дар пояи ниҳодҳои идоракунандаи бахши воқеии иқтисодиёт бо ҷалби васеъ ва ҳавасмандгардонии таъсирбахши доираи васеи олимони шинохтаю мутахассисони кордони соҳавӣнақши муассир мебозад.

Қобили қайд аст, ки мувофиқи талаботи Оиннома ва бо қарори ҷаласаи Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҷаллаи илмию амалии «Иқтисодиёт ва савдо» таъсис дода шудааст. Таҳия ва нашри маҷаллаи мазкур иқдоми хеле наҷиб ва саривақтӣ буда, онро ҳамчунситораи наве дар фазои илмӣ-таҳқиқотии кишвар муаррифӣ кардан мумкин аст. Умедворем, ки маҷаллаи навтаъсис дар раванди таҳлилу инъикоси воқеӣ ва ҳамаҷонибаи вазъи иқтисодӣ, экологӣ ва тиҷоратӣ, бозорҳои молу хизматрасонӣ, баҳодиҳии имкониятҳои воридотию содиротии кишвар, арзёбии дурнамои рушди макроиқтисодӣ ва тавсеаи робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон мавқеи шоистаро соҳиб хоҳад гашт. Нақши он инчунин дар нашри корҳои илмию таҳқиқотии аспирантону унвонҷуён, олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, рушди тиҷорат ва муаррифии дастовардҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар низ хеле муфид ва арзанда хоҳад буд.

***Нашри маҷаллаи нави «Иқтисодиёт ва савдо» муборак бошад!***

**Вазири рушди иқтисод**
**ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Завқизода З.А.**

**УДК**

# СУБОТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Зайниддинзода С.Ҷ.**

**Аннотатсия.** Дар мақола масоили суботи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди иқтисодии кишвар баррасӣ шудаанд. Аниқ карда шудааст, ки рушди устувор ҳамчун консепсияи суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ баромад намуда, ба рушди иқтисодӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Давраҳои таҳаввулоти консепсияи рушди устувор муайян карда шуда, зинаҳои асосии рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шудаанд. Дар пояи таҳлили ҳолати татбиқи стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ самтҳои асосии дурнамои рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** рушди устувор, суботи иҷтимоию сиёсӣ, суботи экологӣ, зинаҳои рушд, барномаҳои давлатӣ, стратегияи миллӣ, барномаҳои миёнамуҳлат, муътадилии макроиқтисодӣ, суръати афзоиш, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озӯқаворӣ, саноатикунонии босуръат, дурнамои рушд, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ

**Зайниддинзода С.Дж.**

## СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы социально-политической стабильности в период независимости Республики Таджикистан и ее влияние на развитие экономики страны. Уточнены периоды эволюции концепции устойчивого развития, определены основные этапы устойчивого развития Республики Таджикистан. На основе анализа состояния реализации национальных стратегий и государственных программ определены основные направления устойчивого развития Республики Таджикистан в перспективе.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, социально-политическая стабильность, экологическая стабильность, уровни развития, государственные программы, национальная стратегия, среднесрочные программы, макроэкономическая стабильность, темпы роста, энергетическая независимость, продовольственная безопасность, ускоренная индустриализация, перспективы развития, экономические показатели

**Zainiddinzoda S.J.**

## SOCIO-POLITICAL STABILITY AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

**Annotation.** The article discusses the issues of socio-political stability during the period of independence of the Republic of Tajikistan and its impact on the development of the country's economy. The periods of evolution of the concept of sustainable development are specified, and the main stages of sustainable development in the Republic of Tajikistan are identified. Based on an analysis of the state of implementation of national strategies and state programs, the primary directions for sustainable development of the Republic of Tajikistan in the future are determined.

**Keywords:** sustainable development, socio-political stability, ecological stability, levels of development, state programs, national strategy, medium-term programs, macroeconomic stability,

growth rates, energy independence, food security, rapid industrialization, development prospects, economic indicators.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 1991 як қатор падидаҳои нодире рӯи кор омадаанд, ки барои таъмини суботи иқтисодӣ заминагузор мебошанд. Ин падидаҳои воқеан муҳими таърихӣ барои ташаккули низоми рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеъа шароит ва имконияти мусоид фароҳам овարданд.

Ҳарчанд низоми иқтисодӣ дар заминаи замонӣ бунёд гардида бошад ҳам, дар даврони истиқлолият тадриҷан зинаҳои такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардан пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои мунтазаму боэътимод, ташкилу назорати меъёрҳои молиявию иқтисодӣ, танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, соҳаҳои воқеии иқтисодиёти мамлакат таъсири беандозаи худро дар таъмини суботи иқтисодиёти миллӣ расониданд.

Бояд қайд кард, ки рушди устувори ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дар асоси якчанд назария оғоз ёфтаанд. Пеш аз ҳама, рушди устувор мувофиқи тафсири Гераклит ҳамчун мафҳуми гармония маънидод мешуд ва маънояш диалектикаи рушди устуворро инъикос мекунад. Дуюм, назарияи метафизикии рушди устувор аз Аристотел сарчашма мегирад ва схемаҳои метафизикии рушдро инкор карда, ба тағйироти миқдорӣ дар доираи нигаҳдории сифат диққати калон медод. Бо мурури замон дар мафҳуми рушди устувор нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мавқеи нотакрорро ишғол намуданд. Тибқи ақидаҳои олимони иқтисоддони классикӣ, пеш аз ҳама, Адам Смит рушди босубот, «одами иқтисодӣ», «одами оқил» - мафҳумест, ки инсон ҳамчун мавҷуди оқилона амал мекунад, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки фоидаи бадастовардаро ба ҳадди ақал расонад [13].

Дж.М. Кейнс рушди устувори босуботро чунин шаҳр додааст: "...бояд ҳалли худро дар робита ба қонеъ кардани ниёзҳои асосии инсон, ҳамгироии рушд ва ҳифзи муҳити зист, таъмини баробарӣ, таъмини худмуайянкунии иҷтимоӣ ва гуногунии фарҳангӣ ва нигоҳ доштани якпорчагии муҳити зист таъмин намояд"[14].

Дар айни замон «рушди устувор» маънои чунин рушди иқтисодиест, ки ба муҳити зист зарар нарасонида, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, пайдо кардани таносуби оқилонаи байни рушди иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад [15].

**Консепсияи рушди устувор** дар натиҷаи алоқамандӣ ва муттаҳидгардонии се консепсияи аз якдигар ҷудонашаванда: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба вуҷуд омадааст.

**Консепсияи иқтисодӣ** истифодабарии оптималии захираҳои маҳдуд ва технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, каммасраф, аз ҷумла, истихроҷ ва коркарди ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ қобили қабул, кам кардан, коркард ва нобудсозии партовҳоро дар бар мегирад.

**Консепсияи иҷтимоӣ** ҳамчун ҷузъи иҷтимоии рушди устувор ба одамон нигаронида шуда, ба нигоҳ доштани устувории низомҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла, коҳиши ихтилофҳои харобиовари байни одамон нигаронида шудааст.

**Консепсияи экологӣ.** Аз нуқтаи назари экологӣ рушди устувор бояд якпорчагии низомҳои табиии биологӣ ва физикиро таъмин намояд. Алалхусус мавҷудият ва нигоҳдории экосистемаҳо, ки устувории глобалии тамоми биосфера аз онҳо вобаста аст, хеле муҳим аст.

Қайд бояд кард, ки мутобиқ кардани ин нуқтаҳои гуногун ва ба амалҳои мушаххас табдил додани онҳо, ки воситаи ноил шудан ба рушди устувор мебошанд, вазифаи хеле мураккаб аст, зеро ҳамгироии ҳар се унсури рушди устувор бояд ба таври мутавозин таъмин карда шавад.

Механизмҳое, ки тавассути онҳо ин се унсур ба ҳам таъсир мерасонанд, низ муҳиманд. Унсурҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд буда, таносуби оқилона ва адолатноки онҳо ба таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа ва рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст.

Масъалаи муҳими татбиқи консепсияи рушди устувор бахусус аз сабаби он, ки он аксар вақт ҳамчун таҳаввулшаванда ҳисобида мешавад, муайян намудани нишондиҳандаҳои амалӣ ва ченшавандаи он (нишондиҳандаҳои рушди устувор) мебошад.

Таҳлили ретроспективии рушди устувори ҷамъиятию иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар имконият медиҳад, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Дар расми 1 таҳаввулоти рушди устувори ҷамъиятию иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Таъмини суботи ҷамъиятию сиёсӣ имкон дод, ки Тоҷикистон дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини устувории макроиқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, бунёди иншооти иҷтимоӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва фаъолгардонии иқтидорҳои мавҷуда ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ қадамҳои устувор гузорад.

Вобаста ба ин рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро ба ду марҳила тақсим кардан мумкин аст. Марҳилаи якум солҳои 1991-1996-ро дар бар гирифта, ба ин давра нооромиҳои сиёсӣ, фароҳам овардани замина барои муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ,ислоҳоти институтсионалӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои мустақими иқтисодии хориҷӣ хос мебошанд.

Дар ин марҳила тамоми неруи кишвар барои таъмини сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ нигаронида шуда, гузаронидани ислоҳот, ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, таъмини суботи макроиқтисодӣ ва дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ барои таъмини буҷети давлатӣ афзалиятҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафтанд.

Нооромиҳои сиёсӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳисороти азиме расониданд. Оқибатҳои ин зарар бештар аз 10 млрд. доллари амрикоӣ арзёбӣ мешаванд. Коҳишёбии иқтисодиёт дар давоми солҳои 1991-1996 бештар мушоҳида шуда, миёни кишварҳои пасошӯравӣ ягон кишвар ба чунин мушкилоти сахти иқтисодӣ дучор нагардида буд.

Дар марҳилаи дуюм - солҳои 1997-2021 - барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, гузариш ба модели нави иқтисодӣ, яъне аз кишвари аграрӣ ба индустралӣ-аграрӣ, ташаккули инфрасохтори рушдёфта, саноатикунонии босуръат ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардиданд.

Дар натиҷаи талошҳои сулҳпарварона ва ҷоннисоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон соли 1997 “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба имзо расида, барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини минбаъдаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмӯъ таъсири назаррас гузошт.

Дар марҳилаи дуюм зарур буд, ки афзалияту ҳадафҳои миллӣ муайян карда шуда, иқтисодиёти харобгашта барқарор гардад. Бинобар ин, бо саъю кӯшиш ва иқдомҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон нақшаҳои фаврию стратегӣ татбиқ гардида, дар доираи гуфтушунидҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағҳои грантӣ хеле пурзӯр гардид.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, дар маҷмӯъ 23 масъала баррасӣ шуда, ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ 74 санади ҳуқуқӣ қабул шуд. Ин санадҳои муҳим ба ҳалли

як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат мусоидат намуда дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ саҳми муҳим бозиданд.




**Расми 1. Омилҳои таъсиррасон таҳаввулоти суботи ҷамъиятию сиёсӣ- иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллиф)**

Баъди ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” бунёди низоми иқтисодии кишвар дар фазои мураккаби солҳои 1997-2000 оғоз гардид.

Пас аз муътадил гаштани вазъи макроиқтисодӣ ҳадафҳои стратегии кишвар дар хуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, бахусус “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015” ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар барномаҳои миёнамуҳлат муайян гардида, татбиқи онҳо бо маром идома дорад.

Дар ҳамон замон беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва таъмини шоистаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар такя ба ислоҳот дар самти ноил гардидан ба истиқлолияти энер-

гетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян шуда, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ин самт шурӯъ шуд.

Бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ шурӯъ аз соли 1997 Ҳукумати кишвар лоиҳаи якуми таҷрибавӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 1997-2002 ва лоиҳаи дуюми паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2002-2006-умро бо ҷалби маблағи умумии 34,5 млн. доллар ва фарогирии 512 лоиҳа таҳия ва амалӣ намуд, ки татбиқи онҳо ба коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ дар ин давра мусоидат кард [8 ].

Татбиқи "Барномаи комплексии дигаргунсозиҳои иқтисодӣ барои солҳои 1995–2000" ва "Стратегияи миёнамуҳлати иқтисодӣ барои солҳои 1998-2001", ки ба озодкунии нархи ҳамаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, вусъат додани савдои хориҷӣ,ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, соҳибкорӣ, бахши молиявию бонкӣ, маориф, тандурустӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва ташаккули асосҳои ҳуқуқии иқтисоди бозорӣ равона гардида буданд, барои таъмини суботи макроиқтисодӣ заминаи мусоид гузошт [7].

Дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти саривақтӣ, андешидани тадбирҳои зиддибуҳронӣ ва пойдор шудани сулҳу ваҳдати миллӣ бо заҳмату ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуд. Масалан, соли 1997 бори аввал суръати рушди иқтисоди миллӣ мусбӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1996-ум 1,7 фоиз афзоиш ёфт.

Суботи ҷамъиятию сиёсӣ, тавсеаи ислоҳот ва татбиқи ҳамаҷонибаи барномаҳои иқтисодии қабулгардида ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ расониданд, ки дар натиҷа суръати рушди миёнасолонаи ММД дар солҳои 1997-1999 ба 3,6 % баробар гардид [ 5., С. 13].

Татбиқи "Ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ (ҲСПКСК 2002-2005)", ки ҳадафи асосии он афзоиш додани даромади воқеӣ ва суръат бахшидан ба болоравии иқтисодиёти кишвар буд, ба беҳтар шудани некӯаҳволии мардум мусоидат намуд. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 83 % дар соли 1999 то 57 % дар соли 2005 коҳиш ёфт [5]. Ҳамаи ин тадбирҳо ба-рои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои замонавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар давраи муосири рушд заминаи воқеӣ гузоштаанд.

Дар баробари ин дастовардҳо зарур буд, ки ҳуҷҷати стратегии дарозмуҳлат, ки афзалият ва вазифаҳои рушди минбаъдаи кишварро муайян менамояд, қабул карда шавад.

Нахуст, дар ҷумҳурӣ "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (СМР-2015)" бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 таҳия ва тасдиқ гардид.

СМР-2015 ҳамчун ҳуҷҷати стратегии давлат ҳадаф ва вазифаҳои афзалиятноки кишварро оид ба рушд дар давраи дарозмӯҳлат, инчунин самтҳои умумии сиёсати давлатиро ҷиҳати ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар понздаҳ соли оянда муайян намуд.

Татбиқи афзалияту ҳадафҳои гузошташудаи СМР-2015 тавассути "Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009", "Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 (СПКСК) ва "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ба роҳ монда шуд [5, С.16].

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд: «Мақсади асосии амалӣ намудани ин стра-

тегияҳо таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон буда, онҳо ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҳамоҳанганд».

Умуман, татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар имкон доданд, ки Тоҷикистон дар давоми солҳои 2007-2015 суръати баланди рушди иқтисодиро дар сатҳи 6-7 % (миёнасолона) таъмин намояд [10].

Ҳамаи дастовардҳои солҳои 2000-2015 имкон доданд, ки сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ аз 81 фоизи соли 1999 то 31,3 фоиз дар соли 2015 коҳиш ёбад [5,С.18.]

Дар марҳилаи дигари рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳими банақшагирӣ - “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (СМР-2030) таҳия ва қабул гардид.

Дар СМР-2030 самтҳои афзалиятноки рушди кишвар мушаххас карда шуданд, ки ба консепсияи гузариши иқтисоди миллӣ ба модели рушди устувор асос ёфтааст. Дар ин ҳуҷҷат уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Рӯзномаи асри XXI” ва “Ҳадафҳои рушди устувор” (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат гирифта шудаанд.

СМР-2030 тавассути се давраи миёнамуҳлат амалӣ карда мешавад:

- марҳилаи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ (солҳои 2016-2020);
- марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025);
- марҳилаи ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат ва таҳкими нерӯҳо дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030).

Амалишавии СМР-2030 дар се марҳила тавассути барномаҳои миёнамуҳлати рушд пешбинӣ шудааст. Бо ин мақсад бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” (БМР 2016-2020) тасдиқ шуда, босамар амалӣ гардид [12].

Дар марҳилаи аввали татбиқи СМР-2030 тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян шуда буданд, равона гардиданд. Танҳо дар давраи 5 соли татбиқи “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба андозаи 28 млрд. сомонӣ афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 15 млрд. сомонии соли 2016 то 30,8 млрд. сомонӣ дар соли 2020 расонида шуд [12, С.21].

Аз соли 2000 инҷониб дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва амалигардонии ислоҳоти дахлдор андозаи музди миёнаи меҳнат ва ҳадди ақќали маош дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт тадриҷан афзоиш ёфт. Агар дар соли 2000-ум музди миёнаи меҳнат 15,57 сомониро ташкил медод, пас дар соли 2022 он ба 1760,29 сомонӣ расида, зиёда аз 113 маротиба афзоиш ёфт. Сатҳи камбизоатӣ аз 31,3 фоизи соли 2015 то 26,3 фоиз дар соли 2020 ва сатҳи фақри шадид аз 15,7 фоиз то 10,7 фоиз дар соли 2020 коҳиш ёфт. Камбизоатӣ дар деҳот аз 35,2 фоизи соли 2015 то 30,1 фоиз дар соли 2020, дар шаҳрҳо аз 23,2 фоиз то 18,4 фоиз паст карда шуд [5, С.21].

Тибқи раддабандии рақобатпазирии байналмилалии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар соли 2019 Тоҷикистон дар байни 141 кишвари дунё аз рӯи нишондиҳандаи самаранокии заминаи қонунгузорӣ ҷиҳати такмили расмиёти танзими давлатӣ ба мавқеи 30, сарбории танзими давлатӣ - мавқеи 20 ва самаранокии қонунгузорӣ барои ҳалли баҳсҳо - ба мавқеи 34 соҳиб гардид [12]. Дар арзёбии дастрасӣ ба қувваи барқ бошад, мавқеи 2, сифати инфрасохтори роҳ мавқеи 50, самаранокии хизматрасонии роҳи оҳан - мавқеи 37-умро дар байни кишварҳои ҷаҳон ишғол намуд ва

тибқи индекси амнияти озуқаворӣ бо намояи сифати озуқа аз 78,1 холи имконпазир соҳиби 42,6 хол гардид [5, С.24].

Бо мақсади амалишавии марҳилаи дуюми “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” таҳия ва қабул гардиданд.

Дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 % таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард сомонии соли 2018 ба 115 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт [6, С.1].

Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87,0 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид [6, С.1]. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 паст гардид [6, С.2].

Қайд бояд кард, ки суръати рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2021 нишондиҳандаи баландтарин дар 17 соли охир ба ҳисоб меравад. Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ низ рушди иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2021 нишондиҳандаи баландтарин дар минтақа арзёбӣ намуданд [15].

Барои таъмини рушди назарраси минбаъдаи кишвар ва баланд бардоштани нерӯи иқтисодӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” самтҳои зерин ҳамчун манбаъҳои иловагии рушд: рушди иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди «сабз», афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди изофашуда, рушди саноати дорусозӣ, рушди бозори молиявӣ ва фарогирии молиявӣ, истифодабарии имкониятҳои хизматрасонии таълимию илмӣ, истифодабарии имкониятҳои транзитӣ ва рушди сайёҳии кишвар, расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст. Татбиқи самтҳои мазкур дар ҳалли масъалаҳои нигоҳдории минбаъдаи суботи рушди ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисоди - иҷтимоӣ нақши калиди хоҳанд бозид.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. - Душанбе, 2021
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. - 64 с.
3. Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. - Душанбе, 2021 -283 с.
4. Барномаи комплекси дигаргунсозиҳои иқтисодӣ барои солҳои 1995–2000
5. Дастовардҳои иқтисодии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлоли давлатӣ. - Душанбе. «ЭР-граф», 2021.- 512 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. - Душанбе: “Шарқи озод”, 2022 - 48 с.
7. Стратегияи миёнамуҳлати иқтисодӣ барои солҳои 1998-2001

8. Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009. - Душанбе, 2007
9. Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. - Душанбе, 2010
10. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволи мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. – Душанбе, 2013
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015. - Душанбе, 2007.- 55 с.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (С030). - Душанбе, 2016. - 88 с.
13. Смит А. Смит А. Исследование о природе и причинах богатстве народов. М.: «ЭКСМО». - 2007. - 960 с.
14. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег: пер. с англ. Петроза-водск: Петро, 1993. - 307 с.
15. Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/iqtisodijot

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зайниддинзода Саидмурод Ҷумъамурод*** - *н.и.и., дотсент, директори МД "Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон",*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14а,*

***Телефон:*** *918666015(моб.) (37)222 23 64 (корӣ),*

***E-mail:*** s.zayniddinzoda@mail.ru; *info@piti.tj.*

**Информация об авторах:** ***Зайниддинзода Саидмурод Джумъамурод*** - *кандидат экономических наук, доцент, директор Научно-исследовательского института экономики Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *734002 Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14а,*

***Телефон:*** *918666015 (моб.) (37) 222 23 64 (раб.),*

***E-mail:*** s.zayniddinzoda@mail.ru; *info@piti.tj.*

**Information about the author:** ***Zainiddinzoda Saidmurod Jumamurod*** - *Ph.D., Associate Professor, Director of the Scientific Research Institute of Economics of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.,*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14a,*

***Phone:*** *992 918 666 015 (mobile), (37) 222 23 64 (office),*

***E-mail:*** s.zayniddinzoda@mail.ru; *info@piti.tj.*

**УДК**

# ТАДЖИКИСТАН-КИТАЙ: ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

**Рахимзода Ш.**

**Анотация.** В данной статье анализируются основные направления экономического сотрудничества Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики, выявлены потенциал и существующие на данном этапе проблемы и особенности, а также определены возможные пути расширения взаимовыгодного торгово-экономического сотрудничества.
**Ключевые слова**: экономическое сотрудничество, устойчивое развитие, внешнеторговый оборот, промышленность, сельское хозяйство, энергетика, дорожное строительства, экспорт, импорт, транзит

# ТОҶИКИСТОН-ХИТОЙ ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ

**Раҳимзода Ш.**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой мавриди таҳлил қарор гирифта, иқтидорҳо ва мушкилоту хусусиятҳои мавҷуда дар ин марҳала муайян карда шуда, инчунин роҳҳои имконпазири густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ муайян карда шудаанд.
**Калидвожаҳо:** ҳамкориҳои иқтисодӣ, рушди устувор, гардиши савдои хориҷӣ, саноат, кишоварзӣ, энергетика, роҳсозӣ, содирот, воридот, транзит

# TAJIKISTAN-CHINA: PROSPECTS FOR ECONOMIC COOPERATION

**Rahimzoda S.**

This article analyzes the main directions of economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China, identifies the potential and existing problems and features at this stage, and also identifies possible ways to expand mutually beneficial trade and economic cooperation.
**Keywords**: economic cooperation, sustainable development, foreign trade turnover, industry, agriculture, energy, road construction, export, import, transit

**Пастановка задачи.** Определить значимость экономического сотрудничества между Таджикистаном и Китаем в контексте их динамичного развития и глобальных экономических тенденций. Оценить текущее состояние двусторонних отношений. Выявить ключевые факторы, способствующие развитию экономического сотрудничества между Таджикистаном и Китаем. Оценить существующий потенциал и текущие направления сотрудничества в таких областях, как торговля, инвестиции и инфраструктурные проекты. Анализировать влияние региональных и международных экономических процессов на экономические отношения двух стран.

**Анализ проведенных исследований и публикации.** На основе проведенного исследования провести анализ данных по торговле и инвестициям между Таджикистаном и Китаем и провести сравнительный анализ с другими странами-участниками инициативы "Пояс и путь".

**Цель статьи -** изучить текущие тенденции в торговле между Таджикистаном и Китаем: объемы, структуры и прогнозы, при этом оценить инвестиционный климат в Таджикистане для китайских компаний и основные сферы для потенциальных вложений. Анализировать ключевые инфраструктурные проекты, реализуемые с участием Китая, такие как дороги, энергетические станции и промышленные зоны на основе исследования возможности сотрудничества в области сельского хозяйства, технологий, туризма и культуры.

**Основное содержание статьи.** Китайская Народная Республика на протяжении тысячилетия является важным и надежным экономическим партнером Республики Таджикистан. Сотрудничества между двумя странами особенно успешно развивались в годы независимости нашей страны. За этот период взаимовыгодные добрососедские взаимоотношения способствовали укреплению и расширению политических, торгово-экономических, транспортно-коммуникационных и культурно-гуманитарных связей, формированию условий для поддержания стабильности, мирного сосуществования и устойчивого развития наших стран.

В Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера Нации, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2023 г. отмечалось, что «Правительство страны определило развитие частного сектора, предпринимательства и инвестиций в «Национальной стратегии развития на период до 2030 года» в качестве основного средства достижения национальных целей и постоянно принимает меры по созданию благоприятных условий для ведения предпринимательской и инвестиционной деятельности для того, чтобы сделать экономику страны привлекательной для инвестиций и ориентировать ее на экспорт» [1].

Важную роль в выполнении поставленных задач играет международное сотрудничество и стратегическое партнёрство с другими странами. Китай является одним из ключевых союзников Республики Таджикистан. Взаимоотношения между двумя странами базируются на принципах дружбы, добрососедских отношений, исторического партнерства и стратегического сотрудничества.

Председатель КНР, Уважаемый господин Си Цзиньпин во время своего государственного визита в Таджикистан 5 июля 2024 года отметил, что «Китай и Таджикистан - это хорошие соседи, друзья и партнёры и братья, которые искренне поддерживают друг друга и добиваются взаимной выгоды» [2]. Это касается и экономической сфере.

Для укрепления экономического взаимодействия между двумя странами создана и успешно функционирует Межправительственная комиссия. Более 300 международных соглашений охватывают практически все области взаимодействия двух стран. Развитие и укрепление дружественных отношений с Китайской Народной Республикой (далее – Китай) является одним из ключевых приоритетов внешней политики Республики Таджикистан (далее – Таджикистан).

Сотрудничество между Таджикистаном и Китаем постепенно расширяется в различных областях экономики. Торгово-экономические связи между двумя странами, несмотря на их относительно короткую историю, развиваются стремительно. Это взаимодействие не только содействует экономическому и социальному прогрессу Таджикистана, но также имеет стратегическое значение для Китая, поскольку Таджикистан может служить транзитным узлом для расширения китайского присутствия на рынках Евразии и Южной Азии.

Таджикистан в настоящее время сотрудничает со многими странами мира и основными ее торгово-экономическими партнерами являются Россия, Китай, Казахстан, Турецfolия и другие. Каждая из этих стран имеет определенную долю в общем внешнеторговом обороте Таджикистана и это доля меняется в зависимости от условий и преференций в торгово-экономических отно-

шениях.

Внешнеторговый оборот Таджикистана с Китаем имеет тенденцию к росту. Доля Китая в общем объеме внешнеторгового оборота Таджикистана в 2023 г. составила 18,0% и выросла по сравнению с 2013 годом на 4,1 п.п.

В 2020 г. в связи с распространением пандемии COVID-19 и закрытием государственных границ стран, доля Китая в общем объеме внешнеторгового оборота снизилась, в последующие годы этот показатель начал снова расти.

Доля экспорта товаров в Китай в общем объеме экспорта Таджикистана, в 2023 г. составила 17,19%, что по сравнению с 2020 г. увеличилось на 14,74 процентных пункта. Доля импорта из Китая в общем объеме импорта Таджикистана в 2023 г. составила 18,0%.

**Таблица 1.**

**Динамика внешнеторгового оборота Таджикистана с Китаем за 2013-2022 гг.**

**(млн.долл США)**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Прирост (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Внешнеторговый оборот, в целом** | 4988,8 | 5274,7 | 4326,2 | 3929,9 | 3973,1 | 4222,9 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 8328,9 | 66,9 |
| **в т. ч. с Китаем** | 693,3 | 765,5 | 793 | 885,1 | 591,6 | 651,2 | 660,9 | 472,8 | 839,3 | 1210 | 1503,2 | 116,8 |
| **Экспорт** | 58,9 | 39,0 | 29,1 | 44 | 35,4 | 57,1 | 55,5 | 34,4 | 159,6 | 368,3 | 313,8 | 432,7 |
| **Импорт** | 607,4 | 762,5 | 763,9 | 841,1 | 556,2 | 594,1 | 605,4 | 438,4 | 679,7 | 841,7 | 1189,4 | 95,8 |
| **Доля в общем внешнеторговом обороте, %** | 13,9 | 14,5 | 18,3 | 22,5 | 14,9 | 15,4 | 14,6 | 10,4 | 13,2 | 16,6 | 18,0 | + 4,1 п.п. |

Таджикистан экспортирует в Китай небольшой список товаров и продуктов. Основными экспортируемыми товарами из Таджикистана в Китай являются руды и концентраты сурьмянистые, руды и концентраты драгоценных металлов, драгоценные и полудрагоценные металлы, кожа из шкур крупного рогатого скота. Доля этих товаров в общем объеме экспорта составила 99,6 % от общего объема экспорта.

На рисунке 1 видно, что доля импорта из Китая из года в год растет, а доля экспорта в Китай меняется незначительно.




**Рисунок 1. Доля Китая в общем объёме внешнеторгового оборота Таджикистана, %**

- Доля экспорта в КНР в обхем объеме экспорта Таджикистана;
- Доля импорта из КНР в обхем объеме импорта Таджикистан;
- Доля КНР в обхем объеме внешнеторгового оборота.

В настоящее время Китай является третьим основным торговым партнером Таджикистана после России и Казахстана. Торговый баланс Таджикистана во взаимоотношении с Китаем остается отрицательным, однако динамика коэффициента покрытия экспорта импортом в 2021-2023 гг. свидетельствует об улучшении ситуации (Рис.2).




**Рисунок 2. Коэффициент покрытия экспорта импортом**

Следует отметить, что сотрудничество между двумя странами осуществляется не только в сфере добычи подземных ископаемых, но и в сферах промышленности, сельского хозяйства, здравоохранения, образования, инфраструктуры, энергетики, дорожного строительства, и в то же время развивается сотрудничество в сфере «зеленой экономики».

Важное место в экономическом сотрудничестве занимают китайские инвестиции. По данным Национального банка Таджикистана объем китайских прямых инвестиций в 2022 г. составил около 377,6 млн. долларов США, что в 4,4 раза больше по сравнению с 2021 годом. Доля китайских прямых инвестиций в общем объеме иевестиций за 2010-2022 г. Выросла почти в 3 раза (рис.3).




**Рисунок 3. Доля прямых китайских инвестиций в общем объеме поступивших в страну инвестиций, %**

Эти вложения в основном направлены на разработку и обогащение руд свинца, цинка и олова, добычу драгоценных и полудрагоценных камней и добычу руд драгоценных и редких металлов. Инвестиции из Китая эффективно используются в области добычи золота и серебра.

Китайские инвестиции активно используются и в транспортном секторе. В 2006 году с привлечением китайского капитала (281,1 млн. долл. США, льготный кредит экспортно-импортного банка Китая) была реконструирована автомобильная дорога Душанбе - Айни - Истаравшан - Худжанд - Бустон - Чанак (до границы с Узбекистаном) протяженностью 411 км. Китайские инвесторы приняли участие в строительстве важных участков железных дорог. В число таких проектов входит железнодорожный участок «Вахдат-Яван», который обеспечивает перевозки материалов во все свободные экономические зоны республики. Также при финансовой поддержке Китая реализованы стратегически важные проекты в различных регионах Таджикистана, например, реконструкция автодороги, «Душанбе - Дангара» и строительство тоннелей и мостов.

В 1996 году Таджикистан и Китай подписали «Соглашение об открытии временного торгового прохода Кульма - Карасу». В 2004 году на таджикско - китайской границе был официально открыт КПП «Кульма - Карасу», через который таджикские товары вывозились в Китай и другие страны Юго - Восточной Азии. Благодаря этому импорт из Китая в Таджикистан увеличился в несколько раз. Открытие пропускного пункта превратило Таджикистан в транзитный перекресток международной торговли. Только за первые десять лет работы КПП товарооборот между Таджикистаном и Китаем увеличился в 12 раз. В среднем через этот КПП ежедневно проходит 30-35 грузовых контейнеров. Этот транспортный коридор открыл Таджикистану прямой выход в Синьцзян - Уйгурский автономный район и через соседний - Пакистан к Индийскому океану.

Транспортные проекты, финансируемые Китаем, расширили торговлю и связи Таджикистана с четырьмя соседними странами, каждая из которых имеет стратегическое значение для республики. Естественно, Китай при строительстве и реконструкции транспортной инфраструктуры на первое место ставит свои национальные интересы, поскольку по этим дорогам Китай выходит на территорию соседних с Таджикистаном стран, а оттуда сближается со странами Ближнего Востока и Европы.

Также привлекаемые китайские инвестиции направляются на инфраструктурные проекты, ремонт и реконструкцию дорог, в чем непосредственно заинтересован сам Китай для дальнейшей реализации своей «Инициативы пояс и путь». Ныне, в Таджикистане работают более 300 китайских компаний и 70 предприятий с участием китайского капитала.

Наряду с предоставлением долгосрочных и льготных кредитов Китай регулярно оказывает гуманитарную помощь Таджикистану. За последнее десятилетие Китай наряду с Россией, США, Индией, Японией и соседними странами увеличил гуманитарную помощь Таджикистану, большую часть, которой составили продовольственные товары. Так, в 2020 г. для борьбы с пандемией COVID - 19 Китай предоставил Таджикистану гуманитарную помощь на сумму 21 млн долларов США.

При финансовой поддержке китайских компаний в Таджикистане построены и сданы в эксплуатацию общеобразовательные школы. В целом, в общеобразовательных школах, построенных китайскими компаниями, обучаются более 12 тысяч учащихся. Строительство общеобразовательных школ является частью социальной ответственности китайских компаний при реализации экономических проектов в энергетике, транспортной инфраструктуре и золотодобыче.

Финансовое сотрудничество между Таджикистаном и Китаем можно назвать интенсивным, что ведет к дальнейшему развитию экономического сотрудничества двух сторон. Это сотрудничество осуществляется по двум направлениям: на двустороннем уровне и в рамках Шанхайской организации сотрудничества.

Так, согласно решению Национального банка Таджикистана, в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О банковской деятельности» ООО «Сельскохозяйственный банк Китая» выдано разрешение на открытие представительства в столице Таджикистана. Открытие представительства китайских банков в Таджикистане обосновывается экономической активностью китайских компаний в стране. Другим приоритетным направлением финансового сотрудничества Таджикистана и Китая является рост доли юаня во взаимных расчетах.

Расширяется таджикско-китайское финансовое сотрудничество и в рамках ШОС. Государственный сберегательный банк «Амонатбанк» является членом Межбанковского объединения ШОС с 2008 года. В рамках этого института эксперты и координаторы проводят регулярные переговоры и встречи для контроля за эффективным использованием предоставленных кредитов. Данные виды кредитов используются для развития сельского хозяйства, малого и среднего предпринимательства и оказания льготных финансовых услуг населению отдаленных районов страны.

Кредиты, предоставляемые Китаем Таджикистану, в основном, направлены на развитие двустороннего экономического сотрудничества. Они предоставлены по низким ставкам и на длительный срок, носят «связанный» характер, основными особенностями которого являются использование в ходе реализации проектов китайских материалов, оборудования, машин и технологий, а также частично китайской рабочей силы. Еще одной отличительной особенностью этих кредитов является то, что они используются для строительства и ремонта объектов инфраструктуры государственного значения.

Китай играет важную роль в экономическом и социальном развитии Таджикистана. В дальнейшем сторонам следует углубить сопряжение «Инициативы пояс и путь» с «Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», повысить эффективность таможенного оформления для создания благоприятных условий для расширения двухсторонней торговли и укрепить финансовые и инвестиционные связи.

В Таджикистане принята программа ускоренной индустриализации, в связи с чем привлечение большего количества китайских прямых инвестиций в промышленность и создание совместных предприятий может оказать положительное влияние на процесс ускоренной индустриализации экономики Таджикистана.

Выгодными направлениями сотрудничества сторон могут стать формирование промышленных зон и создание предприятий металлургической, цементной, текстильной, швейной, нефтеперерабатывающей сферы, производства продукции химической промышленности [10,12]. Таджикистан для развития сотрудничества в приоритетной сфере туризма за последние 5 лет представил привлекательные льготы и послабления для инвесторов и компаний по развитию туристической инфраструктуры.

Между тем, потенциал таджикско-китайского торгово-экономического сотрудничества освоен далеко не в полном объеме. Имеются широкие возможности для его значительного наращивания и диверсификации. В данном контексте считаем, что необходимо искать, открывать и осваивать новые направления и горизонты в инвестиционных проектах с активным привлечением частного бизнеса. Китайские компании перспективным направлением считают IT-сферу.

Уже есть предложения в области электронного правительства, «умного города», информационной безопасности и др.

Учитывая долгосрочный характер таджикско-китайского многопланового сотрудничества и твёрдое намерение наших стран укреплять стратегическое партнёрство, а также в целях наполнения его новым практическим содержанием ключевыми приоритетами дальнейшего развития взаимодействия могут стать следующие направления:

- экспорт из Таджикистана в Китай фруктов и овощей (таджикских лимонов, свежих и сухих абрикосов, персиков, арбузов, дыни, винограда, яблок, хурмы, грецкого ореха и гранат) и таджикской винно-водочной продукции;

- реконструкция и реабилитация действующих гидроэнергетических мощностей Таджикистана, а также строительство новых гидроэлектростанций средней мощности;

- развитие в Таджикистане производственных мощностей «солнечной» энергетики: производство фотоэлектрических панелей, водонагревателей, батарей, аккумуляторов и т.п., использующих энергию солнца;

- строительство региональной железной дороги «Китай - Кыргызстан - Таджикистан - Афганистан - Иран», которая сможет возродить южную ветвь «Великого Шелкового Пути» [9, 195];

- развитие и расширение взаимодействия Таджикистана и Китая в сферах производства строительных материалов, переработки хлопка-волокна и горнодобывающей и металлургической промышленности;

- строительство во всех регионах Таджикистана современных предприятий по полной переработке и утилизации мусора;

- создание парков знаний как особых территорий, которые обеспечивают привлекательную среду для инвесторов, фирм, корпораций, научных институтов и граждан для стимулирования их к продвижению новых технологий и предприятий с высокой добавленной стоимостью, либо виртуальных сетей фирм, корпораций и научных институтов, аналитических центров и граждан в рамках долгосрочного сотрудничества для создания, обмена и передачи знаний;

- создание коридоров знаний - технологических кластеров, охватывающих территории, на которых расположены базы знаний, университеты, высшие учебные заведения, исследовательские центры и отраслевые научно-исследовательские кластеры, предоставляющие услуги с высокой добавленной стоимостью;

- формирование региональной сети научно-исследовательских/аналитических центров для решения следующих задач: расширение доступа к источникам данных, информации и знаниям;

- усиление систематического обмена и интеграции знаний в регионе;

- использование возможностей «Инициативы один пояс - один путь», которая объединяет экономические интересы, как Таджикистана, так и других стран Центральной Азии. Ведь главная цель инициативы заключается в стимулировании общего развития и процветания, основанных на принципах совместного использования преимуществ каждой стороны во имя общего блага всех государств, расположенных вдоль Шелкового пути [3].

**Гузориши масъала.** Рушди инноватсионии соҳаҳо аз лиҳози таъмини рушди иқтисодии ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Тоҷикистон аз омодагии шаҳрвандон ва дигар мутахассисоне, ки метавонанд барои расидан ба ҳадафи мазкур саҳмгузорӣ намоянд, вобастагии зиёд дорад. Аз ин нуқтаи назар, нақши муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар вобаста аз он тағйиротҳое, ки дар ҷаҳони муосир рӯй дода истодаанд ва ба инобат гирифтани ин равияҳои рушд яке аз масъалаҳои муҳими тайёр намудани мутахассисони замони муосир мебошад, ки метавонад дар раванди моделсозӣ ва пешгӯии талаботи онҳо вобаста аз рушди минтақаҳо ба роҳ монда шавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни маълумоти оморӣ ва дигар маҷмӯи мақолаҳо, китобҳо, таҳқиқотҳои олимон ва инчунин бо истифода аз татбиқи грантҳое, ки барои рушди инноватсионии Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ҷудо карда шудаанд, мубрамият ва аҳамияти мавзӯъ муайян гардидааст. Зимни таҳлилу хулосабарориҳо вобаста аз таъмини тавозуни байни тайёр намудани мутахассисон ва ҷалби онҳо дар доираи рушди минтақаҳо аҳамияти махсус дошта, оиди ин мушкилот корҳои мақсаднок кам иҷро карда шудаанд. Бинобар ин, бо истифода аз назария ва амалияи моделсозӣ таваҷҷӯҳ намудан ба ин масъала метавонад дар татбиқи барномаҳои нави рушди минтақаҳо аз назардиди нав зери таҳлил қарор гирад.

**Мақсади мақола** – бо истифода аз назария ва амалияи рушди нерӯи инсонӣ асоснокнамоии илмӣ-методологии тайёр намудани мутахассисони замони нав барои рушди инноватсионии минтақаҳо ва зарурияти моделсозӣ ва дурнамосозӣ бо инобати таҷрибаи ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳадафҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [1, 2].

**Муҳтавои асосии мавод.** Рушди устувори кишварҳо то ба расидан ба ҳадафҳои рақобатпазирии иқтисодиёти ҳар як давлат ва баланд бардоштани нуфузи он аз нуқтаи назари таҳия ва татбиқи навгониҳо, баланд бардоштани сифати ҳаёт, рушди инфрасохтор ва дигар меъёрҳо аз сатҳу сифати тайёр намудани мутахассисон ва пешравии инноватсионии ҳар як мамлакат вобастагӣ дорад. Дар замони муосир ин мавзӯъ барои Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо намудааст. Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар марҳилаи рушди устувор дар ҳамаи соҳаҳо қарор дорад.

Таъмини босуръати рушди иқтисодӣ ва баланд гардидани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ ба он водор менамояд, ки бояд чунин мутахассисони варзидае тайёр карда шаванд, ки бо омодагии баланди касбӣ дар ҳалли масъалаҳо бо назардошти дастовардҳои ҷомеа саҳмгузорӣ карда тавониста, барои дар амал татбиқ намудани онҳо омодагии касбӣ дошта бошанд. Аз ин нуқтаи назар, зери мафҳумҳои «рақобат», «рақобатпазирӣ» чӣ тавре ки Д. Белл [3, с.9] аз нигоҳи ташаккули ҷаҳони тезтараққиёбандаи постиндустриалӣ қайд менамояд, чунин

аломатҳо ва омилҳое мебошанд, ки дар раванди расидан ба ин ҳадафҳо бояд ба инобат гирифта шаванд:

- ҷой доштани нақши калидӣ дар раванди аз худ намудани донишҳои назариявӣ, ки заминаи боэътимоди таҳия ва татбиқи навгониҳои технологиро ифода намоянд;

- ба вуҷуд овардани технологияи нави интегронидашуда, ки ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ мусоидат менамояд, ки на танҳо технологияҳои нав эҷод карда шаванд, инчунин роҳҳои самарабахши ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дарёфт карда шаванд;

- афзудани нақши заноне, ки дар таъмини истиклолияти иктисодӣ метавонанд саҳми беназир ва заминаи боэътимод гузоранд ва ғ.

Чӣ тавре ки маълум аст, ҳадафҳои умуммиллӣ зимни тайёр намудани мутахассисони варзида вобаста аз сатҳу донишу малакаи онҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсилот тарҳрезӣ карда шуда, заминаи баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва рушди нерӯи инсонии ҳар як давлатро ташкил менамояд. Бо истифода аз маълумотҳои оморii расмӣ, ҳоло дар Тоҷикистон 84 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, 87,2 ҳазор донишҷӯён ва 46 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар якҷоягӣ бо филиалҳо 218,1 ҳазор донишҷӯён вуҷуд доранд, ки ҳамчун заминаи боэътимоди баланд бардоштани нерӯи зеҳнии мамлакат ба ҳисоб мераванд [4, с. 50-54]. Оиди аҳамияти ин масъала дар Паёмии навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023 чунин таъкид баён гардидааст: «Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳамияти аввалиндараҷа доранд” [5].

Бо назардошти расидан ба ҳадафҳои стратегӣ бо истифода аз адабиётҳои муосир оид ба мафҳуми “рақобат” ва равандҳои зерин таваҷҷӯҳ мебояд кард [6, 7, 8, 9]:

- рақобат ҳамчун мафҳуми умумӣ бо истифода аз истилоҳоти соҳаи иқтисодӣ, чунин ҳолати муносибати байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони молҳоро меноманд, ки барои пазируфта шудан ба беҳтарин хислатҳои сифат, хизматрасонӣ ва дигар меъёрҳо фаъолияти худро ба роҳ мемонанд;

- шахси рақобатпазир аз нуқтаи назари истилоҳоти соҳаи таҳсилот шахсест, ки ӯ на танҳо маҷмӯи донишу малакаҳои соҳаҳои гуногуни илмро мақсаднок аз бар карда метавонад, инчунин қодир аст худро пайваста такмил диҳад (вобаста аз мақсади гузошташуда);

- мутахассиси рақобатпазир аз нуқтаи назари истилоҳоти соҳаи таҳсилот - хатмкунандаи зинаҳои гуногуни таҳсилот аст, ки донишу малакаи гирифтаи ӯ аз рӯи ихтисос ва равия ба талаботи байналмилалии таҳсилот ҷавобгӯ буда, метавонад дар озмуни ишғоли вазифа дар бозори озоди меҳнат ширкат варзида, соҳиби ҷойи кор гардад;

- болоравии мансабӣ, тарзи расидан ба ҳадафҳои гузошташуда натиҷагирӣ аз фаъолияти пурсамар мебошад, ки зимни муаррифии бартарии донишу малака ва маҳорат назар ба дигарон, инчунин ҷавобгӯ будан ба меъёрҳои талаботи касбӣ-тахассусӣ (профессиограмма) дар асоси озмуни озод ба инобат гирифта мешавад;

- рақобатпазирӣ дар бозори озоди меҳнат, миқдори зиёди хоҳишмандони омодаи кор аз рӯи фаъолият ва корфармоён аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои рушд дар асоси озмуни озод ва талаботи касбӣ-тахассусӣ (профессиограмма) кормандонро ҷалб менамоянд.

Маълум аст, ки рейтинги давлатҳо аз нуқтаи назари рушди нерӯи инсонӣ, инчунин бо назардошти расидан ба ҳадафҳои касбӣ-тахассусии ҳар як донишҷуе, ки дар ин ё он зинаи таҳсилот аз рӯи ихтисос ва равия таҳсил намуда истодааст ва ё муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм намудаанд, вобаста аз нишондодҳои синну сол ҳамчун ҷамъшавандаи муҳими муайян

намудани индекси рушди нерӯи инсонӣ (ИРНИ) муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, меъёрҳо раддабандӣ карда шуда, бо шарҳи алоҳида ва формулаҳои заминавӣ муайян карда мешаванд [10]. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми муайян намудани индекси таҳсилот (Итаҳ) ду ифодакунанда ба асос гирифта мешавад: миқдори хонандагоне, ки ба ҳамаи зинаҳои таҳсил аз 7 то 24 солагӣ фаро гирифта шудаанд (ИП), инчунин миқдори аҳолии сатҳи заминавии маълумотдошта аз 15 сола боло (Иг). Бо назардошти чунин щарҳи овардашуда аз ҷониби С.А. Баженов ва Н.С. Маликов формулаи заминавии зерин пешниҳод шудааст:

Итаҳ=2/3Иг+1/3Ип (1),

Ҳамин тариқ, индекси рушди нерӯи инсонӣ (ИРНИ) бо истифода аз формулаи пешниҳоднамудаи М.Г. Назаров бо чунин тарз муайян карда мешавад [11].

ИРНИ=(Ипж+Иммд+Итаҳ)/3 (2)

Аз ҷониби коршиносони БРСММ, ҳар як сол вобаста аз нишондодҳои ИРНИ ба сатҳи рушди нерӯи инсонии давлатҳо баҳогузорӣ карда мешаванд. Дар ин доира давлатҳо ба 3 гурӯҳи шартӣ шомил дониста мешаванд. Ба гурӯҳи якуми давлатҳо бо ИРНИ=0,800 мамлакатҳои тарққикарда ворид мешаванд. Агар ин нишондод аз 0,799 то 0,500 тағйир ёбад, ин пешравиҳо ба гуруҳи рушди миёна мансуб дониста мешаванд. Агар ИРНИ 0,499 кам бошад, пас ин гуруҳи давлатҳо ба гуруҳи рушди пастдошта шомил мебошанд. Тибқи маълумотҳои ҷойдошта, аз рӯи ИРНИ Тоҷикистон бо нишондоди 0,685 дар байни давлатҳои ҷаҳон ҷойи 122-ро дар соли 2021 ишғол менамояд. Дар назар дошта мешавад, ки ин нишондод дар соли 2023 вобаста аз оне, ки ММД назар ба соли 2022 ба 8,3% зиёд гардидааст, пас эҳтимолияти таъсир трасонидан ба нишондодҳои ИРНИ аз нигоҳи баландшавии нишондод вуҷуд дорад.

Вобаста аз оне, ки дар зинаҳои гуногуни таҳсилот миқдори зиёди ҷавонон – мутахассисони оянда ва дигар намояндагони қишри ҷомеа имконияти воқеии на танҳо гирифтани таҳсилот, инчунин худташаккулёбии касбиро низ доранд, бинобар ин масъалаҳоеро, ки зимни истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун нерӯи зеҳнӣ ва эҷодӣ ба инобат мегиранд, бо назардошти онки дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон масъалаҳои рушд дар якҷоягӣ ба таъмини рақобатпазирии давлат мусоидат намоянд, чунин ҷамъшавандаҳо метавонанд дар пайдарҳамии мантиқии зерин зимни расидан ба ҳадафҳои самаранокии иқтисодӣ, моделсозӣ ва дурнамосозии тайёр намудани кардҳо ба асос гирифта шавад:

ФП1 А1Х1Т1R1 НР1 ФП2 А2Х2Т2R2 НР2 ... ФПn AnXnTnRn НРn (3),

Дар инҷо n – миқдори ихтисос ва равияҳое, ки аз рӯи онҳо мутахассисон дар зинаҳои гуногун аз нигоҳи таъминоти кадрӣ тайёр карда мешаванд; А1- миқдори донишҷӯёни МТОК, ки аз рӯи ихтисос ва равияҳои алоҳида дар мӯҳлатҳои муайян таҳсил менамоянд (бо иловаи хатмкунандагон тайи се соли охир, тибки Карори махсуси Хукумати Ҷумхурии Точикистон); Х1 - индекси шартии ифодакунандаи равия ва ихтисосҳо аз рӯи классификатори тасдикшуда; Т1 - тақсимоти эҳтимолӣ ва қабул ба кор аз рӯи ихтисос бо назардошти нишондодҳои омории эҳтиёҷот ба онҳо дар бозори озоди меҳнат; R1- мавҷудияти хавфи бе таҳлилу хулосабарории оморӣ ва ояндабинӣ тайёр намудани кадрҳои касбӣ-тахассусӣ ва аз ин нуқтаи назар халалдор шудани тавозуни байни эҳтиёҷот ва миқдори тайёр кардани кадрҳо; ФП - таъиноти мақсадноки тайёр кардани мутахасс аз рӯи равияи муайяншуда; НР - таҳлили самаранокии маблағгузории тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои молиявӣ.

Зимни таҳияи модели пешниҳодшуда (формулаи 3), ба асос гирифта шудааст, ки нишондиҳандаҳои заминавии ММД бевосита аз индекси рушди ҳамаҷониба, яъне мутавозини ҳамаи соҳаҳои иқдисодиёти кишвар, аз он ҷумла рушди ҳар як шаҳр, ноҳия, минтақа, ширкатҳо, корхонаҳо ва ғайра (ИРҲ) вобаста аст. Ин индекс нишондиҳандаи умумии мушаххаси (ба сари ҳар

як аҳолӣ), миқдори фондҳои асосии ҷойдошта, яъне сармояи воқеӣ (НСВ), сармояи инсонӣ (НСИ-иқтидори нерӯи меросӣ ва иҷтимоии шахс) ва сармояи экологӣ (НСЭ) - ро тавсиф мекунад. Аз ҷониби олимон В.В. Бушуев ва В.С. Голубев ин вобастагиҳо чунин ифода карда шудаанд [12, с. 74].

ИРҲ= НСВ+ НСИ+НСЭ, (4).

Аз ин нуқтаи назар, ба нишондоди муҳим ва таваҷҷуҳпазир индекси рушди синтетикӣ (ИРС), ки чунин ҷамъшавандаҳоро дар бар мегиранд, яъне:

Таҷдиди мушаххаси сармояи генетикӣ (МСГ), ки нишондодҳои таваллуд дар як солро, ки ба як одам рост меоянд (L), ҳамчун маънои нерӯи генетикӣ ҳангоми таваллуд (НГТ) бо ифодаи зерин пешниҳод карда мешавад:

МСГ= НГТf (L) (5)

Андозаи индекси нерӯи иҷтимоӣ (ИНИ) чунин аст ИНИ=ХИβ (L) (6), ки дар инҷо ХИ-хароҷоти иҷтимоӣ барои як нафар дар як сол, пеш аз ҳама, мансуб ба фарогирӣ ба таҳсилот (бо ифодаи доллари ИМА), β – бузургии доимӣ мебошад.

Индекси мушахасси сармояи маънавӣ (ИСМ) чунин ифода карда мешавад: НСР=ИСР f (L) (7), ки дар инҷо ИСМ -афзоиш ёфтани сармояи маънавӣ бо мурури замон мебошад.

Нишондиҳанда ва системаҳои асосии дар формулаҳои 3-7 овардашуда зимни баҳогузории муқоисавӣ аз нигоҳи расидан ба ҳадафҳои рақобатпазирӣ, ки аз ҷониби Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ ҳар сол як аз рӯи 188 аломат муайян карда мешавад, ба асос гирифта мешаванд ва дар раванди расидан ба ҳадафҳои "Аз рақобатпазирии иқтисодиёт ба рақобатпазирии давлат ва аз рақобатпазирии давлат ба рақобатпазирии миллат" равона карда мешаванд. Ба маҷмӯи нишондодҳои зикргардида, чӣ тавре ки Фатхуддинов Р.А. қайд менамояд, меъёрҳои баҳогузории зерин, яъне: "маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар як сари аҳолӣ (К1), сатҳи бекорӣ (К2), сатҳи ташаккули бозори молиявӣ (К3), маржаи бонкӣ (К4), сатҳи ташаккули технологии мамлакат (К5), фаъолнокии инноватсионии ширкат (К6), хароҷоти ширкат барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ (К7), сатҳи ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот (К8), рабудани ақлҳо (К9), сатҳи таъмини истеҳсолот ва дигар сохторҳои идоравӣ бо компютери фардӣ (К10), сифати инфраструктура дар мамлакат (К11), ҳифзи моликияти зеҳнӣ (К12), самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ (К13), сатҳи ҷинояткорӣ (К14), хароҷоти бизнес барои кам кардани сатҳи коррупсия (К15), монеаҳо оид ба ташаккули соҳибкории нав (К16), сатҳи интегратсияи субъектҳои хоҷагидорӣ ва бозорҳои молиявӣ (К17), афзалиятнокии рақобатии ширкат (К18), сатҳи ташаккули маркетинг (К19), сармоягузорӣ барои тайёр ва бозомӯзии кормандон (К20)"[14, с. 21] мансуб мебошанд.

Дар доираи расидан ба меъёрҳои баҳогузории пешниҳодгардида боиси таваҷҷуҳи махсус он масъалае мебошад, ки то чӣ андоза миқдори мутахассисони тайёркардашаванда дар таносуб ба миқдори аҳолӣ чӣ гуна ҷой дорад. Дар доираи таҷрибаи ҷаҳонӣ аз рӯи меъёри тайёр намудани мутахассисон ба ҳар як 100 ҳазор нафар аҳолӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Тоҷикистон аз рӯи ин нишондоди мазкур дар ин доираи "218 нафар донишҷӯ ба 10 ҳазор аҳолӣ рост меояд" [4, с.53], яъне 2180 нафар ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ, ки дар муқоиса ба чунин давлатҳо, яъне "Канада (6980), ИМА (5546), Ҷумҳурии Корея 4756, Норвегия 4111, Финляндия 3902, Фаронса (3623), Туркия 1350, Арабистони Саудӣ 1050 ва Бразилия 100" дар ҷойи нисбатан баланд қарор дорад [15, с.119].

Бо назардошти расидан ба ҳадафҳои рушди нерӯи зеҳнӣ аз нуқтаи назари ояндабинӣ бо истифода аз маълумоҳои омории соли 2022 чунин нишондодҳо мавҷуданд, миқдори умумӣ - 239500 нафар, аз ҷумла, миқдори таҳсилкунандагон аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон - 30500

нафар (13,0%), кишоварзӣ - 11600 нафар (5,0%), иқтисодиёт - 62400 нафар (26%), тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - 23800 нафар (9,9%) системаи маориф - 102000 нафар (42,5%), фарҳанг ва санъат - 4900 нафар (1,6%) ва дигарон 4400 - (1,4%). Дар соли таҳсили 2023-2024 бошад, ин нишондодҳои оморӣ каме коҳиш ёфтанд, яъне миқдори донишҷӯён 218100 нафарро ташкил додаанд, ки назар ба соли 2022 қариб 1 % - кам аст.

**Ҷадвали 1.**

**Меъёрҳои тайёр намудани мутахасиссон ба ҳар як 100 ҳазор аҳолӣ дар ҷаҳон.**

| Канада | ИМА | Ҷумхурии Корея | Норвегия | Финляндия | Фаронса | Туркия | Арабистони Саудӣ | Бразилия |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6980 | 5546 | 4400 | 3800 | 3700 | 3623 | 1350 | 1000 | 500 |

Ҳар як донишҷӯ-мутахассиси оянда ва ё мутахассисоне, ки муассисаи таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбиро хатм намудаанд, аз нуқтаи назари модели пешниҳод намудаи Ш.Лойшен чунин шарҳ дода мешавад: “ҳар як шахс дорои ҷаҳонбинӣ, эҷодкорӣ, маҳсулнокӣ, оқилӣ, шуурнокӣ, хирад, эҳсосот, тасаввурот, эътиқод ба оянда, интихоб, қабул, ҳамдардӣ, роҳбарӣ, инчунин дорои хосиятҳои махсусе, аз қабили эҳсосотнокӣ, эътирози шахсӣ ва ғайра мебошад” [14]. Аз ин нуқтаи назар, агар модели нерӯи фардии инсон пешниҳод карда шавад, онгоҳ дар он 6 ҷузъиёти вобастаи ба ҳам алоқамандро дидан мумкин аст:

1) эътиқод ва манфиатҳо;
2) дониш ва таҷриба;
3) саломатӣ ва нерӯи қавӣ;
4) ақл ва хислат;
5) муҳити зист ва ҳамкори бо ҷомеа;
6) захираҳо ва ҳуқуқҳо.

Зери мафҳуми «нерӯи инсонӣ» (НИ) «нерӯи фардӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ё ҷомеа, ки онҳо аломатҳои дар боло номбаршударо доранд, яъне маҷмӯи сифатҳо, аз ҷумла қобилияте, ки фаъолияти пурсамари инсонҳоро таъмин менамояд», мебошад. Бо истифода аз адабиёти мазкур захираҳои меҳнатӣ қисми аҳолие, ки дорои инкишофи зарурии ҷисмонӣ, кобилияти ақлонӣ ва дониши заруриро дошта, барои иштирок кардан дар раванди саҳмгузории мехнати фоиданоки ҷамъиятӣ фаъолнокӣ нишон медиҳад, дар назар дошта мешавад (ба истиснои маъюбон гуруҳи махсус ва нафақахӯрони имтиёздошта). Ба ин гурӯҳ инчунин нафақахурони дар як вақт ба фаъолияти меҳнатӣ фарогирифташуда ва наврасони аз 16-сола боло, ки метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ низ ҷалб карда шаванд, мансуб мебошад» [15, с. 111].

Нишондоди муҳими дигар ин шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (ШАИФ) ба ҳисоб меравад. Ба ин гуруҳ «танҳо одамони синну соли қобили меҳнат ворид карда мешаванд, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ амалан иштирок мекунанд ва ё дар он иштирок кардан мехоханд. Ин чунин маъно дорад, ки ба ШАИФ шахсоне дохил намешаванд, ки бо фаъоляити фардии шахсӣ худ ё дар хоҷагии ёрирасон машғуланд, инчунин донишҷӯёне, ки ба синни қобили меҳнат расидаанд, вале дар мактаб ё дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ рӯзона таҳсил менамоянд». Оиди мафҳуми «омили инсонӣ» ин ба «таври объективӣ он паҳлуҳои мансуб ба қобилияти меҳнатӣ доштани шахсро ифода намуда, таъкид ба он заминае мебошад, ки танҳо одамон метавонанд воситаҳои истеҳсолотро ба вуҷуд оваранд, онхоро ба ҳаракат дароранд,

инкишоф ва такмил диҳанд ва, аз ин рӯ, такрористеҳсол васеи онҳоро таъмин намоянд. Ин мафҳуми заминавӣ маҷмӯи ҳамаи зуҳуроти имконпазири моҳияти фаъолияти инсон, фаъолияти эҷодии ҷамъиятии он ва ҳамаи паҳлуҳои имконпазири фаъолияти инсонро чӣ дар сатҳи шахсияти алоҳида ва чӣ дар сатҳи фаъолияти якҷояи меҳнатӣ фаро мегирад» [6].

Аз нуқтаи назари мафҳумҳои дар боло истифодашуда қобили қайд аст, ки Тоҷикистон ба маҷмӯи давлатҳои захираҳои меҳнатии зиёддоштаи ҷаҳон мансуб аст. Оид ба ин мавзӯъ тадқиқотҳои соҳавӣ аз ҷониби олимони Тоҷикистон, аз он ҷумла Ашуров С.Б. ва дигарон [17] гузаронида шудаанд, ки метавонанд зимни таҳияи талаботи касбӣ-тахассусӣ, масъалаи ташаккули донишҳо ва рушди касбияти онҳо ва, аз ин нуқтаи назар, қодир будан ба ҳалли масъалаҳои, на танҳо дар доираи як давлат ҷойдошта, инчунин фаҳмидан, муқоиса карда тавонистан, асосҳои лоиҳакашии мансуб ба рушди соҳаҳоро донистан истифода карда шаванд. Бинобар ин, дар Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодӣ (ПИТИ/) мавзӯи илмӣ-таҳқиқотӣ бо номи “Моделсозӣ ва дурнамосозии тайёр намудани кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” оғоз гардид, ки мақсади асосии он зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор додани масъалаи мазкур ҳам бо иштироки олимони Пажӯҳишгоҳ ва кормандони масъули Вазорати рушди иқтисод ва савдо, коршиносони дохил ва хориҷи кишвар дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Кумита оид ба таҳсилот ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои мутасаддӣ мебошад.

Дар доираи вазифаҳои муҳими корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳалли чунин масъалаҳо низ ба нақша гирифта шудаанд:

- баланд бардоштани боз ҳам дақиқияти нишондиҳандаҳои дурнамои тайёр намудани кадрҳо қариб ба 80% нисбат ба иҷрои воқеӣ;

- ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои воқеӣ бо мақсади дақиқ таҳия намудани нишондиҳандаҳои дурнамои тайёр намудани кадрҳо;

- омода намудани на кам аз 5 нафар коршиносон, аз ҳисоби кормандони вазорат барои омӯзиши минбаъдаи мутахассисон дар самти таҳияи нақшаҳои қабул;

- ташкили силсилаи мизҳои мудаввар дар Пажӯҳишгоҳ ва ё Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар минтақаҳои гуногуни мамлакат бо гузаронидани силсилаи вохуриҳо, таҳқиқотҳои стратегӣ ва ғайра. Инчунин дар доираи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкили на кам аз аз 1 конференсияи илмӣ-амалиявӣ оиди мушкилот ва дурнамои тайёр намудани мутахассисон ва хусусиятҳои хоси моделсозӣ ва ғ.

Дар доираи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ чопи мақолаҳо, таҳияи монографияҳо ва дигар маводҳо низ ба сомон расонида мешаванд, чунки таъмини рушди инноватсионии давлат ва татбиқи навгониҳо, натиҷагирӣ аз онҳо аз тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сарчашма мегирад.

Чӣ тавре ки аз талаботи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти воридшавии Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот бармеояд, аз он ҷумла, дар Хартияи умумиҷаҳонии донишгоҳҳо дарҷ гардидааст, ки «...таълимгоҳҳои олӣ бояд тамоми шароитҳои созгорро барои гирифтани таҳсилот ва худташаккулёбии толибилмон муҳайё созанд, то ки онҳо бо як эҳтироми хоса ва тағйиротҳои дар ҷаҳон ва ҳаёти шахсии онҳо ба вуқуъоянда бо ҳисси боварӣ нигаранд» [18, с. 364].

Бо истифода аз мазмуну мундариҷаи таҳлилҳои болоӣ ва ҷузҳои таркибии дар расми 1 овардашуда дар доираи иҷрои мавзӯи илмӣ-таҳқиқотӣ аз нигоҳи моделсозӣ ва дурнамосозии тайёр намудани кадрҳо аз лиҳози пешгуии рушди соҳаҳо, рушди инноватсионии ҳар як ноҳия ва шаҳр, вилоятҳо, аз он ҷумла деҳаҳо, ҷамоати деҳот ва дигар унсурҳо чунин пайдарҳамӣ ва

алгоритми омодасозии кадрҳо пешниҳод карда мешавад [1, с. 2]. Онҳо аз назария ва амалияи гуногуни рушди иқтисодиёти ба доништакякунанда, аз он ҷумла бо истифода аз модели Р. Солоу, Р. Харрарда, Е. Домара, модели В.Леонтьев, модели васеъшавии иқтисодиёти фон Нейман дар асоси алгоритми таҳлилӣ-хулосабарорӣ сарчашма мегиранд [19, с. 20].

Дар ин ҷо:

1 – таҳияи моделҳои самараноки тайёр кардани мутахассисони рақобатпазири замони нав ва дар ин раванд истифода бурда тавонистани нерӯи зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯён барои рушди инноватсионии соҳаҳо ва боварӣ бахшидан ба онҳо оид ба худтатбиқнамоӣ аз рӯи ихтисос ва равия;




**Расми 1. Модели ҳадафҳои стратегии тайёр намудани мутахассисони замони нав аз лиҳози рақобатпазиргардонӣ дар раванди идораи тағйиротҳо ва рушди инноватсионии соҳаҳо дар доираи вазифаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ**

I – омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи имкониятҳои иқтисодии кишвар ва роҳҳои расидан ба муваффақиятҳои давлатҳо оид ба идораи дониш ва навгониҳо. Ҷалб намудани донишҷӯён, магистрантҳо, олимони ҷавон дар зинаҳои фарогирии доктор PhD ба таълими муқоисавӣ ва таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба истифодаи имкониятҳо барои тақвияти нерӯи инсонӣ ва зеҳнӣ;

II – таҳияи модели консептуалии рушди ҳар як равияи иқтисодӣ ҳамчун заминаи ба даст овардани муваффақият дар ҳамаи соҳаҳо ва муайян намудани нақши мутахассисон дар ин раванд;

III – дар асоси озмун таҳия намудани роҳҳои имконпазири рушд бо назардошти роҳҳои алтернативӣ, вариативӣ ва натиҷагирӣ аз ҳар як пешниҳод бо асосноккнамоии илмӣ ва муқоисавии таҷрибаҳо;

IV – таҳияи манбаи додашудаҳо оид ба муайян намудани тактика ва стратегияи ба даст овардани муваффақият да ҳар як соҳа;

V – ташкили Маркази идораи донишу навгониҳо ва дастгирии истеъдодҳо, ҳимояи ғояҳои муаллифӣ ва ҷалби донишҷӯён, магистрантҳо, олимони ҷавон дар зинаҳои фарогирии доктор PhD оид ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ;

VI – вобаста аз интихоби модели тараққиёт ва муваффақият ҷалби донишҷӯён, магистрантҳо, олимони ҷавон дар зинаҳои фарогирии доктор PhD оид ба аз худ намудани донишҳои нав зимни иҷрои корҳои мустақилона, лоиҳаҳои эҷодӣ, корҳои курсӣ, дипломӣ ва маҳфилҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. А - идораи донишҳо; Б - идораи тағйиротҳо; В - татбиқи навгониҳо; МТОК -

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; ПИТ ва МИ - пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ ва марказҳои инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ рушди инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии ҳар як мамлакатро омодагии касбии мутахассисони оянда ташкил медиҳад, ки таҷрибаи ҷаҳонии расидан ба ҳадафҳои мазкур мисоли воқеии чунин ибрози ақида мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур моделсозӣ ва дурнамоисозӣ хеле муҳим аст. Зимни ба роҳ мондани масъалаҳои мазкур, дар мадди аввал ба инобат гирифтани талаботи соҳаҳое, ки характери инноватсионии рушди мамлакатро таъмин менамоянд, дуюм - ба асос гирифтани тавозуни тайёр кардани кадрҳо ва эҳтиёҷот ба онҳо, сеюм - таҳия ва татбиқи талаботи касбӣ-тахассусӣ барои мутахассисоне, ки дар зинаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ таҳсил карда истодаанд, чорум -ҷалби мутахассисоне, ки таълимгоҳҳои мазкурро хатм намудаанд ва аз ин нуқтаи назар дар доираи таҳияи моделҳо аҳамияти хоса додан ба маблағгузории кадрҳо дар оянда ва пешниҳод ва асоснок намудани меъёрҳои самаранокии иқтисодии ба дастомада, гузаронидани тадқиқотҳо ва таҳлилҳои мушахасс зарур аст.

## АДАБИЁТ


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. - 87 с.

2. Мир в цифрах - 2015. / [Перевод с англ. О. Лазуткиной]. - М.: Издательство «Олимп-Бизнес», 2015. – 272 с.

3. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования. - М., 2004.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023 (нашри расмӣ). – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» (28.12.2023). - Душанбе, 2023

6. Журавлев П.В., Карташов С.А., Маусов Н.К., Одегов Ю.Г. Персонал. Словарь понятий и определений- М.: «Экзамен», 1999. – 512 с.

7. Гурков И.Б. Инновационное развитие и конкурентоспособность. Очерки развития российских предприятий. -М.: ТЕИС, 2003

8. Энциклопедия «Карьера». ООО «РТВ-Медиа». - М., 2007. - 288 с.

9. Шоев Н.Н., Хушвахтов А.А., Шоев А.Н. Конкурентология и саморазвития личности: учебное пособие для вузов. - Душанбе: «Ирфон», 2016. - 508 с.

10. Баженов С.А., Маликов Н.С. Качество жизни населения: теория и практика (по результатам исследования качества жизни населения г. Белгорода) // Уровень жизни населения регионов России. - М., 2002. № 10. - С. 1-46

11. Назаров М.Г. Курс социально-экономической статистики. - М.: Издательство «Омега-ЛГ», 2010. - 1016 с.

12. Прыкин Б.В. Глобалистика//Учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности экономики и управления, «Политология» и «Международное отношения»//Б.В. Прыкин.- М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 463 с.

13. Сарчашмаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

14. Фатхуддинов Р.А. Управление конкурентоспособностью оргганизации//Учебное пособие / Р.А. Фатхуддинов. - М.: Изд-во “Эксмо”, 2004. - 544 с.

15. Максаковский В.П. Географическая картина мира: в 2 кн. Книга первая: общая характеристика мира. - М., 2003. - 496 с.

16. Шерон Лойшен. Психологический тренинг умений. Школа Вирджинии Сатир. - СПб.: Питер, 2001. - 160 с.

17. Ашуров С.Б. Формирование и регулирование рынка труда в трудоизбыточном регионе: теория и практика. - Душанбе: «Ирфон», 2012. - 320 с.

18. Гретченко А.И. Болонский процесс: интеграция России в Европейское и мировое образовательное пространства// А.И. Гретченко, А.А. Гретченко. - М.: КНОРУС, 2016. – 430 с.

19. Белокрылова О.С. Теория переходной экономики//учебное пособие. - Ростов-на-Дону: «Феникс», 2002. -352с.

20. Абдикеев Н.М. Экономика, основанная на знаниях и инновационное развитие. https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomika-osnovannaya-na-znaniyah-i-innovatsionnoe-razvitie

***Маълумот дар бораи муаллифон: Шоҳиён Нуралӣ Набот***- *номзади илмҳои техникӣ, доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор, сардори шӯъбаи рушди нерӯи инсонии Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 14а.*

***Тел.:*** *935806222*

***E-mail:*** *shoev_n@list.ru*

***Зайниддинзода Саидмурод Ҷумъамурод*** – *номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 14а.*

***Тел.:*** *901666015*

***E-mail:*** *s.zayniddinzoda@mail.ru*

***Насриддинзода Рухшона Ҳикматулло*** – *муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 37.*

***Тел.:*** *918629149*

***E-mail:*** *info@medt.tj*

***Информация об авторах: Шохиён Нурали Набот*** - *кандидат технических наук, доктор педагогических наук, и.о. профессор, руководитель отдела развития человеческого потенциала «Научно-исследовательского экономического института Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан».*

***Адрес:*** *Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Айнӣ, 14а.*

***Тел.:*** *935806222*

***E-mail:*** *shoev_n@list.ru.*

***Зайниддинзода Саидмурод Джумамурод*** - *кандидат экономических наук, директор «Научно-исследовательского экономического института Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Айнӣ, 14а.*

***Тел.:*** *901666015*

***E-mail:*** *s.zayniddinzoda@mail.ru*

***Насриддинзода Рухшона Хикматулло*** - *заместитель министра экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Бохтар, 37.*

***Тел.:*** *918629149*

***E-mail:*** *info@medt.tj*

***Information about the author: Shokhiyon Nurali Nabot** - candidate of technical sciences, doctor of pedagogical sciences, acting. Professor, Head of the Department of Human Potential Development, Economic Research Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 14a.*
***Tel.:** 935806222*
***E-mail:** shoev_n@list.ru.*
***Zainiddinzoda Saidmurod Jumamurod** - Candidate of Economic Sciences, Director of the Economic Research Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 14a.*
***Tel.:** 901666015*
***E-mail:** s.zayniddinzoda@mail.ru.*
***Nasriddinzoda Rukhshona Khikmatullo** - Deputy Minister of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar street, 37.*
***Tel.:** 918629149*
***E-mail:** info@medt.tj.*

УДК:

# СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Кошонова М.Р.**

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические и практические вопросы социально-экономическое развитие регионов Таджикистана, теории зарубежной региональной экономики, как пространственная экономика. Пространство оценивается как дистанция, как местность и жизненное пространство, где происходит экономические процессы в различных отраслях экономики. Акцент на развитие таджикской региональной экономики позволяет расширить и углубить, исследования региональной экономики в Таджикистане. Приведенный анализ процессов рынка труда и инвестиционного потенциала регионов отражает теоретические основы региональной экономики

Предложены основные направления реформирования региональной экономики с учетом развития рыночного механизма, изменения структуры собственности, а также совершенствования системы государственного управления и расширения экономических прав регионов.

**Ключевые слова:** региональная экономика, пространственная экономики, дистанция, местность, жизненное пространство, рынок труда региона, инвестиционный потенциал региона, развитие человеческого капитала, устойчивое развитие региона

# ҶАНБАЪҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА ДАР ТОҶИКИСТОН

**Кошонова М.Р.**

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон, назарияҳои иқтисоди минтақавии хориҷӣ, ҳамчун иқтисоди фазоӣ баррасӣ шудаанд. Фазо ҳамчун масофа, ҳамчун рельеф ва фазои зист баҳо дода мешавад, ки дар он протсессҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба амал меоянд. Таваҷҷӯҳ ба рушди иқтисоди минтақавии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки тадқиқоти иқтисоди минтақавии Тоҷикистонро васеъ ва амиқ гардонем. Таҳлили дар боло зикргардидаи равандҳои бозори меҳнат ва нерӯи сармоягузории минтақаҳо асосҳои назариявии иқтисодиёти минтақаро инъикос менамояд

Самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодиёти вилоят бо назардошти инкишофи механизми бозор, тағйироти сохтори моликият, инчунин такмили системаи идоракунии давлат ва васеъ намудани ҳуқуқҳои иқтисодии минтақаҳо пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти фазоӣ, масофа, релеф, майдони зист, бозори меҳнати минтақавӣ, иқтидори сармоягузории минтақа, рушди сармояи инсонӣ, рушди устувори минтақа

# SOCIO-ECONOMIC ASPECTS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY IN TAJIKISTAN

**Koshonova M.R.**

**Annotation.** The article discusses theoretical and practical issues of socio-economic development of the regions of Tajikistan, the theory of foreign regional economics, as a spatial economy. Space is assessed as

a distance, as a locality and living space, where economic processes occur in various sectors of the economy. The emphasis on the development of the Tajik regional economy allows us to expand and deepen the study of the regional economy in Tajikistan. The presented analysis of the labor market processes and investment potential of the regions reflects the theoretical foundations of the regional economy.

The main directions of reforming the regional economy are proposed, taking into account the development of the market mechanism, changes in the ownership structure, as well as improving the public administration system and expanding the economic rights of the regions.

**Keywords:** regional economy, spatial economy, distance, locality, living space, regional labor market, regional investment potential, human capital development, sustainable development of the region

**Постановка проблемы.** На современном этапе социально - экономические аспекты устойчивого развития регионов в Таджикистане является одним из наиболее актуальной. Теоретические разработки требуют своего совершенствования в вопросах определения понятийного аппарата региональной экономики, как “пространственная экономика”, “дистанция”, “периферия”, “жизненное пространство”, “пространство как местность” ее приемлемость в услоиях Таджикистана и её сязи с инновационным развитием. Современные теоретические знания необходимы создание новых рабочих мест и более активное вовлечение населения в экономике страны. Эти знания необходиы также для интеграции регионов республки в условиях глобализации, когда перемещения трудовых ресурсов требует определенных инновационных знаний.

**Анализ последних исследований.** Корни экономики частного сектора берут свое начало из классической экономики, но теоретическую обоснованность этой теории еще в 19 веке дал А. Маршалл. Современные отечественные исследователи акцент делают в основном на использование природных ресурсов и их модернизацию (А.Д.Ахророва, Сафаров Б.Г., Х.А.Одинаев, Х.Р.Исайнов, Т.Б.Ганиев, Н.К.Каюмов, Х.М.Мухабатов, Х.У.Умаров, С.Дж.Комилов), а теоретические вопросы, затрагивающие социальные аспекты, остаются недостаточно изученными.

**Цель статьи.** Раскрыть понятийный аппарат «пространственной экономики» с теоретической точки зрения и ее приемлемость в условиях Республики Таджикистан.

**Краткое содержание.** Основы и особенности региональной экономики раскрыл английский ученый - экономист А. Маршал. Он показал (1898), что концентрация отрасли в определенных окрестностях обеспечивает им более высокие экономические показатели, которые отражаются в двух основных факторов. Первый фактор – эта производительность, которая объяснена рынком, но также неофициальными нерыночными взаимодействиями между фирмами, представляющие вызванными внешними эффектами преимущества. Второй фактор - интеграция отрасли в локальном обществе, которое обеспечивает дополнительные ресурсы и солидарность в районе.

Последователями маршалианской теории стали неоклассики, институционалисты, неошумпетеристы. Они дали экономике новый импульс в ее развитие, она приобрела новую облицовку, как пространственная экономика, основополагающей концепций которой является конвергенция региональной экономики, требующей новых теоретических исследований и заключений.

Современные зарубежные исследования предлагают три подхода к изучению региональной экономики: **пространство как дистанция,** пространство как местность, жизненное пространство (ливинг спейс) [11].

**Дистанция** является первым определением в теории пространственной экономики. Гетерогенность (разнородность) пространства как дистанция означает изменение экономических

условий, представленное в привычках, в ресурсах. Дистанция в гомогенном пространстве основывается на понимание географической дистанции. В экономике в большинство случаях дистанция рассматривается как стоимость. Стоимость торговли, а иногда стоимость за мобильность факторов производство: труда и капитала. В недавнее время благодаря интернету и информационных технологий (IT) географическое расстояние совпадает все меньше и меньше с близостью экономических субъектов.

**Пространство как местность.** Второе понимание пространство заключается в том, что действие происходит в полярном пространстве, в одном центре и в одной переферии. В таком понимании экономика пространства акцентирует внимание на местность, центра в котором сконцентрировано население и ресурсы, а также внимание направлена на динамику строительства в этой местности. Центральный объект здесь является город, который анализируется в рамках теории агломерации и экономики города. Вторая установка направлена на отношения между местностью и окружающей его среды или периферии через механизмы распространения его влияния, о чем отмечает французский ученый Ф. Перу (1995) в своем исследование «Источники экономического роста и распространение неравенства в некоторых местах».

**Жизненное пространство** описывает живущих людей в определенных пространствах. Это население, которое производит, потребляет, живет, развивается в различных областях, т.е. территориях. Человек имеет связь с прошлым, настоящим и будущим и это отражается в их действиях, манерах, привычках. Любая местность, где проживает население, имеет свое прошлое и будущее. Она имеет свою историю в каждой отдельно взятой территории, которое показывает не только наличие определенных экономических ресурсов, но и определенную культуру, менталитет и они отличаются уникальной идентичностью и каждой отдельно взятой территории. Настоящее пространство представляет собой больше всего социологическое понятие в комбинацией с региональными или местными акторами. Также это местность, где акционеры собираются и взаимодействуют, и имеют уникальную возможность комбинировать свои действия. В этом смысле пространство понимается как экономическая сцена, где собираются игроки, настроенные на краткосрочном или долгосрочном времени пребывания, где происходит их экономическое, социальное и культурное развитие. И они не могут существовать друг без друга, без определенных целей и стратегии развития. Такое место, территория имеет будущее, так как представляет один единый, общий проект для развития территории с основными игроками. Экономисты такую территорию называют «Жизненное пространство» - это территория, где существуют только тогда, когда осуществляются проекты, ведущие к развитию региона и общества.

На самом деле, три предлагаемых понятий пространства имеет три различных аспекта, где отражается реальная действительность регионов. Возможно, они будут рассматриваться как три этапа развития регионов. Это означает, что любой региональный аналитический прогноз и его планирование должны рассматривать в трех аспектах в реальной действительности и взаимодействии друг с другом.

Итак, из вышеизложенного можно сделать вывод о том, что основой регионального исследования является следующее: первый подход характеризирует измерение, второй подход определяет дифференциацию экономических процессов, и третий подход основывается на математическое и экономическое прогнозирование. Каждое измерение может обеспечить множество теоретических парадигм - ранжирование, классификацию и математические модели, чтобы интерпретировать историческое развитие регионов [8].

Следует отметить, что зарубежные ученые Харелд Хотеллинг, Блайз Паскаль, Скоттом (Scott, 2001), Вон Тунену и Веберу, Хресталуру и Лойечу сходятся во мнениях в исследовании

региональной экономики, предлагая характеристику пространственной экономики как экономическую теорию, и как феномен, где происходит экономические процессы.

Следует отметить, что пространственная экономика (spatial economics) сравнительно недавно получила признание как самостоятельная область в мировой экономической мысли. Однако ее теоретико-методологические основы были заложены гораздо раньше (А Лёш, 1940; У. Айзард, 1956). Пространственная экономика (ПЭ) – более интегрированное научное направление по сравнению с традиционной региональной экономикой (regional economics). Её предметом являются не только регионы и региональные системы, но и все пространственные формы хозяйства и расселения, включая множество пространственных сетей. Основная цель ПЭ в экономической теории состоит в преодолении стереотипов «точечной» макроэкономики (в соответствии с которыми национальная экономика рассматривается как однородный монообъект) и теоретическом охвате широкой области пространственных феноменов. Пространственный подход принес качественно новые результаты в теориях общего экономического равновесия, оптимизации экономики, экономического роста, ценообразования, международной торговли, не говоря уже о специальных проблемах пространственной организации экономики (локализация видов деятельности, рынки, агломерационные эффекты и т.д.). Значительный вклад в развитие ПЭ внесли нобелевские лауреаты по экономике - Б. Олин, П. Кругман и др. Достижения последних двух десятилетий: теория региональных кластеров, «новая экономическая география», пространственная эконометрика, пространственный институционализм. Следует отметить, что несмотря на идентичность исследований всех классических экономических теорий о пространстве были рассмотрены в качестве основного параметра развития общества в рыночной экономики, но надо учитывать, что само общество имеет специфические характеристики, например, постсоветская и «западная» экономические системы пронизаны разными принципами идеологического и этического свойства.

Пространственной экономике свойственна модели пространственной конкуренции, она ищет решение равновесие в экономической интеграции, пространственное измерение, возможности калькулировать оптимальные сегменты рынка, место, производства. Для неоднородных товаров главное заключение остается принцип минимизации различий. Современная неоклассическая теория также представляет собой конкурентную модель в географическом пространстве, в тоже время, показывая, что пространственные сегменты рынков зависят от ценовой политики фирм, а также создает пространство для возникновения случаев местной монополии по причине дистанционных издержек. Пространственная экономика охватывает теорию локализации, пространственную конкуренцию, а также региональную городскую экономику.

Это основывается благодаря трилогии П. Кругмана: распространение знаний, отношение между поставщиками и конечными производителями и их тесное взаимоотношение с рынком труда. Модель пространственной экономики должна быть построена, во-первых, на основе транспортных издержек, чтобы сработала модель Хендерсона (1974) и ее связь с системой города. В итоге между укрупнением экономики и ценообразованием должна быть сохранена связь.

Следуя эволюцию изучения пространственной экономики, следует учитывать подходы исследования неоклассических экономистов, неошумпетерской школы экономистов, где раскрываются новые взгляды и предлагаются новые подходы к развитию региональной экономики (трудности конвергенции, учитывающие условия развития региона, отход от конвергенции, и предлагается в некоторых случаях развивать дивергенцию, рост дивергенции, использовать теорию полярного роста для развития регионов, где учитывается действия коэффициента технологии (расширение и представление рейтингах), действия связывают с прибылью (увеличение и

снижение издержек), действие инвестиции (воздействие на инновацию и дополнительные инвестиции), действия на территории укрупнение, (результаты внешней территориальной экономики от избытка эффекта). Полярность полагает управление промышленности, которая имеет высокий уровень роста промышленности, государства в среднем. Применение модели технологического распространения также может дать масштаб эффекта - масштаб распространение технологий и знания приведет к уравниванию дохода на душу населения, когда труд оплачивается высоким доходом в области. Подход с точки зрения торговли также объясняет, что региональная специализация и торговля приведут к уравниванию цен фактора, независимо от их передвижения.

Для большинства стран региональная политика как часть пространственной экономики должна быть связующим звеном для развития конкурентоспособности, она должна осуществлять поддержку для подавляющих областей, должна регулировать планирования строительства новых инфраструктур или способствовать продвижения инноваций. Обычно признается, что у всех областей должно быть свое будущее, и что слишком высокие региональные различия отрицательно влияют на экономический рост. Региональный анализ использует качественный анализ - создание региональной базы данных. Такая база данных помогает иметь определенный стандартный индикатор как региональные различия, городская полярность, региональные ресурсы или экономическая конвергенция (смещения) через области. Региональная база данных помогает также понять макроэкономические явления, на основе статистического анализа появляется представления регионального дифференцирования роста, наличие безработицы или инвестиций.

Типичный инструмент регионального анализа - создание карт. Карта - любимый инструмент влиятельного политика. Это говорит о том, что такая политика обладает сильной коммуникационной властью. Довольно часто хорошо построенная карта говорит больше и более быстрее, чем длинные аргументы и споры. Однако карты являются первым шагом как дополнения статистических данных, который используется как научный инструмент для исследователя. Существуют множество анализа региональных явлений и пространственные определения, такие как воздействие близости, процессов распространения, роли границ или привлекательности городов. Все эти явления и данные не могут быть полно показаны в таблице. Однако территориальное разделение региона очень важно для понимания.

В нашем исследование для раскрытия территориальной особенности нужно в соответствии с его структурой (Карта регионов Республики Таджикистана, которая отражает занятость и безработицу по уровню образования по регионам РТ, рис. 1), которая позволяет найти абсолютное и относительное преимущество развития пространственной экономики, определить их взаимо-связь, уточнить критерии развития регионов для конвергенции и дивергенции в целях развития регионов для повышения уровня жизни населения и экономического развития страны.

Как было уже упомянуто, использование анализа на основе создание карты является адекватным методам. Она характерна как для стран с развитой, так и развивающейся экономикой, так как с точки зрения предложения и спроса факторов экономики они становятся более зависимым друг от друга. Подтверждение этому является распространение глобальной пространственной экономики.

Под развитием региона понимается любое прогрессивное изменение, прежде всего, в экономической сфере. Если это изменение является количественным, тогда говорят об экономическом росте. Оно может быть качественным, и тогда говорят о структурных изменениях содержания развития. Наряду с экономическими характеристиками рассматривают социальные параметры развития. Более того, социальные характеристики являются полноправными показателями при оценке степени развития региона.




**Рисунок 1. Карта регионов Республики Таджикистана, которая отражает занятость и безработицу по уровню образования по регионам**

Основной целью экономического развития регионов является улучшение качества жизни населения. Целями развития региона является увеличение доходов, улучшение образования, питания и здравоохранения, сокращение бедности, оздоровление окружающей среды, равенство возможностей, расширение личной свободы, обогащение культурной жизни и т.д.

Следует отметить, что ряд исследователей обосновывает, что реализация устойчивого развития должна осуществляться в регионах, поскольку они характеризуются комплексностью, целостностью, специализацией и управляемостью; являются исторически наиболее устойчивыми территориальными образованиями, сформировавшими за период существования; обладают наиболее оптимальной структурой для позиционирования на внешнеэкономическом пространстве; имеют значительный опыт совмещения практики стимулирования рыночных преобразований на территориях с политикой регулирования этих процессов.

Парадигма устойчивого развития, предполагающая динамический процесс последовательных позитивных изменений, обеспечивающих сбалансированность экономического, социального и экологического аспектов, должна лежать в основе формирования подходов к разрешению проблем территориальных образований. Это особенно актуально сегодня, когда происходит перенос центра тяжести экономических реформ на уровень регионов и усиление их роли в реализации экономической политики государства.

Приоритетным подходом в осуществлении реформ на уровне региона должно быть убеждение, что следует отказаться от отождествления развития территории с ее хозяйственным развитием. Нельзя считать регион устойчиво развивающимся только по признаку повышения экономических показателей. Устойчивое развитие должно быть нацелено на достижение высокого качества жизни населения при позитивной динамике комплекса показателей.

П.М. Иванов под устойчивостью развития региона понимает жизнеспособность системы. При этом жизнеспособность системы определяется как способность к жизни и развитию, то есть территория, обладающая свойством устойчивости, способна к выживанию и развитию в конкретном окружении. Устойчивость регионального развития определяет способность региона сохранять и развивать значение необходимых параметров качества жизни населения в пределах

порога безопасности или выше него при колебаниях внешних и внутренних воздействий (общественно-политического, социально-экономического, техногенного, природно-климатического и другого характера), грозящих падением качества жизни населения. При классификации регионов по уровню и темпам развития обычно выделяют: развивающиеся, проблемные и депрессивные.

Как показывает анализ занятости населения, самым депрессивным регионов в Таджикистане является Хатлонская область и РРП, так как наблюдается высокий уровень безработицы.

**Таблица 1.**

**Динамика безработных в региональном разрезе за 2013-2022гг., (тыс.чел.)**

| Регионы | 2013 | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Республика Таджикистан** | 52,3 | 55,5 | 53,1 | 47,5 | 49,0 | 49,9 | 54,6 |
| **Г.Душанбе** | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 | 4,6 |
| **ГБАО** | 3,1 | 3,3 | 4,4 | 5,1 | 4,5 | 4,7 | 5,5 |
| **Хатлон** | 23,1 | 24,3 | 18,9 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 16,2 |
| **Сугд** | 11,7 | 10,9 | 10,8 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 |
| **РРП** | 12,0 | 14,5 | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 | 21,1 |

Источник: Таджикистан:30лет государственной независимости//Статистический сборник за 2023. – Душанбе, АСПРТ, 2023. - С. 153-155

Анализ данных таблицы 1 показывает, что Хатлонская область и Районы республиканского подчинения имеют высокий уровень безработицы и эти показатели выше в два раза, чем в Согдийской области, и в 3, 5 раза - в ГБАО и в 6 раза выше, чем в городе Душанбе за 2017, и соответственно, 2019-2020;2021 гг. - РРП в 6 раз выше города Душанбе; в 3 раза ГБАО, в 2 раза выше Согда. Почти такая же картина наблюдается и в Хатлонской области. Что касается 2020-2022 гг., РРП имеют неизменную тенденцию (17,5%). Что касается Хатлонской области, хотя она ниже предыдущих годов, но ситуация по сравнению с Согдом 1,8 раза выше; и в 4,5 раза выше по сравнению с городом Душанбе и 3, 3 раза выше, чем ГБАО. Депрессивными районами можно считать Хатлонскую область и РРП (районы республиканского подчинения.)

В таблице 2 приведены данные, показывающие зависимость безработицы от уровня образования. Из анализа таблицы можно судить о численности безработных по уровню образования.

Наблюдение показывает:

- наибольшая безработица наблюдается у лиц, имеющие среднее образование во всех регионах республики по сравнению с теми, кто имеют высшее образование в районах ГБАО в 3,2раза; в Хатлоне - 11,6 раза; в Согде-3,3 раза; в Душанбе - в 3 раза; в РРП- 7,1 раза;

- по всем параметрам РРП находятся в депрессивном состоянии, если судить о занятости населения и др.

**Таблица 2**

**Распределение безработных, зарегистрированных органами службы занятости, по уровню образования в региональном разрезе за 2022 год, %**

| Уровень образования | ГБАО | Хатлон | Согд | Душанбе | РРП |
|---|---|---|---|---|---|
| Численность безработных, имеющие:<br>- высшее образование | 0,4 | 1,0 | 1,2 | 0,2 | 2,3 |
| - среднее профессиональное | 0,5 | 1,6 | 1,2 | 0,4 | 4,5 |
| - начальное образование | 0,5 | 1,0 | 0,9 | 0,3 | 4,9 |
| - среднее образование | 3,6 | 12,6 | 4,5 | 3,2 | 9,4 |

В Таджикистане неквалифицированная рабочая сила более мобильна и вынуждена адаптироваться к условиям ее незащищенности. Практика показывает, что сконцентрированная на российском рынке труда рабочая сила Таджикистана остро нуждается в образовании и профессиональной подготовке. Об этом всегда отмечали специалисты, занимавшиеся наймом трудовых ресурсов на предприятиях.

Согласно исследованиям таджикским ученым, «…образовательный уровень выехавшей рабочей силы в Республике Таджикистан оценивается, как средний в том числе: 32,2% мигрантов имеют высшее законченное образование; 14,6% - среднее специальное образование; 29,8% - среднее полное образование; неполное и начальное среднее образование имеют 12,7% выехавшей рабочей силы» [7, с. 102].

Исследование, проведенное Центром этнополитических и региональных исследований Института социологии РАН, еще раз убедительно показало, что среди опрошенных 725 человек трудовых мигрантов - таджиков в основном наблюдается мигранты, имеющие среднее общее образование - 49,5%. Имеющие среднее специальное и профессиональное образование составляют 24%. Трудовые мигранты, имеющие высшее образование, составляют 16%. Такую тенденцию подтверждает и наше исследование. Мы предпологаем, что подвергаясь безработице, необразованная молодежь ищет применение своих возможностей в трудовой миграции (это половины всего занятого население таджиков в миграции). Наш прогноз основывается на то, что если эти 49% имеющие средне-специального образования, будут обучены среднем профессиональным образованием, то доход от труда увеличивает в 2-3 раза и выгоду получают 3 субъекта. Первый субъект - сам хозяин труда, второй субъект - наниматель трудовых мигрантов, и третий субъект - государство как получатель налога (диаграмма 1).




**Диаграмма 1. Распределение занятости трудовых мигрантов Таджикистана по уровню образования среди мужчин и женщин в условиях миграции в Российской Федерации (в %).**

Российский исследователь В.Мукомоль [2] пришел к выводу, о том, что, чем ниже образование, тем меньше занятость, а чем больше респондентов имеют среднее общее образование тем, больше они заняты на рынке труда, и эта касается как мужчин, так и женщин.

Как уже отмечали выше, в Таджикистане высокая мобильность в основном наблюдается у низкоквалифицированных кадров или менее квалифицированных кадров.

Российский ученый Шуклин Е.А. в своей статье «Профессиональное обучение мигрантов, как управленческая проблема (на материалах исследований в ХМАО-ЮГРЕ) отмечает, что

обучение и социокультурная адаптация трудовых мигрантов в одном из наиболее мигрантоемкой стране является необходимым.

В заключение следует сказать, что и социологические исследование, проведенное Центром этнополитических и региональных исследований Института социологии РАН, и данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан показали аналогичную тенденцию в поведение трудовых мигрантов. Если эту закономерность не исправить, то она может негативно влиять на образованность молодежи, которые являются носителем культурного развития, и технологического прогресса общества.

Успешное использование человеческого капитала, как трудового потенциала страны возможно лишь при инновационной направленности экономического роста. При этом достигается наибольшая эффективность реализации способностей и умений каждого индивида и всего социума в создании нового научного знания и новых интеллектуальных продуктов.

Особенности Таджикистана (масштабность, региональное многообразие, состояние переходной экономики) требуют более активной, по сравнению с обычной мировой практикой, деятельности государства по устранению диспропорций в экономическом пространстве, решению сложных региональных проблем, созданию условий для устойчивого развития регионов и др.

Исходя из этого, в связи, с чем необходимо учитывать:

- институциональные особенности, психологические факторы, мотивы поведения, учет традиции и обычаев человека как трудового ресурса, которые зачастую пропускаются из вида в процессе управления;

- прогнозирование экономических выгод;

- смещение традиций и обычаев;

- обучение профессиональным навыкам и его влияние на уменьшение безработицы на уровне тех, кто имеет не полное и среднее профессиональное образование;

- обогащение культурно-просветительных знаний. При расширении кругозоров могут открыться духовные, материальные, физические силы и знания с профессиональной стороны;

- позитивное влияние на увеличение доходов и сохранению здоровья.

Таким образом, основным направлением развития региональной экономики в Таджикистане должно стать инновационное развитие, основывающее на социально ориентированную экономику, направленной на развитие человеческого капитала;

- создание высокой конкурентной среды, которая стимулирует предпринимательскую активность и привлекает капитала в экономику страны;

- на основе инновационного технологического развития способствовать структурной диверсификации экономики;

- закрепление и расширение конкурентных преимуществ в традиционных отраслях экономики Таджикистана (аграрных секторах, переработка сельскохозяйственных продуктов, природных ресурсах энергетики и т.д.)

- укрепление внешнеэкономических связей, активизации участия в мировом разделении труда;

- переход к новой модели пространственной экономики и т.д.

Формирование предпосылок для перехода к инновационному развитию с социально-ориентированному типу развития требует поиска новых управленческих решений, способствующих созданию условий для дальнейшего улучшения качества жизни населения на основе интенсивного развития экономики. При этом, государственная социально-экономическая политика Таджикистана должна быть направлена на трудоустройство незанятого населения и оказании

помощи в профессиональной подготовке, на обеспечении правовых знаний о трудовых отношениях, социальную защиту безработных, стабилизацию рынка труда, что повысить конкурентоспособность, а значит инновационность и эффективность человеческого капитала. Такое регулирование в некоторой степени замещает отсутствующий механизм гарантированной занятости.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030) - Душанбе 2016.Fez.tj… /nacionalnaya-strategiya-razvitiya- respubliki-tadjikistan-na-period-do-2030.

2. Владимир Мукомель Центр этнополитических и региональных исследований Институт социологии РАН/Вынужденная миграция. - М., 2009. - С. 499. mukomel@mail.ru, mukomel@iras.ru

3. Кошонова М.Р. Зубайдов Дж.И. Пути совершенствования инвестиционного потенциала в регионах РТ (на материалах РРП)/Вестник Таджикского государственного финансов-экономического университета. - Душанбе, 2023. - № 4 (24). - С. 24-34

4. Кошонов П.С., Кошонова Ф.С. Научный подход к региональному анализу (Перевод с английского языка)/ Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие региона Республики Таджикистана/ Материалы научно-практич. конф. - (Душанбе, 22 июня 2018г.). - Душанбе: «Ирфон», 2018. - С.84-92.

5. Статистический ежегодник РТ за 2022 год. - Душанбе,АСПРТ, 2002. - С.246-247.

6. Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие региона Республики Таджикистана/ Материалы научно-практич. конф. (Душанбе, 22 июня 2018г. ). - Душанбе: «Ирфон», 2018. - 225 с.

7. Хошмухамедова П.С. / Мобильность рабочей силы и ее влияние на рынок труда (на материалах Республики Таджикистан)/ Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. - Душанбе, 2019. - С.102.

8. Ivan Samson Economic theories of space and regions, Paris, 2009, 736 p

9. Krugman P. Geography and Trade, Cambridge, MA, The MIT Press, 1991.

10. Marshal A. Principles of Economics, London, New York, Mac,Milian.1898

11. Samson I. Analysis of foreign experience in classification of region from the point of view of economic position and with the aim of economic policy, Research report for RANEPA, Moscow; Research Report, 2015 (68p.)

12. Scott A. Regions and the World Economy, Oxford University Press, 1998, 192p.



***Сведения об авторе: Кошонова Манзура Рахматджоновна*** *- доктор экономических наук, профессор, Ходими калонии илмии шуъбаи рушди мутавозини минтақаҳо,*

***Адресс:*** *Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Айни С., 14 а.*

***E-mail:*** *manzura@yadex.ru.*

***Тел.:*** *935555072*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Кошонова Манзура Раҳматҷоновна*** *- доктори илмҳои иқтисод, профессор, ходими калонии илмии шуъбаи рушди мутавозини минтақаҳо,*

***Сурога:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбу, кучаи С.Айнӣ, 14 а.*

***E-mail:*** *manzura@yadex.ru.*

***Тел.:*** *935555072*

***Information about the author: Koshonova Manzura Rachmatjanovnan*** *- Doctor of Economics.professor/*

***Adress:*** *Republic ofTajikistan, Dushanbe city, st. S.Aini, 14 a.*

***E-mail:*** *manzura@yadex.ru.*

***Tel.:*** *935555072*

УДК: 669.054:669.071

## ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АШЁҲОИ ХОМИ МАҲАЛЛИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

**Мирзозода Б., Зайнудинов С., Қаюмов А., Пираков Г.**

**Аннотатсия.** Дар мақола хосиятҳои физикӣ ва химиявии ашёҳои хоми маводҳои таҳҷоии минтақаи Кӯлоб таҳлил шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати экологӣ бехатаранд, захираи онҳо барои истифода дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ба миқдори зарурӣ вуҷуд дошта, аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба натиҷаҳои рушди иқтисоди минтақа таъсири мусбӣ мерасонанд. Нишон дода шудааст, ки баъзе аз ин намудҳои канданиҳои фоиданоки минтақаи Кӯлоб ба сифатҳое дороанд, ки онҳо ҳамчун асос дар оянда барои таъсиси корхонаҳои нави бо талаботҳои инноватсионӣ ва саноатӣ мувофиқ мебошанд. Асоснок карда шудааст, ки бунёди корхонаҳои ба ин хосиятҳои маводҳои таҳҷой асосёфта дар минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” мувофиқи мақсад буда, ба рушди саноати кишвар мусоидат хоҳанд кард.

**Калидвожаҳо:** ашёи хоми маҳаллӣ, кварс, массаи шишагӣ, шиша, оксиди алюминий, оксиди натрий, оксиди оҳан, кремний, қуми шусташуда, шаффофият, сайқалдиҳӣ, хунуккунӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ, бехатарии экологӣ

## АНАЛИЗ МЕСТНОГО СЫРЬЯ КУЛЯБСКОЙ ЗОНЫ

**Мирзозода Б., Зайнудинов С., Каюмов А., Пираков Г.**

**Аннотация.** В статье анализированны некоторые характеристики местного сырья Кулябской зоны, которые являются экологически безвредными, имеются в достаточном количестве для использования в различных областях экономики страны и своими географическими расположениями оказывают непрерывно-положительное влияние на получаемые экономические результаты. Указано, что некоторые из этих полезных ископаемых обладают такими свойствами, которые могли бы стать основой для организации новых предприятий, отвечающим инновационным и промышленным требованиям. Обосновано, что создание предприятий, основанные на свойствах местного сырья в свободном экономическом зоне “Куляба”, отвечают экономическим целям и способствуют развитию промышленности страны.

**Ключевые слова***:* местные сырье, кварц, стекляная масса, стекло, оксид алюминия, оксид натрия, оксид железа, кремний, промыв кварц, прозрачность, полировка, охлаждение, свободная экономическая зона, экологическая безопасность

## ANALYSIS OF SOME LOCAL RAW MATERIALS OF THE KULYAB ZONE

**Mirzozoda B., Zainudinov S., Kayumov A., Pirakov G.**

**Annotation.** The article analyzes some characteristics of local raw materials of the Kulyab zone, which are environmentally friendly, are available in sufficient quantities for use in various areas of the country's economy and, with their geographical locations, have a continuous positive impact on the economic results obtained. It is indicated that some of these minerals have properties that could become the basis for the organization of completely new enterprises that meet innovative and industrial requirements. It is substantiated that the creation of enterprises based on the properties of local raw materials in the free economic zone “Kulob” meets economic goals and contributes to the development of the country’s industry.

**Key words:** local raw materials, quartz, glass mass, glass, aluminum oxide, sodium oxide, iron oxide, silicon, washed quartz, transparency, polishing, cooling, free economic zone, environmental safety.

**Гузориши масъала.** Дар замони муосир шиша дар аксар соҳаҳо васеъ истифода бурда мешавад. Он дорои чунин хосиятҳои беҳамто, ба монанди шаффофият, сахтӣ ва муқовимати кимиёвӣ нисбати таъсири муҳити беруна мебошад, ки истифодаи онро дар истеҳсоли тирезаҳо, оинаҳо, линзаҳо, контейнерҳо, бастаҳо, зарфҳои шишагии лабораторӣ, асбобҳои оптикӣ ва бисёр маҳсулоти дигар ногузир мегардонад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Шиша маводи шаффофест, ки истеҳсоли он тавассути технологияи махсуси химиявӣ сурат мегирад. Нахуст ашёи хоми асосӣ-қумро аз оксиди оҳан ва дигар ғашҳои нодаркор ба воситаи маводҳои химиявӣ тоза намуда, баъдан ба он миқдори муайяни содаи техникӣ ва оксиди калсий илова карда мешавад [1]. Инчунин, барои ҳосил намудани шишаҳои гуногунранг ба он моддаҳое илова карда мешаванд, ки хосияти тағйир додани рангро доранд

**Мақсади мақола** – омӯзиши баъзе хосиятҳои бартариятноки ашёи хоми маводҳои таҳҷоии минтақаи Кӯлоб мебошад, ки онҳо аз ҷиҳати экологӣ бехатаранд, захираи онҳо барои истифода дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон ба миқдори зарурӣ вуҷуд дорад ва аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба натиҷаи иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад

**Муҳтавои асосии мавод.** Минтақаи кӯлоб аз захираҳои ашёи хом хеле бой аст. Аз онҳо доираи васеӣ маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷумла масолеҳи сохтмонӣ истеҳсол кардан мумкин аст. Истеҳсоли шиша дар байни онҳо мавқеъ ва афзалиятҳои хос дорад. Истехсоли массаи шиша бунёди як сехи хурди эксперименталӣ, дастгоху таҷҳизот ва технологияи махсусро талаб мекунад, ки раванди технологии он гудохтани ашьёи хом то қолибрезӣ ва хунуккуниро дар бар мегирад. Шиша ҳамчунин қобилияти коркард ва истифодаи дубораро низ дорад [2, 3, 4].

Истеҳсоли шиша як раванди мураккаб ва технологиест, ки як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад. Тайёр кардани ашёи хом - қадами аввалини истеҳсоли шиша - аз тайёр кардани ашёи хом ва тоза намудани он аз дигар маводхои кимиёвӣ дар таркиби он буда мебошад. Ба ҷузъҳои асосии шиша қум (кварц), сода ва оҳак дохил мешавад. Онҳоро дар таносуби муайян омехта намуда, дар печҳои баландҳарорат барои гудохтан ҷойгир карда мешаванд [5, 6].

Гудохтани ашьёи хом дар печҳои махсусе ба амал меояд, ки онро печҳои пухтани шиша меноманд. Дар ин печҳо ашьёи хомро дар ҳарорати баланди то 15000 С мепазанд. Дар чунин ҳарорати баланд ашёи хом ба массаи пухташуда табдил меёбад, ки баъд аз он ба воситаи қолабҳои гуногун маҳсулоти шишагӣ омода мекунанд [7].

Пас аз гудохтани ашёи хом массаи гудохташудаи шиша ба марҳилаи навбатӣ - қолабрезӣ мегузарад. Якчанд роҳҳо барои ташаккули шиша, аз ҷумла усулҳои гармкунӣ ва хунуккунӣ вуҷуд доранд.

Дар усули қолаби гарм массаи гудохташудаи шишаро ба қолибҳои махсус мерезанд, ки дар он шакли дилхоҳро мегирад. Пас аз он шиша хунук карда мешавад, то ки мустаҳкам ва равшан шавад.

Тибқи усули хунуккунӣ шиша дар ҳарорати хонагӣ коркард карда мешавад. Он ба воситаи пресс кардан ё ба қолаб рехтан хосил карда, шакли дилхоҳ дода мешавад [8, 9].

Сайқалдиҳӣ ва коркарди шиша - пас аз ташаккули шиша дар қолаб ба коркарди иловагӣ мегузарад. Ин метавонад регрезӣ, сайқал додан, пӯшонидани сатҳи шиша бо ягон маводи дигар ё ранг кардани онро дар бар гирад.

Хунуккунӣ ва сахтшавӣ - пас аз шакл додан ва коркард шиша хунук карда мешавад, то қавӣ ва равшан гардад. Ин раванд барои пешгирӣ кардани рушди фишорҳои дохилӣ, ки метавонад ба шикастани шиша оварда расонад, тадриҷан сурат мегирад.

Ноустувории химиявӣ - шиша аз ҷиҳати кимиёвӣ ғайрифаъол аст, яъне он бо аксари моддаҳои кимиёвӣ ба реаксия ворид намешавад. Ин хосият шишаро ҳамчун маводи беҳтарин барои нигоҳдорӣ ва интиқоли моддаҳои гуногун, аз қабили доруҳо, хӯрокворӣ ва моддаҳои кимиёвӣ табдил медиҳад [2].

Шиша маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар аст, ки нисбат ба дигар маводҳо бартариҳои зиёд дорад. Истифодаи он қариб дар ҳама соҳаҳо муфид буда, ба ҳифзи муҳити зист, инчунин барои ба вуҷуд овардани низоми устувори экологӣ мусоидат мекунад. Шиша масолеҳи дубора истифодашаванда аст. Истифодаи такрории шиша ба сарфа намудани захираҳои табиӣ ва кам гардидани партовҳо мусоидат мекунад [10].

Бо мақсади натиҷагирӣ ва илман асоснок намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ намунаҳои кварс, хокаи баъд аз шустани кварс ҷудо гардида ва маводи ҳосилшуда – массаи шишагӣ аз таҳлили химиявӣ гузаронида шуданд, ки натиҷаҳои он дар замимаҳои 1, 2 ва 3 оварда шудаанд.

Таҳлили химиявӣ бо усули SQX SCATTER FP таҳлили нимквантии васеъ [12] дар хамкорӣ бо озмоишгохи Донишкадаи химиявӣ-технологии Тошканд (Ҷумҳурии Узбекистон) гузаронида шудааст. Натиҷаҳои ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки дар таркиби компоненти асосӣ-қуми шусташуда элементҳои зерини барои ҳосилшавии массаи шишагӣ зарур ба чунин миқдор мавҷуданд:

- $SiO_2$ – оксиди силитсий (кварс, кремний) = 55,4 %;
- $Al_2O_3$ – оксиди алюминий = 10,2 %;
- $Na_2O$ – оксиди натрий = 2,97 %;
- $CaO$ – оксиди калтсий = 14,4 %.

Таҳлилҳои озмоишгоҳӣ нишон доданд, ки чунин миқдори элементҳои нишондодашуда ба ҳосилшавии массаи шишашгии класси С сабаб шуда метавонанд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда онро бо пуррагӣ тасдиқ намудаанд. Аз чунин ашёи хоми маҳаллӣ баъди шустан ва тоза намудани он аз ғашҳои химиявӣ дар шароити муайян массаи шишагӣ ҳосил карда шуд. Таҳлили химиявии массаи шишаи гирифташуда нишон дод, ки элементҳои дар боло номбар-шуда дар таносуби зерин дар таркиби маводи гирифташуда ҷой доранд:

- $SiO_2$ – оксиди силитсий (кварс, кремний) = 53,9 %;
- $Al_2O_3$ – оксиди алюминий = 8,73 %;
- $Na_2O$ – оксиди натрий = 9,13 %;
- $CaO$ – оксиди калтсий = 18,1 %.

Хоке, ки баъди шустани қум чудо карда шуд, аз тахлили пурраи химиявӣ гузаронида шуд. Натиҷаи озмоиш нишон дод, ки дар таркиби он элементҳои химиявӣ дар он ба миқдори зерин мавҷуд мебошанд:

- $SiO_2$ – оксиди силитсий (кварс, кремний) = 49,7 %;
- $Al_2O_3$ – оксиди алюминий = 11,5 %;
- $Na_2O$ – оксиди натрий = 2,75 %;
- $CaO$ – оксиди калтсий = 15,8 %.

Натиҷаҳои таҳлили химиявии бо усули SQX SCATTER FP - таҳлили нимквантии васеъ дар Донишгоҳи химиявӣ-технологии Тошканд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) гузаронидашударо таҳлил кардем, то ин ки ба хулосаҳои илмии бештар дақиқ ва ба амалан истифодабарии маводҳои

таҳлилшуда ноил гардем. Мувофиқи маълумотҳо доир ба ин метод аниқии ченкунии он 1%-ро ташкил медиҳад. Хулосаҳо аз таҳлил чунинанд:

1. Дар маводҳои таҳлилшуда, яъне дар қуми шусташуда, дар массаи шишагӣ ва хоки баъди шустан ҳосилшуда фосфоритҳо ба назар намерасанд.

2. Дар ин маводҳо пайвастагии оксиди алюминий ($Al_2O_3$) ба ин миқдор вуҷуд дорад: дар хоки баъд аз шустан ҳосилшуда – 11,5 %; дар қуми шусташуда – 10,2 %; дар массаи шишагӣ – 8,73 %. Қонунияти тағйирёбии пайвастагии оксиди алюминий ($Al_2O_3$) чунин аст: дар хок зиёд, дар қуми шусташуда кам ва дар массаи шишагӣ боз ҳам камтар. Сабабҳои имконпазири мавҷудияти ин гуна қонуниятро баён мекунем: а) дар раванди шустани кварс миқдори нисбатан зиёди $Al_2O_3$ дар ҳамҷоягӣ бо хок ҷудо мегардад, бинобар ин дар хок миқдори бисёри оксиди алюминий вуҷуд дорад, ки онро таҳлили спектралӣ нишон додааст; б) гранулаҳои нисбатан хурд бо ҳамроҳии об партофта намешаванд ва дар таркиби қуми шусташуда мемонанд ва миқдори камро нисбат ба оксиди алюминии хок ташкил медиҳанд, ки онро таҳлили спектралӣ нишон медиҳад; в) кам будани оксиди алюминий дар массаи шишагӣ ду сабаб дорад: 1) дар натиҷаи ба дараҷаи баланди ҳарорат соҳиб гаштани масса имконияти таҷзияи оксиди алюминий ба вуҷуд меояд; 2) дар ҳарорати баланд, яъне дар ҳарорати зиёда аз ҳарорати ҷӯшиши оксиди алюминий бухоршавии оксиди алюминий ба вуҷуд меояд, ки миқдори онро кам мекунад.

3. Дар ин маводҳо қонунияти тағйирёбии пайвастагии оҳан ($Fe_2O_3$) низ ба қонунияти тағйирёбии пайвастагии алюминий ($Al_2O_3$) мувофиқ аст, танҳо миқдоран фарқ мекунад: дар хок - 4,60 %, дар қуми шусташуда - 4,88 % ва дар массаи шишагӣ - 6,64 % аст. Бо фарзияи мо, сабабҳои зиёдшавии он бо ин қонуният ҳамон тавре аст, ки оксиди алюминий буд.

Дар расмҳои 1, 2 ва 3 тағйирёбии ҳарорати моеъшавии элементҳои алоҳида нишон дода шудаанд.

Аз руи расмҳои 1, 2 ва 3 чунин маълумотро таҳлил кардан мумкин аст: ҳарорати моеъшавии элементҳои дар пайвастагиҳо вуҷуддошта бо чунин қонуниятҳо зиёд мешавад:

1) Na (97,86 $^0$C), Mg (650 $^0$C), Al (660 $^0$C), Ca (842 $^0$C), Si (1414 $^0$C), Fe (1538 $^0$C);

2) $Na_2O$ (1132 $^0$C), $Fe_2O_3$ (1565 $^0$C), $SiO_2$ (1600 $^0$C), $Al_2O_3$ (2072 $^0$C), CaO (2572 $^0$C), MgO (2852 $^0$C).




**Расми 1. Ҳарорати моеъшавии элементҳо (на пайвастагиҳо), $^0$ C**

Ҳамин тавр, тартиби аз баландшавӣ ба пастшавии ҳарорат чунин мешавад:

1) Fe (1538 $^0$C), MgO (2852 $^0$C);

2) Si (1414 $^0$C), CaO (2572 $^0$C);

3) Ca (842 $^0$C), $Al_2O_3$ (2072 $^0$C);

4) Al (660 $^0$C), $SiO_2$ (1600 $^0$C);

5) Mg (650 $^0$C), Fe2O3 (1565 $^0$C);

6) Na (97,86 $^0$C), Na2O (1132 $^0$C).




**Расми 2. Ҳарорати моеъшавии элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо, $^0$ С**




**Расми 3. Ҳарорати моеъшавии пайвастагиҳо нисбат ба элементҳо**

Қонунияти нисбат ба ҳамдигар тағйирёбии ҳарорати моеъшавии пайвастагиҳо ва элементҳо (расми 3) чунин аст: $Fe_2O_3$ – $SiO_2$ – CaO – $Al_2O_3$ – MgO – $Na_2O$. Аз он чунин хулосаи пешакиро баровардан мумкин аст: бояд тағйироти бештар пайдарпай дар пайвастагиҳои $Na_2O$ - MgO - $Al_2O_3$ - CaO ба амал ояд. Таҳлили химиявӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбӣ ҳаст, вале пайдарпайӣ вуҷуд надорад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми хунукшавӣ ба оксидшавии элементҳо тағйиротҳои дигар таъсир расонида метавонанд.

Аз ин тартиб чунин натиҷаҳоро қайд мекунем: 1) танҳо элементи натрий ва пайвастагии он (оксиди натрий) дар зинаи поёнтарини ҳарорати моеъшавӣ ҷойгир ҳастанд, элементҳои дигари таҳлилшаванда ин тавр ҷойгир нестанд. Ин маънои онро дорад, ки пайвастагии оксиди натрий аввалин шуда, ба моеъшавӣ ва пештар аз ҳама ба таҷзия оғоз мекунад. Дар вақти хунукшавӣ бошад, оксиди натрий пас аз ҳама ба шахшавӣ мубадал мегардад, чунки дар ҳама ҳароратҳои дигар вай моеъ аст ва ҳарорати моеъшавии натрии тоза (97,86 $^0$C) хеле паст аст. Бинобар ин, бо

сабаби зиёдии энергияи кинетикии оксиген ва натрий дар ҳарорати моеъшавии оксиди натрий, яъне 1132$^0$C, пайвастшавии натрий ва оксигенро чашмдор шудан номумкин аст. Пас, пайвастшавии натрий ва оксиген дар ҳарорати пасттарин (97,86 $^0$C) ба вуҷуд меояд. Азбаски то расидани ҳарорат то ба ин ченак оксиген бо дигар элементҳо бо сабаби зиёдии энергияҳои гуногун, хусусан, энергияи кинетикӣ, пайваст шуда наметавонад, бинобар ин бо натрий миқдори бисёри оксиген пайваст шуданаш мумкин аст. Пас, миқдори оксиди натрий дар массаи шишагӣ аз миқдори оксиди натрий дар қум (кварс) бояд зиёдтар бошад [11]. Чуноне, ки мебинем, ҳамин тавр ҳам ҳаст: оксиди натрий дар массаи шишагӣ нисбат ба қуми шусташуда 9,13/2,97=3,07 маротиба афзудааст.

Акнун хосиятҳои пайвастагии кремнийро ($SiO_2$) таҳлил мекунем. Аз таҳлили химиявӣ чунин қонуният маълум гаштааст: дар хок - 49,7%; дар кварс (қуми шусташуда) - 55,4%; дар массаи шишагӣ - 53,9%. Ин маълумотро таҳлил мекунем.

А) азбаски миқдори $SiO_2$ дар кварс (55,4 %) нисбат ба миқдори $SiO_2$ дар хок зиёдтар аст, бинобар ин чунин пешниҳол кардан мумкин аст: 1) об ба молекулаҳои $SiO_2$-и бо моддаҳои дигар пайвастшуда таъсири хуби таҷзиявиро гузаронида наметавонад, ки он ба флотатсияи онҳо оварда расонад; 2) молекулаҳои $SiO_2$ бо моддаҳои дигари дар маводбуда алоқаи мустаҳкам надорад; 3) сатҳи энергетикии молекулаи $SiO_2$ чандирияти калонро соҳиб аст, бинобар ин бо маводҳои дигар кластерҳоро ташкил дода наметавонад. Бо ҳамин сабабҳо миқдори ками молекулаҳои $SiO_2$ бо об ба хоки баъд аз шустан ҳосилшуда мегузараду миқдори зиёдтараш дар қуми шусташуда мемонад.

Б) таҳлили химиявӣ нишон дод, ки $SiO_2$ дар массаи шишагӣ (53,9 %) нисбат ба қуми шусташуда (55,4 %) камтар аст, яъне баъд аз гарм кардан ва хунук кардан миқдори $SiO_2$ нисбат ба миқдори он дар омехтаи маводҳо (шихта) кам мешавад. Барои баён кардани сабаби ин тағйирёбӣ ҳароратҳои моеъшавии элементи Si ва пайвастагии ин элемент $SiO_2$ – ро дида мебароем. Чуноне, ки аз расми 1 ва расми 2 дида мешавад, барои элементи кремний Si ҳарорати моеъшавӣ 1414 $^0$C, барои пайвастагии $SiO_2$ ҳарорати моеъшавӣ ба 1600 $^0$C баробар аст. Фарқи онҳо 1600-1414=186 $^0$C мешавад, ки ин нисбат ба ҳароратҳои 1600 ва 1414$^0$C хеле хурд аст. Бинобар ин, аз ҳисоби фарқи ҳароратҳо тағйири миқдори $SiO_2$-ро дар шихта ва массаи шишагии ҳосилшуда интизор нашудан мумкин аст. Пас, як роҳи баён мемонад: камшавии миқдори $SiO_2$ дар массаи шишагӣ нисбат ба шихта бо сабаби бухор шудан ва ба деворҳои дег (тигел) часпидани он ба амал меояд.

Ҳамин тавр, аз таҷрибаҳои гузаронидашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- ба таври таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки қуми (кварс) аз дарёи Ёхсуи деҳаи Тоқакаппаи ҷамоати шаҳраки Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб барои таҷриба гирифта шудааст, барои ҳосил кардани массаи шишагӣ дар температураи 1100-1600 $^0$C мувофиқ аст;

- дар асоси таҳлилҳои физикавӣ ва химиявӣ ба таври назариявӣ-амалӣ исбот карда шуд, ки қуме, ки аз дарёи Ёхсуи деҳаи Тоқакаппаи ҷамоати шаҳраки Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб гирифта шудааст, барои ҳосил кардани массаи шишагӣ мувофиқи мақсад аст;

Зимни таҳлилҳои химиявӣ исбот карда шуд, ки дар равандҳои пешазистеҳсолии массаи шишагӣ дигар маводҳои барои рушди иқтисодӣ муфидро низ ҳосил кардан мумкин аст.

Дар асоси хулосаҳои дар боло овардашуда чунин пешниҳодҳоро манзур кардан мумкин аст:

1) “Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб” заводи истеҳсоли массаи шишагӣ ва дар заминаи он бунёди коргоҳҳои истеҳсолии маҳсулоти шишагиро ба роҳ мондан мумкин аст, ки он боиси рушди саноати минтақаи мазкур мегардад;

2) дар назди корхонаи истеҳсоли массаи шишагӣ дар минтақаи Кӯлоб заводҳои дигари ба ашёи хоми маҳаллӣ мувофиқбударо сохтан мумкин аст, ки танҳо маблаггузорӣ ва дастгириро талаб мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Шульц М.М., Мазурин О.В. Современные представления о строении стекол и их свойствах. - Л.: Наука. 1988. – 197 с.

2. Аппен А. А. Химия стекла, 2 изд., - Л., 1974. – 351с.

3. Шульц М. М. О природе стекла // «Природа». - М.: Наука, 1986. - № 9. – 130 с.

4. Качалов Н. Стекло. - М.: Изд-во АН СССР, 1959. - 465 с.

5. Безбородов М. А. Химия и технология древних и средневековых стёкол. - Минск: Наука и техника, 1969. - 274 с.

6. Галибин В. А. Состав стекла как археологический источник. - Л.,1889. – 214 с.

7. Попов К.Н. Строительные материалы: // Учебник для студентов учреждений высш. проф. образования / К. Н. Попов, М.Б. Каддо. - М.: Студент, 2012. – 440 с.

8. Кутолин С. А. Физическая химия цветного стекла. М.: “Стройиздат”, 1998. – 296 с.

9. Микульский В. Г. Строительные материалы (Материаловедение. Строительные материалы). // Учеб. издание. - М.: Ассоциация строительных вузов, 2004. – 536 с.

10. Мазурин О. В., Порай-Кошиц Е. А., Шульц М. М. Стекло: природа и строение. - Л.: Знание. 1985. – 31с.

11. Самойленко В. В., Углова Т.К., Татаринцева О.С. Влияние дисперсности стекольной шихты на структуру и свойства пеностекла / / Стекло и керамика. - М., – 2014. № 6. – С. 3.

12. Standardless FP Analysis of Plant, Animal and Food Samples Applying Corrections Using Scattering X-rays. Электронный ресурс: https://www.rigaku.com/newsletters/mabu/may2023/XRF-1102_PlantAnimalFood_SQX_Scatter_FP_PrimusIVi_ApplicationNote_R0703en.pdf (на 22.03.2024).



***Маълумот дар бораи муаллифон: Мирзозода Баҳодур*** *- д.и.т., мудири шуъбаи самаранокии истеҳсолот ва инфрасохтори Муасссисаи давлатии “Пажӯ ҳишго ҳи илмию та ҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”.*

***Сурога:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14А,*

***E-mail:*** *bahodur1952@mail.ru,*

***Тел.:*** *771-77-57-77*

***Зайнудинов Сафар*** *- н.и.т., дотсент, мудири шуъбаи тақвияти институтсионалии кишвар ва иқтисоди рақамии Муасссисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”.*

***Сурога:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14А,*

***E-mail****: pol_sz@mail.ru,*

***Тел.:*** *988-35-53-66*

***Қаюмов Алишер Исмоилхонович*** *- ходими хурди илмии шуъбаи самаранокии истеҳсолот ва инфрасохтори Муасссисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”,*

***Сурога:*** *734002 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14А,*

***Тел.:*** *918-12-40-16*

***Пираков Гулмаҳмад*** *- ходими калони илмии шуъбаи самаранокии истеҳсолот ва инфрасохтори Муасссисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”.*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14А,*

***Тел.:*** *93-512-00-53*

***Информация об авторах: Мирзозода Баходур*** *- д.т.н., начальник отдела эффективности производства и инфраструктуры Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан",*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14А,*

***E-mail:*** *bahodur1952@mail.ru,*

***Тел.:*** *771-77-57-77*

***Зайнудинов Сафар*** *- к.т.н., дотсент, начальник отдела институционального укрепления страны и цифровой экономики, Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан",*

***Адрес:*** *734002 Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14А,*

***E-mail:*** *pol_sz@mail.ru,*

***Тел.:*** *988-35-53-66*

***Каюмов Алишер исмоилхонович*** *- м.н.с. отдела эффективности производства и инфраструктуры Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан",*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14А,*

***Тел.:*** *918-12-40-16*

***Пираков Гулмахмад*** *- с.н.с. отдела эффективности производства и инфраструктуры Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан",*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14А,*

***Тел.:*** *93-512-00-53*

***Information about the authors: Mirzozoda Bhodur*** *- Doctor of Technical Sciences, Head of the Department of Production and Infrastructure Efficiency, Economic Research Institute,*

***Address:*** *734002 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14A,*

***E-mail:*** *bahodur1952@mail.ru,*

***Tel.:*** *771-77-57-77*

***Zainudinov Safar*** *- Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Institutional Development of the country and the Digital Economy of the State Research Institute of the Ministry of Economic Development,*

***E-mail:*** *pol_sz@mail.ru,*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14A,*

***Tel.:*** *988-35-53-66*

***Kayumov Alisher Ismoilhonovich*** *- Junior Researcher, Department of Production Efficiency and Infrastructure, State Institution "Research Economic Institute, Ministry of Economy and Trade Development of the Republic of Tatarstan",*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14A,*

***Tel.:*** *918-12-40-16*

***Pirakov Gulmahma*** *- department researcher, Junior Researcher, Department of Production Efficiency and Infrastructure, State Institution "Research Economic Institute, Ministry of Economy and Trade Development of the Republic of Tatarstan",*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14A,*

***Tel.:*** *93-512-00-53*

УДК:

# РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**Қурбонов А.К., Назирзода Н.И.**

**Аннотатсия.** Дар мақола раванди идоракунии низоми андозбандӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил шудааст. Дар ин чорчуба раванди ташкилёбии сохтори кумитаи андоз, номгӯи намудҳои андоз дар низоми иқтисодии бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Низоми андозбандиро, ки зимни танзими раванди маъмурикунони андоз дар сохтори кумитаи андоз ба идоракунӣ ва рақамикунонӣ мусоидат мекунад, мавриди таҳлил қарор додааст, муайян карда шудааст, ки амалишавии ин чараён ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** низоми андоз, маъмурикунонӣ, рақамикунонӣ, молия, иқтисод, устуворӣ, имтиёзҳо.

# ПРОЦЕСС УПРАВЛЕНИЯ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМОЙ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Курбонов А.К., Назирзода Н.И.**

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы управления системой налогообложения в условиях цифровизации экономики. В рамках этого исследуется процесс формирования структуры налогового комитета, перечня видов налогов в рыночной экономической системы. Проанализировано и изучиена система налогообложения, которая использовалась для регулирования процесса налогового администрирования в структуре налогового комитета, что способствует управлению и цифровизации, определено, что реализация этого процесса положительно влияет на развитие национальной экономики.

**Ключевые слова:** налоговая система, администрирование, цифровизация, финансы, экономика, устойчивость, льготы.

# TAXATION AND ITS MANAGEMENT IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

***Qurbonov A.Q., Nazirzoda N.I.***

**Annotation.** The article examines the process of managing the taxation system in the context of digitalization of the economy. Within this framework, the process of forming the structure of the tax committee, the list of types of taxes in the market economic system was studied. Then he analyzed and studied the taxation system that was used to regulate the process of tax administration in the structure of the tax committee, which contributes to management and digitalization, and it was determined that the implementation of this process has a positive effect on the development of the national economy.

**Keywords:** tax, administration, digitalization, finance, economy, sustainability, benefit.

**Гузориши масъала.** Маълум аст, ки идоракунии низоми андозбандӣ вобаста ба рушди соҳаи иқтисодиёт махсусан технологияи иттилоотӣ дигар мешавад. Бинобар ин зарурият пеш меояд, ки идоракунии нзоми андозбандӣ бо низоми рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқ кунонида рушди он таъмин карда шавад. Аз ин лиҳоз мо дар мавзӯи

таҳқиқотии худ раванди идоракунии надозбандиро дар низоми иқтисоди миллӣ дар шароити рақамикунонӣ соҳаҳои он ба пуррагӣ дар алоқамандӣ омӯхтем.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Раванди идоракунии низоми андозбандӣ дар чорчубаи муносибатҳои бозорӣ бе таъмини технологияи иттилоотӣ тасавур карда намешавад. Бинобар ин омӯзиши раванди идоракунӣ ва ҷанбаҳои ба ҳам алоқамандии андозбандӣ бо соҳаҳои иқтисоди миллӣ зарурати онро пеш меорад, ки ин ҷараён бо пуррагӣ ва бо ҳампайвастагӣ омӯхта шавад.

**Мақсади мақола** – ин давра ба давра нишон додани раванди идоракунии андозбандӣ ва дар кадом сатҳ қарор гирифтани раванди рақамикунии он дар низоми иқтисоди миллӣ мебошад. Аз ин сабаб дар мақолаи мазкур як қатор ҷамбаҳои идоракунии андоз бо рақамикунонии раванди он нишон дода шудааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Маълум аст, ки бо гузаштан ба иқтисоди бозорӣ бисёр субъектҳои наве пайдо шудаанд, ки ҳамчун ниҳоди мустақили ҷавобгу ба талаботи муносибатҳои бозорӣ ва сохтори идоракунии соҳаи иқтисодӣ гардидаанд. Яке аз номгӯи субъектҳо ин ташкили ниҳоди нави мустақил дар сохтори давлатӣ - Кумитаи андоз мебошад. Сохтори номбурда дар низоми иқтисоди бозорӣ муносибатҳои андоз ва андозбандиро дар чорчубаи меъёрҳои муқаррарнамуда, давлат ва санатҳои қонунгузорӣ ба танзим дароварда, сиёсати андозро дар сатҳи давлат амалӣ менамояд. Категорияи андоз бошад таърихи хеле дуру дароз дошта, ҳанӯз дар асрҳои IV ва III пеш аз милод ба вуҷуд омадааст. Бояд қайд кард, ки ин категория дорои характер ва муносибати иродавӣ ба илмҳои гуногун дорад. Яке аз муҳақиқони соҳа Панов Е.Г. низоми андозро дар шароити иқтисоди бозорӣ омӯхта, чунин қайд кардааст, ки ин қисми таркибии иҷтимой-иқтисодӣ низоми ҷомеъа буда, объекти омӯзиши файласуфон, иқтисоддонон ва ҳуқуқшиносон қарор гирифтааст ва файласуфон дар давраҳои гуногун дар корҳои илмии худ ва дар таҷриба таҳлили иҷтимоии фалсафӣ ва таърихи низоми андозро пешниҳод карданд [1].

Ба ақидаи мо, раванди андоз ва андозбандӣ соҳае мебошад, ки ба тамоми илмҳо ва соҳаҳо алоқамандӣ дорад, чунки ҷое, ки фаъолият ҳаст ё ин ки амвол мебошад, он ҷо масъалаи андоз ва мавриди андозбандӣ қарор гирифтани ин ҳаракат ва амалҳо ба вуҷуд меояд.

Вобаста ба ин, яке аз сохторҳои зарурӣ ва ифодакунандаи бахши иқтисодии давлат ин ташкили мақомоти андоз дар системаи иқтисоди миллӣ аст. Заминаи пайдоиши он аз моҳи июни соли 1991 ҳамчун шуъба дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Аз моҳи январи соли 1992 ин ниҳод ҳамчун Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Баъдан дар заминаи Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 майи соли 1995 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар низоми иқтисоди миллӣ Кумитаи андоз нақши хело ҳам муҳимро барои усутувории молиявии давлат мебозад. Чунки қисмати асосии даромадҳоро дар буҷети давлатӣ воридшавандаро пардохтҳои андози ташкил медиҳад.

Аз аввали ташкилшавиаш то ҳоло дар Кумитаи андоз равандҳои ташкилӣ ба пуррагӣ дар чорчубаи талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ ба роҳ монда шудааст. Умуман дар сохтори ин соҳа имрӯз тамоми идораҳои зарурӣ марбут ба андоз фаъолият мекунад. Аз пайдоиши андоз ва намудҳои андозбандӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ то имруз назар афканем, номгӯи андозҳо аз 45 намуд барои субъектҳои хоҷагидорӣ ба 7 намуд андоз расонида шуд.

Маълум, ки ин раванди ташкилдиҳӣ дар заминаи пешниҳодҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият-иҷрокунандагон дар сохторҳои молиявӣ, махсусан кумитаи андоз, аз тарафи давлат меъёрҳои андозӣ дар заминаи қонун муайян ва амалӣ карда мешаванд.

Бинобар ин масъалаи андоз аз давраи ба вуҷуд омоданаш масъалаи давлат буд. Аз ин ли-

ҳоз ҳануз омӯзиши табиати андоз дар чорчубаи илми молия дар заминаи афкор оиди давлат ба роҳ монда мешуд.

Дар замони худ П.Прудон дуруст қайд кардааст, ки бо мақсад масъалаи андоз ин масъалаи давлат мебошад [2].

Инҷо дурустуии гуфтаи мазкур лар он дарҷ мегардад, ки масъалаи андоз - андозбандӣ ин поядории давлат ва устувории молиявии онро нишон медиҳад ва маҳз давлат дар заминаи пайдоиши андоз баробар ба он ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, давлатро бе андоз тасаввур карда намешавад. Таркиби қисмати даромадҳои буҷет дар низоми молиявии Ҷумҳуруии Тоҷикистон аз грантҳо, пардохтҳои андозӣ, пардохтҳо аз ҳисоби махсус, ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ иборат аст. Пардохтҳои андозӣ дар инҷо нақш ва мавқеи махсусро ишғол мекунад. Қисмати даромади буҷет аз пардохтҳои андоз дар соли 2024 агар 42 956 463 сомониро ташкил диҳад, пас аз ин маблағ пардохтҳои андозӣ ва грантҳо 28 млрд 961 млн. сомониро ташкил медиҳад [3].

Барои дар чорчубаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ба танзим даровардани он бояд барои раванди идоракунии андозбандӣ ва рақамикунонии ва таъмини раванди маъмурикунонии он метавона шароити мусоид фароҳам овард. Дар инҷо маъмурикунонии андоз барои дуруст идоракунии он нақши муҳим мебозад. Тибқи моддаи 2 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмурикунонии андоз – маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз ба риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалишавандае, ки ба таъмини тадбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзим-кунандаи муносибатҳои андозӣ боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гарданд [4].

Ба ақидаи мо, раванди маъмурикунонӣ ба он нигаронида шудааст, ки ҳар номгӯи андоз ва меъёри он ба таври алоҳида муқаррар шуда, пардохт гардида, дар ҳуҷҷатҳо ба ин номгӯи андоз дарҷ карда шуда, ҳама гуна муаммоҳои дар раванда идоракунӣ пайдошуда, бе восита аз тарафи шахсони мутасадӣ сари вақт ба танзим дароварда, ҳисоби онҳо алоҳида таъмин карда шуда, дар маҷмуъ аз раванди ташкили сохторӣ то чораҳои амалигардонии раванди андозбандӣ бояд бе ягон монеъагӣ ва шаффоф таъмин карда, идоракунии он дар заминаи қонунгузорӣ ба роҳ монда шавад.

Яъне, таъмини андоз аз рӯи хусусият ва характери хоси он бояд амалӣ карда шавад, ин ҳатмият, ягонагӣ ва ғайрибаробар қиматӣ идора кардани андоз ба роҳ монда шавад.

Дар натиҷаи такмили низоми андозбандӣ ҳама он муаммоҳое, ки дар соҳаи андоз ҷой дошт, пайдарҳам бо гузашти вақт ҳалли худро давра ба давра ёфтанд.

Ба ақидаи мо, имрӯз дар низоми андоз муаммоҳои ҷойдошта ба ду раванд мансуб мебошанд. Якум, маъмурикунонии раванди андозбандӣ, дуюм - рақамикунонии он, ки барои ба сатҳи мувофиқ ва ба талабот ҷавобгӯ намудани он барномаҳо ва консепсияҳои дахлдор дар сатҳи кумитаи мазкур амалишавандаро тартиб дода, барои истифода қарор додан лозим аст.

Маълум аст, ки ҳануз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, №626 "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011 - 2019" қабул гардида буд [5]. Дар қаламрави мамлакат инчунин дигар барномаи маъмурикунонии низоми андоз дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2020 - 2025 қабул ва амалӣ шуда истодааст [6].

Ин барномаҳо дарбаргирандаи чораҳои миёнамуҳлат мебошанд, ки бо мақсади вусъатбахшии минбаъдаи ислоҳоти ташкиливу идоравӣ, рушди автоматикунонидашудаи идоракунии андоз дар соҳаи маъмурикунонии миллии андоз амалӣ карда мешаванд. Умуман, маъмурикунонии андоз ба содда кардани равандӣ андозбандӣ ва шафофият дар ҳисоби амалии андоз, таъмини татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, зиёд намудани воридоти андозҳо ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди миллӣ равона карда шудааст.

Дар “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2021 – 2025”, ки айни замон мавриди амал қарор дорад, вазифаҳои асосии зерин зикр кара шудаанд:

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байниидоравӣ бо мақомоти дигари давлатӣ дар самти маъмурикунонии андоз;
- таҳия намудани тартиби арзёбии танзими меъёри андозҳо ва таъсири имтиёзҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ;
- такмили равандҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, аз ҷумла: тавассути муттаҳидсозии равандҳои рушди соҳибкорӣ;
- такмили механизми ҳавасмандсозии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар раванди такмили маъмурикунонии андоз;
- кам кардани хароҷот нисбат ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ташаккули низоми устувори андоз ва андозбандӣ, ки барои субектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меоварад;
- мусоидат намудан ва ба корҳо тақвият бахшидан дар самти ҷорӣ намудани унсурҳои иқтисоди рақамӣ ва кам кардани таъсири омили инсонӣ дар он:
- ҷорӣ кардани шакли муосири назорати андоз, мониторинги андоз, ки дар байни мақомоти андоз ва андозсупорандагони масъулиятнок мубодилаи васею нави иттилоотро ба вуҷуд меорад, ки ҳадафи он фақат назорат набуда, балки пешгири кардани амалётҳои дорои хавф ва омилҳои ба вуҷудоварндаи онҳо мебошад;
- вусъат бахшидани корҳо дар самти пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои корупсионӣ дар мақомоти андоз;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии андозсупорандагон ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи риояи қонунгузории соҳа аз ҷониби андозсупорандагон ва назорати андоз ва ғ.

Ба ақидаи мо, муаммои дигаре, ки то ҳанӯз дар чорчуба ва раванди амалишавӣ ва иҷро қарор дорад, ин рақамикунонии соҳа ба ҳисоб меравад. Рақамикунонии низоми андоз ба он оварда мерасонад, ки кулли амалиётҳои андозӣ ва муносибатҳои андозӣ ба таври электронӣ ва шаффоф бе иштироки омили инсонӣ ба роҳ монда мешаванд.

Умуман, раванди ҷорӣ намудани низоми электронӣ ва хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон аз ҷониби мақомоти андоз аз соли 2009 оғоз карда шуд. Дар соли 2010 аз ҷониби мақомоти андоз 4 шакли хизматрасонии электронӣ ба роҳ монда шуда буда. Соли 2015 шумораи чунин хизматрасониҳо дар Кумитаи андоз то ба 17 номгӯй оварда шуд. Бо назардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар портали хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз аз 1 январи соли 2024 шумораи хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон ва аҳолӣ ба 84 номгӯй расонида шуд. Дар сомонаи Кумитаи андоз ҳисобкунаки андоз (калкулятор) ҷой дорад, ки ба таври автоматӣ андоз аз даромади шахсони воқеъӣ, андози замин, андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози ягонаи кишоварзӣ ва андоз аз воситаҳои нақлиётро муайян ва ҳисоб менамояд.

Ҳисобкунаки андоз аз соли 2015 мавриди истифода қарор дода шуда, имрӯз аз ҷониби андозсупорандагон ва аҳолӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дорад. Сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj ) аз соли 2007 мавриди истифода қарор дода шуда, пайваста такмил дода мешавад. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017, №344 оиди қоидаи расмии сомонаҳои вазоратҳо, идораҳо ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар шабакаҳои интернетӣ ҷойгир карда шудаанд, охирин маротиба соли 2023 навсозӣ карда шуд [7].

Сомонаи расмии Кумитаи андоз имрӯз барои ҳамаи андозсупорандагон ва сармоягузорони хориҷӣ дастрас мебошад. Ҳоло аз он зиёда аз 1,1 млн. нафар шаҳрвандон, андозсупорандагон

ва сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, 93,1 ҳазор нафар аз Федератсияи Россия, 6 ҳазор нафар аз ИМА, 1,9 ҳазор нафар аз Хитой, 1,6 ҳазор нафар аз Олмон, 4,1 ҳазор аз Қазоқистон ва 2,9 ҳазор нафар аз Шоҳигарии Нидерландия истифода кардаанд [8].

Ба ғайр аз ин, андозсупорандагон бо Маркази тамоси Кумитаи андоз тариқи телефони соддакардашудаи 151 алоқаи бевосита дошта, зиёда аз 170 ҳазор андозсупорандагон эъломия ва ҳисоботҳои андозии худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод менамоянд. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, № 586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ва ғайра ҳатман тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд [9].

Бо ин мақсад, дар сомонаи Кумитаи андоз хизматрасонии эквайрингӣ фаъол буда, андозсупорандагон метавонанд маблағи андозҳоро тавассути он бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ пардохт намоянд. Бар замми ин, бо мақсади таъмини пардохти андозҳо ва пардохтҳои дигари хатмӣ ба буҷет тариқи ғайринақдӣ бо истифода аз барномаҳои мобилӣ Кумитаи андоз бо 19 адад ташкилотҳои қарзӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки дар самти рақамикунонӣ ва татбиқи консепсияи иқтисоди рақамӣ то имрӯз корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, қисми зиёди андозсупорандагон ба он фаро гирифта шуда, татбиқи пурраи он бо фарогирии ҳама ҷонибҳо дар доираи барномаҳои амалишаванда бо маром идома дорад.

Ҳамкориҳои иттилотӣ бо истифода аз шабакаҳои комуникатсионӣ бо Вазорати молия, Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезия, Агентии омор, Агентии хариди давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ монда шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки ҳоло як қатор ҷорабиниҳо ҷиҳати татбиқи рақамикунонии соҳаи андоз дар низоми иқтисоди миллӣ амалӣ карда мешаванд:

- сохта ва ба истифода додани модулҳои нави барномаҳои компютерӣ дар таъмини низоми идоракунӣ ва ҷраванди рақамикунонӣ;
- мавриди истифода қарор додани хизматрасониҳои нави электронӣ барои соддаю осон амалӣ кунонидани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои иттилоотӣ барои ҳамаи вазорату идораҳо;
- бақайдгирии давлатӣ дар муҳлати 24 соат;
- ташкил ва таъмини ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- бақайдгирӣ ва баҳисобгирии андозсупорандагон тариқи электронӣ;
- ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва ғ.

Ба ақидаи мо, амалисозии корҳои номбурда барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд, хароҷоти маъмуриро барои иҷрои уҳдадориҳои андоз коҳиш медиҳад, ҷиҳати татбиқи бештари иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад ва ба мақоми ҷумҳурӣ дар раддабандиҳои байналмилалӣ таъсири мусбат мерасонад.

Инчунин, дар баробари рақамикунонии низоми андоз, ки як қатор сабукиҳоҳои ба ташкил ва рушди соҳибкорӣ мусоидаткунандаро ба вуҷуд меорад, имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ мавқеъи махсусро ишғол менамояд. Дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 100 намуд имтиёзҳо пешниход карда шудаанд. Ин имтиёзҳо ба соҳаҳои на он қадар пешрафта пешниҳод карда шудаанд. Бо истифодаи аз ин имтиёзҳо соҳаҳои мазкур метавонанд дар як давраи муайян рушди муносиб кунанд ва болоравии иқтисоди миллиро таъмин намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ дар шароити муосир нисбат ба ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ нисбатан зиёданд. Ин имтиёзҳо ба саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, сайёҳӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ равона карда шудаанд.

Ҳамин тавр, риоя ва амаликунонии чораҳои болоӣ метавонанд ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ расонида, пешрафти онро таъмин кунанд. Дар ин ҷо заминаи асосии беҳдошти идоракунии низоми андоз дар чорчубаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ маъмурикунонӣ ва рақамикунонии соҳа ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ


1. Панов.Е.Г. История налоговой системы: опыт социально - философского анализа. - М., 2006. - С 139
2. Нологовая политика теория и практиков //под ред М.Л Майбурова. - М., 2010. - С. 81-89
3. Азия +. Душанбе, 2023. - №48 (1635). - 21 декабря 2023
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С. 5-6.
5. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011 -2019 //Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626. – Душанбе, 2011
6. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 -2025 //Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №643. – Душанбе, 2019
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017, №344
8. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (andoz.tj).
9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, № 586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ». – Душанбе, 2023



***Маълумот дар бораи муаллифон:* *Қурбонов Абдулхайр Каримович* –** *д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734025, Ҷумҳури Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,*

***Тел.:*** *917242483.*

***Назирзода Назирҷон Исроил*** - *унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734025, Ҷумҳури Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,*

***Тел.:*** *919130419,*

***E-mail:*** *nazirjon.zoirov@mail.ru.*

***Сведения об авторах: Курбонов Абдулхайр Каримович*** - *профессор кафедры экономического анализа и аудита, Таджикского национального университета,*

***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17,*

***Тел.:*** *917242483.*

***Назирзода Н.И.*** *ассистент кафедры экономического анализа и аудита Таджикского национального университета,*

***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17,*

***Тел.:*** *919130419,*

***E-mail:*** *nazirjon.zoirov@mail.ru.*

***Information about the authors: Qurbonov Abdulkhair Karimovich*** - *Professor of the Department of Economic Analysis and Audit, Tajik National University,*

***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,*

***Тел.:*** *917242483.*

***Nazirzoda N.I.*** *assistant of the Department of Economic Analysis and Audit, Tajik National University,*

***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,*

***Тел.:*** *919130419,*

***E-mail:*** *nazirjon.zoirov@mail.ru.*

**УДК:**

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ КАК УСЛОВИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ

**Комилов С.Дж.**

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются вопросы цифровизация социально-экономических процессов, как условия инновационного развития. Прежде всего, данный процесс, т.е. цифровизацию в условиях инновационного развития тесно взаимосвязанны с национальными программами, функционирующих в настоящее время. Так как, в современном мире цифровизация, технологии и коммуникации играют важную роль в развитии национальной экономики. При этом отмечено, что перевод экономики к новой модели развития, к промышленно-инновационной в стратегическом отношении предполагает ориентации экономики на воспроизводство добавленной стоимости через регулярное внедрение результатов научно-технологических инноваций.
**Ключевые слова:** цифровизация, инновационное развитие, национальная экономика, промышленность, воспроизводство, научно-технологические инновации, технологии, коммуникации и т.д.

# РАҚАМИКУНОНИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ШАРТҲОИ РУШДИ ИННОВАЦИЯ

**Комилов С.Ҷ.**

**Аннотатсия.** Дар ин мақола масъалаҳои рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун шартҳои рушди инноватсионӣ баррасӣ мешаванд. Пеш аз ҳама, ин раванд, яъне рақамикунони дар заминаи рушди инноватсионӣ бо барномаҳои миллии ҳозира зич алоқаманд аст. Зеро дар ҷаҳони муосир рақамисозӣ, технология ва коммуникатсия дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳим мебозад. Қайд карда мешавад, ки гузариши иқтисод ба модели нави рушд, ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ аз нигоҳи стратегӣ тамоюли иқтисодиётро ба такрористеҳсоли арзиши иловашуда тавассути татбиқи мунтазами натиҷаҳои навовариҳои илмию техникӣ пешбинӣ мекунад.
**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, рушди инноватсионӣ, иқтисоди миллӣ, саноат, такрористеҳсол, навовариҳои илмию технологӣ, технология, коммуникатсия ва ғ.

# DIGITALIZATION OF SOCIAL AND ECONOMIC PROCESSES AS A CONDITION FOR INNOVATIVE DEVELOPMENT

**Komilov S.Dzh.**

**Annotation.** This article examines the issues of digitalization of socio-economic processes as conditions for innovative development. First of all, this process, i.e. digitalization in the context of innovative development is closely interconnected with national programs currently in operation. Since, in the modern world, digitalization, technology and communications play an important role in the development of the national economy. At the same time, it is noted that the transition of the economy to a new development model, to an industrial-innovative one in strategic terms, presupposes the orientation of the economy toward the reproduction of added value through the regular implementation of the results of scientific and technological innovations.

**Key words:** digitalization, innovative development, national economy, industry, reproduction, scientific and technological innovations, technologies, communications, etc.

**Пастановка задачи.** В первую очередь, с помощью изучения различной отечественной и зарубежной литературы определить значение цифровизации для современного социально-экономического развития и ее влияние на инновационные процессы. Оценить текущее состояние цифровизации в разных секторах экономики и социальной сферы. При этом, выявить пути для устойчивой цифровой трансформации, ведения эффективной политики и создания благоприятной среды для инновационных процессов в будущем.

**Анализ проведенных исследований и публикации**. На данном этапе, изучить примеры успешной цифровизации в различных сферах: промышленности, сельском хозяйстве, образовании и здравоохранении. Оценить роль государственных инициатив и стратегий в поддержке цифровых изменений и инновационного развития. Проанализировать влияние цифровизации на социальные аспекты, такие как занятость, качество жизни и образование.

**Цель статьи - и**сследовать ключевые аспекты цифровизации, способствующие инновационному развитию, такие как использование новых технологий, автоматизация процессов и работа с большими данными. Анализировать влияние цифровизации на рост производительности, конкурентоспособность и адаптивность социальных и экономических систем. Выявить барьеры и вызовы, стоящие на пути цифровизации в различных секторах, и разработать рекомендации по их преодолению.

**Основное содержание статьи.** "Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года" предполагает создание основ инновационного развития экономики страны, прежде всего, на базе проведения реформ в системе образования и подготовки современных кадров для отраслей экономики.

На данном этапе экономических преобразований в Республике Таджикистан реализуются: "Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020–2025 годы" и "Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан на период до 2025 года" и др. Стратегическими целями Таджикистана является развитие индустриальной (инновационной) экономики. Реализация индустриально-инновационного сценария возможна при усилении институциональной базы развития, совершенствования правовой системы и усиления защиты прав собственности, включая интеллектуальную, что будет благоприятствовать росту, как внутренних частных, так и прямых иностранных инвестиций [1]. Как известно, перевод экономики к новой модели развития, к промышленно-инновационной в стратегическом отношении предполагает ориентации экономики на воспроизводство добавленной стоимости через регулярное внедрение результатов научно-технологических инноваций.

Наша страна находится на начальном этапе цифровизации национальной экономики, где идет процесс количественного накопления данных, и поток информации огромен и не структурирован. Поэтому повышение уровня теоретических знаний о процессе цифровизации социально-экономических процессов усиливает необходимость формирования методологических и методических основ развития цифровой экономики. Анализируя процесс цифровизации социально-экономических процессов, следует отметить, что внедрение информационно-коммуникационных и цифровых технологий позволяет говорить о формирования новой социальной среды, появления качественно нового рынка труда с учетом психофизиологических изменений самого человека и в дальнейшем формирование новой модели креативно мыслящего, творческого индивидуума.

Кроме того, следует отметить, что в основе четвертой промышленной революции находятся процессы цифровизации, а экономика четвертой промышленной революции может быть охарактеризована как «инновационная экономика», «экономика знаний», «цифровая экономика».

Под термином «цифровизация» (в английской версии – digitization, а также иногда digitalization) экономики и общества зачастую понимается трансформация в социально-экономической сфере посредством массового внедрения цифровых технологий поиска, создания, обработки, обмена и передачи информации [2].

В научном мире считается, что как таковой новый термин «цифровая экономика» впервые появился в 1995 г. Данный термин был введен и использован в научном лексиконе американским ученым-программистом (информатиком) Николасом Негропонте из Массачусетского университета. На современном этапе развития теоретических и методологических основ развития экономики данный термин широко используется во всем мире и динамично вошел в нормативный лексикон не только профессиональных экономистов, менеджеров, маркетологов, финансистов, но и политиков, предпринимателей, журналистов, специалистов в области других профессиональных направлений [3]. Ряд исследователей определяет цифровую экономику как деятельность по созданию, распространению и использованию цифровых технологий и связанных с ними продуктов и услуг, а также технологии сбора, хранения, обработки, поиска, передачи и представления данных в электронном виде.

С другой стороны, цифровая экономика, как наиболее эффективная целенаправленная экономическая деятельность указывает, что экономические отношения по поводу использования информационно-коммуникационных технологий и цифровизации социально-экономических процессов имеют определенную общественную форму. Это деятельность способна удовлетворить инновационную потребность производства и людей, а продукт необязательно должен принимать форму вещи, быть материальным благом, а также цифровизация направлена на развитие сектора высокотехнологичных нематериальных производств и интеллектуального капитала. Цифровизация экономики в большинстве случаев приводит к расширению масштабов использования современных информационно-коммуникационных технологий и способствует появлению и развитию новых результативных технологий, инновационных управленческих решений, а также трансформируются, оптимизируются и ускоряются информационные потоки. Таким образом, в стране возникла обоснованная необходимость создания благоприятных законодательных, организационных, экономических, финансовых, налоговых и других условий, раскрепощающих инновационную деятельность и деятельность в сфере цифровизации социально-экономических процессов.

Цифровая трансформация экономики направлена на развитие инновационной модернизации отраслей национальной экономики, предполагающая формирование перечня стандартов и сводов знаний, необходимых для активизации инновационной деятельности на основе использования цифровых технологий. Это в свою очередь требует разработки системы инфраструктурных ресурсов, позволяющие принимать решения в задачах управления, создания интеллектуальных технологических процессов, цифровой инфраструктуры для решения инновационно-технологических задач и организации принятия управленческих решений на основе интеллектуальной визуализации и интерфейсов и др.

Цифровая революция создает условия для быстрого увеличения доли неоантропов – людей с самостоятельной творческой мотивацией, руководствующихся в своем поведении научными знаниями, логическим мышлением, рациональными соображениями, не подверженных психологическим манипуляциям. За счет сокращения доли так называемого диффузного типа -

людей с манипулируемым сознанием, руководствующихся устанавливаемыми стереотипами социального поведения и легко поддающихся внушению [4]. В этом смысле человечество ждет качественный эволюционный скачок за счет кратного увеличения творческой активности людей [5].

Наблюдается процесс появления нового класса работников, управляющих знаниями (knowledge worker) и обладающие методами, способами на развитие информационно-коммуникационных и цифровых технологий, способных к самостоятельному поиску и анализу огромных массивов информаций, реализующее инновационное решение. Они в большей степени являются работниками умственного труда, и потребность экономики в них имеет тенденцию роста.

На современном этапе модернизации экономики существенно увеличивается роль информации, которая проявляется как при производстве цифровых информационных благ, так и в преобразовании привычных операций других видов экономической деятельности. Среди рассмотренных определений прослеживаются общие черты, основываясь на которых можно утверждать, что в мировом сообществе под цифровизацией и цифровой экономикой подразумевается нечто, включающее распространение и использование современных цифровых информационно-коммуникационных технологий.

Ресурсы являются ключевым компонентом инновационной деятельности, поскольку их комбинация представляет собой субъект «созидательного разрушения». Суть данного понятия, введенного Й. Шумпетером, состоит в том, что деятельность компаний, внедривших у себя более совершенные технологии, начинает осуществляться эффективней [6]. Именно цифровизация социально-экономических процессов способна вынуждать конкурирующие предприятия либо имитировать нововведения, либо компенсировать полученный эффект другими способами. Данное положение влечет за собой реализацию на рынке использовавшихся ими материальных и нематериальных ресурсов.

Так в инновационной теории возникает экономическая составляющая: оказалось, что одних потенциально доступных возможностей технологического совершенствования недостаточно для их массового распространения, даже несмотря на то, что они могут привести к увеличению производственных или экономических показателей [7]. Это явление, на наш взгляд, объясняется также возможностями развития инновационного процесса на основе использования информационно-коммуникационных и цифровых технологий.

В соответствии с некоторыми оценками, текущее положение в мире представляет собой завершающий этап рецессивной фазы пятого цикла, после которой следующая технологическая эпоха, вызванная цифровизацией, должна привести к началу шестого цикла – цифровой экономике. Каждая из них имеет определяющее технологическое ядро, которое окружают сопутствующие технологии, представляющие собой временный драйвер для развития экономики, рано или поздно сменяющийся вновь разработанными технологическими инновациями [8].

На современном этапе промышленного развития четвертая промышленная революция или «Индустрия-4.0» является результатом слияния новейших информационных технологий с технологиями промышленной автоматизации, который обеспечивает широкое использование компьютерной техники, искусственного интеллекта, робототехники, микроэлектроники, телекоммуникаций, увеличения производства средств связи и другие.

Термин «Индустрия 4.0» впервые был использован в 2011 г. на Ганноверской ярмарке. Один из ведущих теоретиков четвертой промышленной революции К. Шваб определяет ее как процесс взаимодействия виртуальных и физических систем производства на глобальном уровне, синтез физических, цифровых и биологических технологий [9]. К основным элементам и прояв-

лениям четвертой промышленной революции относятся: всеобщая цифровизация как экономики, так и общественной жизни; искусственный интеллект, интернет - вещей и роботизация производства, автономные средства транспорта, технологии производства на основе 3D-печати, нано- и биотехнологии, создание новых материалов с заданными свойствами и новые технологии в энергетике [10]. Специфика инновационного развития в условиях цифровой трансформации выражается в единстве этих процессов, которое обеспечивает возможность эффективного программирования развития промышленного производства.

Инновационное развитие в условиях цифровой трансформации выражается в единстве этих процессов, которое обеспечивает возможность эффективного программирования отраслей и сфер общественного производства. Цифровая среда способна обеспечить гибкость формирования высококвалифицированных работников под запрос работодателей. При этом дальнейшее развитие промышленности предполагает формирование и реализацию стратегии управления кадровым обеспечением инновационного процесса, который основывается на: во-первых, учете глобальных трендов развития кадрового обеспечения инновационного развития промышленности; во-вторых, организации стратегического анализа инновационного технологического развития и внедрения цифровых технологий на промышленных предприятиях; в-третьих, организация расширенного воспроизводства кадрового инновационного потенциала и системы непрерывного профессионального образования. Кроме того, важное значение приобретает потребность в организации управления творческим потенциалом создателей новых знаний и формирующих креативное мышление у обучающихся. Здесь формирование эффективной политики, обеспечение профессиональной подготовки в условиях цифровизации нацелена на получение знаний в инновационной сфере, мотивация к обучению в инновационной деятельности.

Развитие цифровых технологий на уровне отраслей, производств, предприятий, регионов и цифрового правительства указывает также на новые возможности рынка труда в глобальной цифровой среде и формирования на этой основе направлений инновационного типа занятости. Исследование Оксфордского университета говорит о том, что 50% всех сегодняшних рабочих мест и профессий исчезнет в течение следующих 25 лет (либо они будут максимально автоматизированы) [11].

Это обстоятельство указывает на необходимость учета изменений внешней среды и технологических вызовов, которые на первый план выводят задачу разработки комплексных мер по подготовке кадров, востребованных рынком труда, а также переквалификации их и организации непрерывного обучения. Формирование социальной среды основано на развитии теории творчества личностей и организаций. Основными компонентами творчества выступают внутренняя мотивация, высокий уровень знаний отрасли и мастерство в использовании творческого мышления. Все это указывает на то, что модель творческого человека становится объективной основой формирования инновационной экономики, содержание которой характеризуют знания и инновационно-креативное мышление. Формирование инновационной экономики сопряжено с коренными изменениями в характере труда, типе работника и занятости, которые преобразуют внутреннюю среду в формы, механизмы и институциональные основы рынка труда нового типа. В этой связи стратегия диверсификации рабочих мест и организация новых форм занятости должна стать одной из доминирующих базовых стратегий развития национальной экономики. Для экономики Таджикистана она приобретает особое значение, поскольку ускоренная индустриализация страны требует адекватных организационно-экономических государственных мер по обеспечению продуктивной занятости во всех отраслях национальной экономики. Все это усиливает необходимость разработки и реализации эффективной политики обеспечения профессио-

нальной подготовки специалистов, нацеленная на получение знаний в инновационной сфере, мотивация к обучению инновационной деятельности.

При этом основным критерием оценки качества рабочей силы в процессе цифровизации следует определить способность создавать инновации. Такой подход к процессу формирования и оценке повышения качества рабочей силы открывает возможность реализации стратегических целей и определения долгосрочных тенденций развития потребностей в рабочей силе различной квалификации на предприятиях отраслей национальной экономики [12].

Это, в свою очередь, требует изменения в трудовом законодательстве, формирование инструментов государственного регулирования социально-трудовых отношений, обеспечение институциализации системы взаимодействия, реструктуризацию системы и составляющих содержания профессионального образования, внедрения инновационных типов социального партнерства. Следует отметить, что цифровизация социально-экономических процессов также связана с новыми возможностями кадрового обеспечения инновационного развития национальной экономики. Кадровое обеспечение сферы инновационной деятельности как подсистемы национальной инновационной системы требует непрерывной целевой подготовки и развития специалистов и рабочих кадров в инновационной деятельности с учетом возрастания роли образования, науки, технологий в экономическом развитии. В целях дальнейшего повышения эффективности использования кадрового потенциала в условиях активизации инновационной деятельности на основе цифровизации социально-экономических требует:

- во-первых, развития инфраструктуры системы кадрового обеспечения;
- во-вторых, инновационное развитие сценарного прогнозирования кадрового обеспечения и дополнительного профессионального образования;
- в-третьих, многократное увеличения инвестиционных вложений в развитие системы кадрового обеспечения и повышение качества государственных образовательных стандартов, отвечающих требованиям активизации инновационной деятельности;
- в-четвертых, развития системы дополнительного профессионального образования, подготовку специалистов, профессио-нально владеющих знаниями и навыками в области цифровизации организационно-экономических, научно-технологических процессов и др.

Цифровизация экономики, являясь формой социально-экономической деятельности развивается на основе глобальной электронной сети и оптимального использования информационно-коммуникационных технологий, которая позволяет значительно сократить не только затраты рабочего времени, но и также снижает трансакционные издержки. Поэтому в ближайшее будущее доминирование процессов цифровой трансформации отраслей экономики очевид-но.

На основе «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» принята и утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года, №642 «Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан», которая представляет собой общее видение использования современных цифровых технологий в целях достижения высшей цели долгосрочного развития Таджикистана, а именно повышения уровня жизни населения страны, скорейшего выхода на уровень жизни стран среднего достатка и значительного снижения бедности, а также достижение приоритетных целей экономического развития республики, таких как обеспечение энергетической независимости и продовольственной безопасности, выход страны из коммуникационного тупика и превращения ее в транзитную, ускоренную индустриализацию страны и создание новых рабочих мест

Здесь можно выделить ряд проблем развития процессов цифровой трансформации и инновационного потенциала промышленности на современном этапе экономических преобразо-

ваний. К нему следует отнести, во-первых, недостаток государственных финансовых ресурсов и частных инвестиций для активизации инновационной деятельности; во-вторых, недостаточный объем государственных расходов на науку и его незаметное соотношение к валовому внутреннему продукту страны; в-третьих, отсутствие институциональных условий для привлечения и использования на взаимовыгодных условиях финансовых ресурсов частного сектора для реализации инновационных проектов; в-четвёртых, формирования инновационной инфраструктуры развития промышленности; в-пятых, недостаток квалифицированных кадров и научных сотрудников в инновационной сфере и активизации деятельности в области цифровизации социально-экономических процессов и др.

Инновационное развитие и цифровизация социально-экономических процессов предполагает повсеместное использование знаний, информационных технологий, что позволяет отраслям национальной экономики непрерывно привлекать, производить и приумножить интеллектуальный капитал, который является ключевой составляющей человеческого капитала. В этой связи возрастают требования к подготовке кадров в условиях цифровизации экономики на пути инновационного развития. Кроме того, следует отметить, что в Концепции цифровизации в Республике Таджикистан на первом этапе ее реализации предусматривается подготовка высококвалифицированных кадров и управленческого состава для ведения цифровых проектов, а также создание системы подготовки квалифицированных кадров, как в университетах, так и на предприятиях, и для развития цифровых навыков среди населения в целом. Поэтому усиливается необходимость выработки и реализации стратегий развития цифровизации в отраслях национальной экономики с учетом развития цифровых навыков работников отрасли, которая гармонично укладывается в общую концепцию долгосрочного развития отраслей экономики страны.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года – adlia. tj > show_doc.fwx?rgn=127827
2. Губанов С.С. Державный прорыв. Неоиндустриализация России и вертикальная интеграция. – М.: Книжный мир, 2012. - 224 с.
3. Цифровая экономика: глобальные тренды и практика российского бизнеса». // Доклад. Imi.hse.ru: Национальный исследовательский университет «Высшая школа экономики» [Электронный ресурс]. − Режим доступа: https://imi.hse.ru/pr2017_1 (дата обращения: 25.12.2017).
4. Поршнев Б. О начале человеческой истории (Проблемы палеопсихологии). - М.: «Мысль», 1974 - 487 с.
5. https://glazev.ru/articles/6-jekonomika/54923-velikaja-tsifrovaja-revoljutsija-vyzovy-i-perspektivy-dlja-jekonomiki-i-veka
6. Шумпетер Й. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия - М.: «Эксмо», 2008. - С.132-133
7. Шумпетер Й. Теория экономической динамики. - М., 1996. – С.144
8. Львов Д.С., Глазьев С.Ю. Теоретические и прикладные аспекты управления НТП // Экономика и математические методы. – М., 1986, № 5
9. Шваб К. Четвертая промышленная революция. - М.: Экспо, 2016. -138 с.
10. Гусов А.З., Редкина О.Б. Социальные ресурсы и риски промышленной революции 4.0 в России//Вестник Волгоградского государственного университета. - Серия 3, Экономика. Экология. 2019. - Т. 21, № 1. - С. 5-12.

11. Гусов А.З., Редкина О. Б. Социальные ресурсы и риски промышленной революции 4.0 в России//Вестник Волгоградского государственного университета. - Серия 3, Экономика. Экология. 2019. - Т. 21, № 1. - С. 5-12.

12. Роботизация: профессии на грани исчезновения [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https//www.ivlife.ru./ articles / 258-robotizatsiya-professii-na-gran-ischeznoveniya (дата обращения: 09.11.2020).

13. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития /С.Дж Комилов. Монография. - Душанбе: ”Шарки озод”, 2019.с.155.

***Маълумот дар бораи муаллиф*: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - *доктори илми иқтисод, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи (Славянӣ) Русияву Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734025, Ҷумҳури Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мрзо Турсунзода, 30,*

***Тел.:*** *917 50 54 01,*

***E-mail:*** *sirodj.tj@mail.ru.*

***Сведения об авторе: Комилов Сироджиддин Джалалиддинович*** – *д.э.н., профессор кафедры «Экономической теории и мировой экономики» Российско-Таджикского (Славянского) университета,*

***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Мирзо Турсунзаде, 30,*

***Тел.:*** *917 50 54 01,*

***E-mail:*** *sirodj.tj@mail.ru.*

***Information about the authors: Komilov Sirokhiddin Jaloliddinovich*** - *Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy of the Russian-Tajik (Slavic) University,*

***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. st. Mirzo Tursunzade, 30,Ҷумхурии Тоҷикистон,*

***Тел.:*** *917 50 54 01.*

***E-mail:*** *sirodj.tj@mail.ru*

УДК:

# САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН

*Шарифов З.Р., Ҳомидов А.У.*

**Аннотатсия.** Дар мақола зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти масъалаҳо бахшида ба равшаннамоии мафҳумҳои самаранокӣ ва самаранокии иқтисодӣ асоснок карда шудаанд.Ақидаҳои олимону иқтисоддонҳои хориҷӣ ва ватанӣ оид ба маънои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ омӯхта шуда, онҳо бо ҳам муқоиса карда шудаанд. Паҳлӯҳои мақбул ва номақбули онҳо аз тарафи муаллифи мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки дар замони ҳозира дар раванди таҳлили фаъолияти соҳа ва субъектҳои хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор мегиранд, шарҳ дода шудаанд. Оварда шудааст, ки ҳанӯз нишондиҳандаи ҳамаро-фарогирандае, ки самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣро ҳаматарафа тавсиф намояд, вуҷуд надорад. Бинобар ин, барои таҳлили самаранокии иқтисодии ҳам соҳа ва ҳам субъектҳои хоҷагидорӣ аз низоми нишондиҳандаҳое истифода мебаранд, ки дар мақолаи мазкур шарҳ дода шудаанд.

**Калидвожаҳо**: самаранокӣ, самаранокии иқтисодӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, кишоварзӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, замин, воситаи истеҳсолот, арзиши аслй, ҳосилнокии меҳнат, меҳнати зинда, меҳнати таҷассумёфта, фондҳои асосӣ, сармоягузориҳо, фоида, даромаднокӣ, зариби самаранокии сармоягузориҳо, бодеҳии фондҳо

# ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА: ВОПРОСЫ ТЕОРИИ И МЕТОДОЛОГИЯ ЕЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ

**Шарифов З.Р., Хамидов А.У.**

**Аннотация.** В статье обоснованы проблемы, связанные с раскрытием сущности понятия эффективности и экономической эффективности. Изучены и сопоставлены взгляды зарубежных и отечественных ученых экономистов относительно сущности понятия эффективности сельскохозяйственного производства, анализированы преимущества и недостатки этих взглядов. Характеризованы показатели эффективности сельскохозяйственного производства, принимаемые в настоящее время при анализе хозяйственной деятельности в отрасли и в хозяйствующих субъектов. Отмечается, что до сих пор не существует единый показатель, характеризующий все стороны эффективности сельскохозяйственного производства, поэтому при анализе эффективности производства, как в отрасли, так и в сельскохозяйственных предприятиях применяется система показателей, которые приведены в статье.

**Ключевые понятия**: эффективность, экономическая эффективность, сельскохозяйственное производство, земледелие, хозяйствующие субъекты, земля, средства производства, себестоимость, производительность труда, живой труд, овеществленный труд, основные фонды, инвестиции, прибыль, рентабельность, коэффициент эффективности инвестиции, фодоотдача

# ECONOMIC EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION: THEORETICAL ISSUES AND METHODOLOGY OF ITS DETERMINATION

**Sharifov Z.R., Gamidov A.U.**

**Annotation.** The article substantiates the problems associated with revealing the essence of the

concept of efficiency and economic efficiency. The views of foreign and domestic academic economists regarding the essence of the concept of efficiency of agricultural production have been studied and compared. The author of the article analyzes the advantages and disadvantages of these views. The article characterizes the indicators of the efficiency of agricultural production that are currently accepted when analyzing economic activities in the industry and in economic entities. The article states that there is still no single indicator that characterizes all aspects of the efficiency of agricultural production, therefore, when analyzing production efficiency both in the industry and in agricultural enterprises, the system of indicators that are given in the article is used.
**Key concepts:** efficiency, economic efficiency, agricultural production, farming, business entities, land, means of production, cost, labor productivity, living labor, materialized labor, fixed assets, investments, profit, profitability, investment efficiency ratio, capital productivity.

**Гузориши масъала.** Дар шароити ҳозира омӯзиш ва муайян намудани ҷанбаҳои назариявии мафҳуми “самара” ва “самаранокии иқтисодиёт”, “самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ” бо назардошти рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди фаҳмиши ин мафҳумҳо дар байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ акидаи якхела вуҷуд надорад. Ҳамзамон, вобаста ба хусусиятҳои табиию иқлимӣ, ташкилию иқтисодӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ ва низоми идоракунии он, методологияи муайян кардани самаранокии иқтисодӣ таҷдиди назар ва таҳқиқоти махсусро талаб мекунад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масъалаи муайян намудани самаранокии иқтисодии истеҳсоллоти кишоварзӣ, мафҳумҳои “самара” ва “самаранокии иқтисодиёт”, “самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ” аз ҷониби олимони ватани ва хориҷӣ дар адабиёти илмӣ таҳлил ва таҳқиқ карда шудааст. Аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам дар низоми муккамалгардонии фаҳмишҳои назариявии нишондиҳандаҳои иқтисодии самаранокӣ усулҳои муайяннамудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо назардошти таъсири омилҳои табиию иқлимӣ, ҳосилнокии табиии замин, масъалаҳои ҷойгиркунии зироатҳо пурра таҳқиқ нашудаанд.

**Мақсади мақола** – аз таҳлил намудани ақида ва пешниҳодҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба таҷдиди назар намудани мафҳумҳои “самара” ва “самаранокии иқтисодиёт”, “самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ”, ичунин аниқ намудани нишондиҳандаҳо ва усулҳои муайян намудани самаранокии истеҳсолот, таҳияи намудани пешниҳодҳо оид ба такмил додани усулҳои муайян намудани самаранокии истеҳсолот бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ иборат аст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Вазъияти ҳозира зарурати таҳқиқи муфассали асосҳои назариявӣ ва методологии масъалаи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣро аз нуқтаи назари таъмин намудани самаранокии иқтисодии истеҳсолот ба миён меорад. Вобаста ба ин, пеш аз ҳама, равишҳои назариявии шарҳи мафҳумҳои «самара» ва «самаранокӣ»-ро омӯхтан лозим аст.

Дар шароити инкишофи муносибатхои бозаргонӣ, омӯхтани муаммоҳои илмию амалии зиёд кардани самараи иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, чи барои ҳар як коркуни кишоварзӣ ва чи барои тамоми соҳа аҳамияти калон дорад. Зеро самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ сатҳ ва сифати фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидор, татбиқи стратегияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди деҳот ва иқтисодиёти минтақаҳои кишварро муайян мекунад.

“Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” зикр мегардад, ки “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, об ва захираҳои инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурсамари аҳолии деҳот“ ҳамчун бартарияти мушаххаси рушди минбаъдаи бахши кишоварзӣи иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Иҷрои ин вазифаи стратегӣ зарурияти истиффодаи оқилонаи иқтидорҳои истеҳ-

солии кишоварзӣ ва ба ҳам пайвастани самарабахши омилҳои истеҳсолие, ки онҳо истифода мебаранд, ба миён меоварад. Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба таҳқиқи категорияи самаранокии иқтисодии истеҳсолот ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ин бо мураккабии объективонаи муносибатҳои иқтисодии дар ҳамин самти фаъолият мавҷудбуда алоқаманд аст, ки раванди коркарди нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот, инчунин равишҳои методологиро ба таҳлили он муайян мекунад.

Тадқиқоти категорияи самаранокии иқтисодӣ дар бисёр адабиёти иқтисодӣ дида мешавад. Масалан, дар асари "Иқтисодиёт" (Макконнелл К.Р. ва Брю С.Д.) ин категория чунин тавсиф шудааст: «Самарнокии иқтисодӣ муаммои "хароҷот - барориш"- ро фаро мегирад. Зимнан, самаранокӣ алоқамандии байни ҳаҷми захираҳои нодире, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд ва ҳаҷми дар натиҷа ба дастоварии ҳама гуна маҳсулоти заруририро тавсиф мекунад. Маҳсулоти бештаре, ки аз аз ҳаҷми хароҷоти додашуда ба даст меояд, маънои баланд бардоштани самаранокиро дорад. Ҳаҷми камтари маҳсулот аз миқдори хароҷоти додашуда аз паст шудани самаранокии он шаҳодат медиҳад» [4, с.341]. Тибқи таърифи Э.Долан ва Д.Линдсей, «Самаранокӣ – ин даркнамоии калидист ҳангоми қабули қарор дар бораи он, ки чиро ва читавр мебояд истеҳсол кард. Дар суханронии ҳаррӯза калимаи самаранокӣ маънои онро дорад, ки истеҳсолот бо сарфу кӯшиш ва талафоти ҳадди ақал пеш меравад» [2, с. 89]. Аз ин таъриф муқаррароте бармеояд, ки зимни такрористеҳсоли экстенсивӣ наметавон нисбат ба такрористеҳсолкунии интенсивӣ ба дараҷаи ҳадди ақали хароҷот ба як вохиди маҳсулот ноил шуд. Ба ақидаи Г.Менкью, «Самаранокӣ ин истифодаи захираҳои маҳдуд бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои ҳадди аксар» мебошад [5].

Олимони олмонӣ проблемаҳои самаранокии бахши аграрии иқтисодиётро омӯхта, таъкид мекунанд, ки «Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ на аз рӯи ҳаҷми корхонаҳои кишоварзӣ, балки аз рӯи дараҷаи сохибкории аграрӣ, санъати истифодабарии принсипҳои идоракунӣ, таҳия ва истифода бурдани низомҳо ва абзорҳои иқктисодии ҳавасмандгардонӣ, ки ба баланд шудани дараҷаи ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ба натиҷаҳои баланди ниҳоӣ мусоидат мекунанд, муайян карда мешавад» [1, с. 90-103]. Олими рус Н.А.Попов таъкид мекунад, ки «...таърифи самаранокӣ муносибати байни натиҷаи бадастомада ва хароҷоти барои ба даст овардани он сарфшударо дар назар дорад». Ба ақидаи ӯ, «аз таърифи самараи иқтисодӣ метавон ду вазифаи асосиро таҳия намуд – ноилшавӣ ба самараи ҳадди аксар зимни дараҷаи додашудаи хароҷот ва, баръакс – ноилшавӣ ба самараи додашуда бо хароҷоти камтарин» [9, с. 9-10].

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ инчунин шарҳҳои гуногуни мафҳуми «самаранокӣ» мавҷуданд. Масалан, муҳаққиқони ватанӣ Олимов А.Х., Аминова Г.М. [8, с. 142-145] маънои мафҳуми «самаранокӣ» – ро ҳамчун баҳодиҳии натиҷаи фаъолият дар асоси ҳаҷми хароҷот ё сарфи захираҳои истеҳсолӣ – таносуби натиҷаҳо ва хароҷоти захираҳо шарҳ додаанд.

Муаллифони дигар самаранокиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян мекунанд, ки маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии марбут ба ташкили раванди такрористедсолкуниро бо ҳадди ақали хароҷот ва сарфи омилҳои истеҳсолӣ инъикос менамояд. Олими иқтисоддони ватанӣ А.Б.Мирсаидов мазмун ва масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳоро аз ду ҳолат: якпорчагии дохилӣ ва нақши ниҳодии берунии корхонаҳо баррасӣ мекунад. Яклухтии дохилӣ бояд ба якҷоякунии оқилонаи омилҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаи ғуншуда, ки хароҷотро ба як вохиди махсулот кам мекунад, мусоидат кунад. Нақши ниҳодии беруна ба корхона имкон медиҳад, ки бартарии абзорҳои бозорӣ ва манфиатҳои стратегии ҳарифонро ба самти аққаллинамоии хароҷоти муомилот аксуламалнамоӣ оқилонатар истифода барад [7, С. 174-179].

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳар як молистеҳсолкунанда ҳамчун соҳибкор дар

раванди истеҳсолоти кишоварзӣ мақсади бадастоварии манфиати иқтисодиро дорад, фаъолияти иқтисодию хоҷагии он, пеш аз ҳама, ба гирифтани фоида нигаронида шудааст. Дар баробари ин, дар бозори истеъмолӣ истеъмолкунандагон ба харидани мол бо миқдор ва сифати муайян дар шакли натуравӣ ҳавасманд мебошанд.

Дар кишварҳои рӯбатараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, нерӯи истеҳсолӣ маҳдуд аст. Аз ин рӯ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мадди аввал, ва бадастории фоида бошад - дар ҷойи дуюм меистад. Аз нуқтаи назари классикӣ, самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар натиҷаи таъсири мутақобилаи қувваи корӣ бо воситаҳои истеҳсолот зоҳир мешавад. Аз ин нуқтаи назар, замин, ки ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот баромад мекунад, дар ташаккули хароҷот бевосита иштирок намекунад. Бинобар ин, маҳаки самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд афзоиши даромад/фоида аз ҳар гектар замини кишоварзӣ бошад. Ба фикри мо, истеҳсоли махсулоти умумӣ ба ҳисоби ҳар як сомонии хароҷоти маҷмӯӣ маҳаки самаранокии иқтисодии истеҳсолот мебошад.

Натиҷаи ниҳоии истеҳсолоти кишоварзӣ дар арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ ифода меёбад. Дар он инчунин натиҷанокии истифодаи омилҳои истеҳсолот ифода меёбад, ки ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ зоҳир мегардад.

Муносибатҳои дар боло зикршуда оид ба муайян кардан ва тавсиф намудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ имкон медиҳанд ақидаронӣ карда шавад, ки категорияи самаранокии истеҳсолот мураккаб буда, ба он сарфу хароҷот, омилҳои сершумори берунӣ ва дохилӣ таъсир мерасонанд. Корхонаҳои кишоварзӣ дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ маҷмӯи захираҳои ба ҳам алоқаманди истеҳсолӣ (замин, меҳнат, молиявӣ ва моддӣ)- ро истифода мебаранд, ки бар асоси ташаккули хароҷоти маҳсулоти истеҳсолшуда қарор мегиранд. Ин унсурҳои сохтории раванди истеҳсолот аз низоми мураккаби таъсири мутақобила, тағйирёбии доимии таносуби миқдории онҳо, хосиятҳои сифатӣ, ки сатҳ ва сифати истеҳсолотро муайян мекунанд, иборатанд.

Хусусиятҳои технологӣ ва талабот, инчунин хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба ташаккули таносуби муайяни байни унсурҳои хароҷоти захираҳои истеҳсолот, инчунин ба талаботи риояи онҳо боис мегарданд. Якҷоякунии нав ё тағйирёбии ҳаҷм боиси хусусияти сифатии дигар захираҳо мегардад. Дар натиҷа дар хосиятҳои миқдорӣ ва сохтории маҳсулоти истеҳсолшаванда тағйирот ба амал меояд.

Дар натиҷаи дастурамал ва ба ҳам пайвастани захираҳои истеҳсолӣ қувваи истеҳсолкунандаи корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд меояд, вале бузургии он бо ҳосили ҷамъи қувваҳои истеҳсолкунандаи омилҳои истеҳсолӣ мувофиқ намеояд. Аз боби ин самара равандҳои ташаккул ва фаъолияти иттиҳодияҳои агросаноатӣ шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар иттиҳодияҳои агросаноатии истеҳсол ва тайёр кардани сабзавот даромаднокии маҳсулоти сабзавот назар ба хоҷагиҳои сабзавоткорӣ, даромаднокии коркарди саноатии сабзавот назар ба заводҳои алоҳидаи консервбарорӣ зиёд аст. Вақте ки хоҷагии сабзавоткорӣ ва корхонаи саноатии коркарди сабзавот дар як ташкилот муттаҳид карда мешаванд, самараи иктисодии кори ин гуна ташкилот назар ба ҳосили ҷамъи арифметикии самараи иқтисодие, ки пештар дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои саноатии ба таври худмухтор амалкунанда ба даст оварда мешуд, хеле зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, дар шароити ҳамгироӣ таъсири синергетикӣ ба амал меояд.

Куллан, ба соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ аксуламалнамоии зич ва бо хам печидани равандҳои биологӣ, табиӣ, истеҳсолию технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хос аст. Алоқаи зич ва аксулвобастагии байни давраҳои такрористеҳсоли навъҳои гуногуни захираҳо мавҷуданд. Соҳаҳои кишоварзӣ хусусияти динамикӣ дошта, доимо тағйирёбанда буда, зери таъсири омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ қарор мегиранд. Истеҳсолоти кишоварзӣ ба шарофати

пешрафти техникию технологӣ доимо тағйир меёбад ва ҳалли муаммоҳои баланд кардани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, бо таҳлили низоми омилҳою захираҳои харочотбунёдкунанда, ки натиҷаҳои он бояд бар асоси қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба кам кардани сатҳи хароҷот ва хароҷоти идоракунӣ дар маҷмӯъ қарор дошта бошанд, алоқаманд аст. Ба муайян кардани нишондиҳандаҳо ва методикаи ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ хусусиятҳои худи соҳа таъсири калон мегузоранд, ки онҳо чунинанд:

- дар истеҳсолоти кишоварзӣ воситаи асоситарини истеҳсолот маҳсуб ёфтани замин;
- вобаста будани истеҳсолоти кишоварзӣ аз шароитҳои табиӣ;
- асосан аз заминдории обёришаванда иборат будани истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон;
- дар шароити имрӯза пароканда карда шудани колхозу совхозҳои дар замони Шӯравӣ ташкилёфта ва ғ.

Хусусиятҳои болозикр ба интихоби усулу маҳак ва нишондиҳандаҳои муайян кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири бевосита расонида, барои чунин интихоб асос мегузоранд.

Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз чунин нишондиҳандаи (маҳаки) ҳаматрофарогире, ки самаранокии иқтисодии ҳамаи тарафҳои истеҳсолоти ин соҳаро дар бар мегирифта бошад, дарёфт ва таҳия карда нашудааст. Бинобар ин, барои муайян намудани самаранокии иқтисодии равандҳои истеҳсолот дар соҳаи мазкур гурӯҳи нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ истифода бурда мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо самаранокии иқтисодии як тараф, як омил ва ё як воситаи дар раванди истеҳсолоти кишоварзӣ, куллан ва ё зироату маҳсулоти алоҳидаро нишон медиҳанд, аз ҷумла: нишондиҳандаҳои самаранок истифодабарии замин, ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулот, самаранокии истифодабарии фондҳои асосӣ, самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо, даромаднокии истеҳсолот ва фондҳои истеҳсолӣ.

***Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истифодабарии замин (майдонҳои кишт).*** Аҳамияти ин нишондиҳандаҳо дар замони ҳозира, вобаста ба эълон гардидани таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳадафи стратегияи давлатӣ боз ҳам меафзояд, зеро, афзун гардонидани ҳам ҳаҷми мутлақи маҳсулот, ҳам бадастории он аз як воҳиди майдони кишт ноилгардӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлатро ифода менамояд.

а) Ҳамчун нишондиҳандаи натуралии самаранок истифода бурдани замин нишондиҳандаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор мегирад, ки ҳамчун нисбати миқдори ҳосили ҷамъовардашуда бар майдони кишт ҳисоб карда мешавад. Бо чунин тарз нишондиҳандаҳои ҳосинокии боғу токзорҳо (нисбати миқдори мева ва ангури ҷамъовардашуда ба майдони боғу токзорҳои ҳосидиҳанда), ҳосилнокии майдонҳои бедадаравии табиӣ (нис-бати миқдори бедаи ҷамъовардашуда ба миқдори майдони бедадаравҳои табиӣ), ҳосилнокии чарогоҳҳо (нисбати миқдори алафҳои аз тарафи чорво хӯрдашаванда ба миқдори майдони чарогоҳҳо) муайян карда мешаванд. Афзоиши чи ҳаҷми мутлақи маҳсулот ва чи истеҳсоли он аз як воҳиди майдонҳои замин, дар сатҳи муайян ба ноилгардӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини амнияти иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити ҳаёти моддии мардум мусоидат менамояд.

б) Ба нишондиҳандаҳои арзишии самаранокии иқтисодии истифодабарии замин инҳо мансубанд: самаранокии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ (нисбати арзиши маҳсулоти умумии аз ҳамаи (ё аз як) намудҳои заминҳои кишоварзӣ ба даст овардашуда, даромади умумии аз ҳамаи (ё аз як ) намудҳои заминҳои кишоварзӣ ба даст овардашуда, даромади софи аз ҳамаи (ё аз як ) намудҳои заминҳои кишоварзӣ ба даст овардашуда) бар миқдори майдони заминҳо (кишт, боғу токзорҳо, бедадарав, чарогоҳ).

***Нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат*** яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд,зеро натиҷаи омилҳои асосии барои баландбардории самаранокии истеҳсолот истифода кардашуда, пеш аз ҳама, дар дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ифода меёбанд.

Дар амалия нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишии ҳосилнокии меҳнат ҳисоб карда мешаванд. Нишондиҳандаи меҳнатталабии маҳсулот ҳамчун баръакси формулаи ҳосилнокии меҳнат ҳисоб карда шуда, вале моҳият ва самти истифодабариаш тамоман дигар аст, дар асоси он, бо назардошти минбаъд таъсиррасонии омилҳо ба тағйирёбии сатҳи меҳнатталабии маҳсулот, метавон дурнамои талабот ба миқдори кормандон ва сарфи меҳнатро таҳия намуд.

Бо назардошти ин, ки ба арзиши маҳсулоти умумӣ инчунин хароҷоти истеҳсолот до-хил карда мешавад ва афзоиши арзиши маҳсулоти умумӣ метавонад танҳо аз ҳисоби ин хароҷот ба амал ояд, ҳосилнокии меҳнат инчунин бо истифода аз даромади умумӣ ва даромади соф ҳи-соб карда мешавад.

Маҳдудшавӣ танҳо бо ин нишондиҳандаҳои меҳнати ба тангшавии мазмуни пурраи мафҳуми ҳосилнокии меҳнат оварда мерасонад, зеро раванди истеҳсолот бо сарфи меҳнати натанҳо зинда, инчунин таҷассумёфта низ пеш бурда мешавад.

К.Маркс навишта буд: «баландшавии ҳосилнокии меҳнат маҳз дар он аст, ки ҳиссаи меҳнати зинда кам мешавад ва ҳиссаи меҳнати гузашта меафзояд, аммо тавре меафзояд, ки ҳаҷми умумии меҳнати дар мол сарфшаванда коҳиш меёбад» [6, С.286].

Ин талаб менамояд, ки ҳосилнокии меҳнат бо назардошти сарфи меҳнати зинда ва гузашта муайян карда шавад. Аммо, зимни дараҷаи муосири рушди нишондиҳандаҳои арзишӣ ҳисоб кардани нишондиҳандаи ҳосилнокии маҷмӯи меҳнат имконнопазир маҳсуб меёбад. Дар замони ҳозира сарфи маҷмӯи меҳнатро метавон дар ифодаи арзишӣ ҳамчун ҳосили ҷамъи хароҷотҳои моддӣ ва сарфи музди меҳнат, ки дар якҷоягӣ хароҷоти истеҳсолӣ ё арзиши аслиро ташаккул медиҳанд, ҳисоб кард.

Мафҳуми самараи иқтисодӣ аз нуқтаи назари манфиатҳои умумидавлатӣ, ба ақидаи мо, басо васеъ мебошад, вай аз ҳудуди сирф «сарфакорона» – гии ин ва ё он зуҳуроти иқтисодӣ берун мебарояд. Ва маънои самараи иқтисодӣ дар инҷо метавонад на танҳо дар сарфаи хароҷоти меҳнати ҷамъиятӣ, инчунин дар афзунгардонии миқдори неъматҳои моддии ба ҷомеъа зарур зимни дараҷаи бетағйири хароҷоти меҳнати ҷамъиятӣ ифода ёбад.

***Арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ.*** Дар назария ва амалияи иқтисодӣ мафҳумҳои хароҷоти истеҳсолот ва арзиши аслии маҳсулот фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд ва дар онҳо фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад, зеро сохтори ҳар дуи ин нишондиҳандаҳо аз унсурҳои якхела таркиб ёфтааст. Дар байни онҳо танҳо фарқияти миқдорӣ ҷой дорад. Арзиши аслӣ ҳамон малағи умумии хароҷоти истеҳсолот мебошад, ки ба миқдори маҳсулоти бо он хароҷот истеҳсол кардашуда тақсим карда шудааст ва натиҷааш хароҷоти истеҳсолӣ ба як воҳид маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне, арзиши аслӣ мебошад. Хароҷоти истеҳсолӣ бошад, ин хароҷот барои истеҳсоли тамоми миқдори як намуд маҳсулоти мушаххас ё соҳа ё соҳаҳо ё умуман хоҷагӣ аст.

Динамикаи тағйирёбии арзиши аслӣ, зимни бетағйир мондани дараҷаи нархҳо, тағйирёбии даромаднокиро ва зимни дараҷаи бетағйири даромаднокӣ – тағйирёбии нархҳоро тавсиф медиҳад. Бинобар ин, арзиши аслӣ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хиҷагии қишлоқ маҳсуб меёбад.

***Нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии фондҳои асосӣ*** - боздеҳии фондҳо, мӯҳлати пардохт, мӯҳлати ҷуброни фондҳои асосӣ ва фондталабии маҳсулот мебошанд.

Бо назардошти яке аз хусусиятҳои заминдории обёришаванда, ки дар раванди истеҳсолот

инчунин фондҳои асосии хоҷагии об низ ширкат меварзанд, нишондиҳандаи боздеҳии фондҳоро бо нисбат додани арзиши маҳсулоти умумии заминдории обёришаванда ба фондҳои асосии хоҷагиҳои об ва қишлоқ ҳисоб мекунанд.

Ба ҳайси нишондиҳандаи меъёрӣ, фондталабии маҳсулот ҳисоб карда мешавад, ки вай ифодаи баръакси нишондиҳандаи боздеҳии фондҳо мебошад. Ин ишондиҳанда хусусияти меъёрӣ дошта, бо назардошти минбаъд мавҷудияти омилҳои таъсиррасон ҳангоми муайян кардани миқдори фондҳои асосӣ барои солҳои оянда мавриди истифода қарор мегирад.

Яъне, дурнамои ҳаҷми маҳсулоти умумиро муайян карда, онро бо нишондиҳандаи фондталабии маҳсулот зарб намуда, миқдори фондҳои асосии барои ин миқдор маҳсулоти умумӣ лозимаро дарёфт мекунанд.

***Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо, ки*** барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ равона карда шудаанд,инҳоянд:

а) Зариби самаранокии маблағгузориҳои асосӣ, ки бояд накамтар 0,12 бошад.

б) Муҳлати пардохти маблағгузориҳои асосӣ, ки бояд на зиёдтар аз 8 сол бошад. Дар ҳолати муҳлати пардохти маблағгузориҳои асосӣ дарозтар ва зариби самаранокӣ пасттар аз сатҳи муқарраргардида будан, лоиҳа ғайрисамаранок дониста шуда, мариди қабул ва татбиқ қарор намегирад.

***Даромднокии соҳаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.*** Яке аз нишондиҳандае ҳаст, ки то ба дараҷае самаранокии иқтисодии ҳамаи тарафҳои истеҳсолоти ин соҳаро дар бар мегирад, ки ҳамчун нисбати даромади софи хоҷагӣ аз истеҳсоли маҳсулот, аз соҳа ё аз тамоми соҳаҳо дар давоми сол ба дастоварда бар хароҷоти истеҳсолот ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаҳои даромаднокӣ инчунин ҳамчун нисбати даромади соф бар арзиши миёнасолонаи фондҳои асосии истеҳсолӣ ва фондҳои гардони хоҷагӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда самаранокии иқтисодии хоҷагӣ, соҳа ва ё истеҳсолу фурӯши намудҳои мушаххаси маҳсулоти кишоварзӣро ҳаматарафа тавсиф мекунанд ва дар таҷрибаи фаъолияти хоҷагидории чунин як соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти мамлакат мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

## АДАБИЁТ


1. Атлас З. В., Ионов В Я. Самаранокии истеҳсолот ва даромаднокии корхона. - М.: “Мисль”, 1977. - № 6. - С. 90 -103.
2. Долан Э. ва Линдсей Д. Микроиқтисод. - СПб: «Литера плюс», 1994. - С.89
3. Қудратов Р.Р. Самаранокии иқтисодии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти боғдорӣ / Р.Р.Қудратов // Гузоришҳои Акдемияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №3(53). - С.73-76.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Иқтисодиёт: принсипҳо, масъалаҳо ва сиёсатҳо// Тарҷ. аз нашри 13-уми англисӣ. - М.: INFRA-MD999. - XXXIV, 974 с.
5. Манкив Н.Г. Принсипҳои микроиқтисод. - Санкт - Петербург: Питер, 2007 - 592 с.
6. Маркс К. Капитал т.1, қ 2. - М.: “Политиздат”, 1970, - С.286.
7. Мирсаидов А.Б. Муносибатҳои институтсионалӣ ба омӯзиши мушкилоти интенсификатсияи истеҳсолот//вестник ДМТ. – Душанбе, 2018. - №7. - С.174-179
8. Олимов А.Х., Аминова Г.М. Моҳияти иқтисодӣ ва омилҳои баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ//Кишовар. – Душанбе, 2019. - №1(81). - С.142-145.
9. Попов Н.А. Экономика передпрятия АПК. ”Саратовский ГАУ”, 2016. - С.9-10.

***Маълумот дар бораи муаллиф*: *Шарифов Зариф Раҳмонович*** *– ходими пешбари илмии шуъбаи самаранокии истеҳсолот ва инфрасохтори “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”,*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *905004400*

***E-mail:*** *sharifov_sharif@mail.ru*

***Ҳомидов Аслон Умарович*** *- ходими калони илмии шуъбаи самаранокии истењсолот ва инфрасохтори “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”,*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *918907114*

***Сведения об авторе: Шарифов Зариф Рахмонович*** *- ведущий научный сотрудник отдела эффективности производства и инфраструктуры Научно-исследовательского института экономики Министерства экономичес-кого развития и торговли Республики Таджикистан*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *905004400*

***E-mail:*** *sharifov_sharif@mail.ru*

***Хомидов Аслон Умарович*** *- Старший научный сотрудник отдела эффективности производства и инфраструктуры Научно-исследовательского института экономики Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *918907114*

***Information about the authors: Sharifov Zarif Rakhmonovich*** *- Leading Researcher, Department of Production Efficiency and Infrastructure of the Scientific Research Institute of Economics of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan,*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14a,*

***Тел.:*** *905004400*

***E-mail:*** *sharifov_sharif@mail.ru*

***Khomidov Aslon Umarovich*** *- Senior Researcher, Department of Production Efficiency and Infrastructure of the Scientific Research Institute of Economics of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan,*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14a,*

***Тел.:*** *918907114*

**УДК 004.415.2.031.43**

# РАҚАМИКУНОНӢ - БУНЁДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Зайнудинов С., Салимов Н.С.**

**Аннотатсия.** Дар мақола мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» ва робитаи он бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ баррасӣ шуда, вазъи кунунӣ ва татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар соҳаҳои саноат ва хизматрасониҳои аҳолӣ дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Нишон дода шудааст, ки воридшавии амиқи технологияҳои мобилӣ ва афзоиш додани суръати пайвастшавӣ ба интернет бартариҳои рақамикунонии иқтисоди миллиро муайян мекунанд. Таъкид карда шудааст, ки хусусиятҳои нави иқтисоди рақамии Тоҷикистон дар намудҳои асосии маҳсулот, ташаккули сохторҳои шабакаи иттилоотӣ, тағйири таносуб ва самтҳои дороиҳои сармоягузорӣ ва пайдоиши технологияҳои нав дар идоракунӣ зоҳир мегарданд.
**Калидвожахо:** инноватсия, технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои коммуникатсионӣ, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонӣ, интернет, интернет – технологияҳо, блокчейн, додаҳои калон, интернет-чизҳо

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ – ОСНОВА ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Зайнудинов С., Салимов Н.С.**

**Аннотация.** В статье рассматривается понятие "цифровая экономика" и его связь с информационными коммуникационными технологиями, анализированы современное состояние и внедрение цифрового развития в Таджикистане, его дальнейшее использование в сфере промышленности и услуг для населения на основе "Национальной стратегии развития до 2030 года". Пока-зано, что глубокое внедрение мобильных технологий и ускорение скорости соединения с интер-нетом определяет преимущества цифровизации экономики Таджикистана. Утверждается, что новые виды продукции, структурные формирования информационных сетей, изменения в соотно-шении и направлении инвестиционных активов и возникновение новых технологий в управлении становятся новыми характеристиками цифровой экономики в Таджикистане.
**Ключевые слова:** инновация, информационные технологии, коммуникационные технологии, цифровая экономика, цифровизация, интернет, интернет – технологии, блокчейн, большие данные, интернет-вещи

# DIGITALIZATION IS THE BASIS OF THE DIGITAL ECONOMY

**Zainudinov S., Salimov N.S.**

**Abstract:** the article examines the concept of "digital economy" and its connection with information and communication technologies, and in the field of the National Development Strategy until 2030, the current state and implementation of digital development in the Republic of Tajikistan, its further use in the industry and services for the population are studied. It is shown that the deep introduction of mobile technologies and the acceleration of Internet connection speeds determine the advantages of digitalization of the economy of Tajikistan. It is argued that new types of products, structural formations of information networks, changes in the ratio and direction of investment assets, the emergence of new technologies in management are becoming new characteristics of the digital economy of Tajikistan.

**Keywords:** innovation, information technology, communication technologies, digital economy, digitalization, Internet, Internet technologies, blockchain, big data, Internet things.

**Гузориши масъала.** Рушди босуръати рақамикунонии самтҳои ҷомеа ва пайдоиши шумораи афзояндаи маҳсулоти рақамӣ аз мутахассисони баҳисобгирии идоракунӣ талаб мекунанд, ки асосҳои иқтисоди рақамиро донанд, ки ин боиси пайдошавии бартарии назарраси рақобатпазирӣ мегардад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Паҳншавии технологияҳои рақамӣ самтҳои афзалиятноки рушди таърих, ҷомеа ва иқтисоди аксари давлатҳоро муайян карда, ҳамзамон дар фазои иттилоотию коммуникатсионӣ инқилоби ҷаҳониро ба амал меорад. Рақамикунонии босуръат ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, ба давлати миллӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонидааст [3] (расми 1).




**Расми 1. Таъсири иқтисоди рақамӣ ба давлати миллӣ**

**Мақсади мақола** нишон додани он аст, ки рақамикунонии иқтисод боиси пайдоиши чуин хусусиятҳои нави иқтисоди рақамии Тоҷикистон, монанди намудҳои асосии маҳсулот, ташаккули сохторҳои шабакаи иттилоотӣ, тағйир додани таносуб ва самтҳои дороиҳои сармоягузорӣ, пайдоиши технологияҳои нав дар идоракунӣ ва ғайраҳо мегардад.

**Мухтавои асосии мавод.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642" [2] тасдиқ шудааст, ки он ба "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" [1] асос ёфта, дидгоҳи умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ифода мекунад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ бояд заминаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва омили афзоиши рақобатпазирии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисод модели нави рушди иқтисодро ба вуҷуд меорад, ҷалби сармояи байналмилалиро таъмин намуда, онро метезонад, ба табдили истеҳсолот ва рушди намудҳои нави истеҳсолот такон мебахшад, тамоюли содиротро тақвият медиҳад ва ҳамзамон талаботи дохилиро қонеъ мегардонад. Консепсияи мазкур ба гирифтани дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои муҳими рушди миллӣ, аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), дигаргуниҳои соҳаи хизматрасонӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Иқтисодиёт дар ҳар як марҳалаи рушди иҷтимоию таърихӣ айнан як навъ фазои рақамиро ифода мекард, ки мантиқӣ ва фаҳмо аст. Нишондиҳандаҳои самарабахши ҳар як корхона, аз ҷумла, фоида, зиён, хароҷот, даромад, маблағ ва меъёрҳои андоз, манбаи андоз, меъёри таваррум, касри буҷет, ҳаҷми ММД, меъёри асосӣ ва ғайра бо рақамҳо ифода ёфтаанд. Ҳамаи нишондиҳандаҳои рақамӣ дар ҳуҷҷатҳое ҷамъбаст шудаанд, ки маълумоти микро- ва макроиқтисодиро нишон медиҳанд. Онҳо барои таҳия, тасдиқ ва татбиқи минбаъдаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар ва, ниҳоят, барои таъмини рушди молиявии он заруранд.

Марҳалаи ҳозираи рақамӣ, пеш аз ҳама, ташаккули ҷомеаи инноватсионии иттилоотиро дар назар дорад [6]. Ин муҳит ба мафҳумҳои асосии зерин такя мекунад.




**Расми 2. Такягоҳҳои асосии иқтисоди рақамӣ**

Асосгузори назариявии соҳаи иқтисоди рақамӣ олими компютерии ИМА Николас Негропонте ҳисобида мешавад, ки вай ин консепсияро соли 1995 дар китоби худ “Being Digital” (Мавҷудияти рақамӣ) таҳия кардааст [8, с.125].

Дар солҳои 90-уми асри 20 як қатор кишварҳо дар қонунгузории худ истилоҳи рақамиро васеъ истифода бурданд [3]. Дар ибтидои асри 21 низомномаҳои марбут ба паҳнкунӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасдиқ карда шуданд. Аз ҷумла, Оинномаи Окинаваи “Ҷамъияти ҷаҳонии информатсионӣ” [9], “Нақшаи амалиёти Ухдадориҳо”-и Тунис [10] ва дигар ҳуҷҷатҳои натиҷавӣ қабул карда шуданд, ки принсипҳои ташаккули тамоюлхои баъдииндустриалиро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии ҳаёти ҷамъиятӣ муайян мекунанд.

Иқтисоди рақамиро моҳиятан як низоми муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ба эҷод, тақсим ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҳисоббарорӣ, ва мутаносибан ба маҳсулоти ба онҳо мувофиқ ва алоқаманд асос ёфтааст [6, с.65-71; 4, с. 25-67]. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба фаъолияти ширкатҳо; тарзи зиндагӣ, таҳсилот, шуғли одамон; механизми ҳамкории давлат ва шаҳрвандон, аз ҷумла пешниҳоди хизматҳои гуногуни муҳим таъсир мерасонад. Дар натиҷаи ин раванд ҳаҷми хизматрасониҳои гуногун торафт зиёд шуда, моделҳои нави бизнес ва технологияҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷорӣ карда мешаванд.




**Расми 3. Амалҳои рақамикунонидашудаи низоми молия**

Дар рақамисозӣ соҳаи молиявӣ дар ҷои аввал қарор дорад, ки амалҳои зерин асоси онро ташкил медиҳанд: онлайн-банкинг; пардохтҳои электронӣ; краудфандинг; моделҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ; мушовирони роботи сармоягузорӣ; нигаҳдории абрии иттилоот; асъори крипто-валютӣ, блокчейн; қарздиҳии P2P. Бо боварии тамом метавон тасдиқ кард, ки шумораи ин амалҳо дарояндаи наздик боз ҳам зиёд хоҳад шуд (расми 3).

Технологияҳои электронии корхона бо идоракунии сели (раванди) иттилоотии тиҷорат, назорат ва таҳлил, бо фурӯши маҳсулот, хидмат ё кор алоқаманданд [6, с.156-201]. Бисёре аз маҳсулоти молиявӣ (қарзҳо, сармоягузорӣ, пардохтҳо ва ғайра) тавассути Интернет ё алоқаи мобилӣ дастрас мешаванд.

Пардохти андозщо, хизматрасонии манзилию коммуналӣ аз тариқи смартфон, дархости қарз тавассути пешниҳоди ариза дар вебсайти бонк ё онлайн, хариди саҳмияҳо дар биржа дигар ҳеҷ касро ба ҳайрат намеорад. Дастрасӣ ба маълумот дар ҳама ҷо дар ҳама вақт имконпазир аст, шарти асосӣ мавҷудияти интернет мебошад.

**Афзалиятҳо ва камбудиҳои иқтисоди рақамӣ**

Иқтисоди рақамӣ ба рушди иҷтимоӣ таъсири прогрессивӣ расонида, бароҳатии амалиёт-ҳоро барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои истеҳсолӣ дар байни гурӯҳҳои зерин таъмин ва зиёд мегардонад:

• тиҷорати хурд;
• шахсони алоҳида;
• корхонаҳои миёна ва калон;
• ташкилотҳои гуногун (давлатӣ ва ҷамъиятӣ) (расми 4) ва ғ.

Бисёре аз хизматрасониҳо, молҳо ё корҳоро дар Интернет пайдо кардан, онлайн пардохт кардан ва дар ҷои лозима гирифтан мумкин аст, ки ин манбаи захираҳои гуногун ва вақтро сарфа мекунад.

Бар замми ин, афзалиятҳои дигаре низ ба вуҷуд меоянд [7], ки баъзеи онҳоро ном-бар мекунем:




**Расми 4. Муносибатҳои истеҳсолӣ дар иқтисоди рақамӣ**

- ба вуҷуд омадани таваҷҷӯҳ ба эҳтиёҷоти муштариён: аз интихоби хизматрасониҳои дуруст бо нархҳои арзон то ҳалли мушкилоти муҳими иҷтимоиро дар бар мегирад;
- оддӣ гардонидани раванди пешниҳоду гирифтани ҳама гуна хизматрасонӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ: ба шарофати рушди технологияҳои электронӣ ва иттилоотӣ таъминкунанда метавонад бевосита бо харидор робита кунад. Барои ҷалби якдигар миёнаравҳо лозим нестанд, қариб ҳама чизро (аз маҳсулоти хӯрокворӣ то чипта, аз имтиёз то шиноснома) тавассути интернет метавон додугирифт намуд;
- тавлиди ғояҳои нав, тамоюлҳо, соҳаҳои стартап: афзоиши якбораи сармоягузорӣ дар ҳама лоиҳаҳои марбут ба хидматрасонии рақамӣ, нармафзор ва таҳқиқоти технологӣ мушоҳида мешавад. Ин боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад ва, аз ин рӯ, ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад;
- кам кардани хароҷоти тиҷорати онлайн: он ширкатҳое, ки ин тағйиротро қабул карда, ба иқтисоди рақамӣ гузаштанд, рушд мекунанд. Фурӯши мустақим меафзояд, хароҷот барои фурӯш, маркетинг, нақлиёт ва логистика кам мешавад;
- шаффофияти тиҷорат: аксари транзаксияҳо дар иқтисоди рақамӣ онлайн анҷом дода мешаванд, маълумот дар бораи харид ба мақомоти андоз ба таври автоматӣ интиқол дода мешавад. Ин ба коҳиш додани ҳаҷми даромади "сиёҳ", мубориза бо фасод ва нақшаҳои қаллобӣ мусоидат мекунад;
- баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, тавсеаи ҷуғрофияи тиҷорат (расми 5) ва ғ.
- Фаромуш набояд кард, ки иқтисоди рақамӣ ҷанбаҳои манфии худро низ дорад [7]. Донис-тани онҳо ба истифодабаранда ва истеъмолкунанда имконияти паст кардани дараҷаи хавф, ха-тар, таҳдид ва таваккалро муҳайё мекунад.

Чанде аз камбудиҳои иқтисоди рақамиро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо ҳоло муайян карда шудаанд ва аз тарафи таҳлилгарону тадқиқотчиён эътироф гардидаанд:

- мавҷудияти мушкилоти асосии иқтисоди рақамӣ бо додугирифти иттилоот ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар баъзе соҳаҳои қонунгузорӣ алоқаманд аст;

- баланд шудани сатҳи қаллобӣ: бояд амнияти иттилоотӣ аз нигоҳи ҳифзи ҳуқуқӣ, техникӣ, физикӣ ва криптографии додаҳо таъмин карда шавад;




**Расми 5. Натиҷаҳои таъсири иқтисоди рақамӣ ба фаъолияти тиҷоратӣ**

- афзоиши бекорӣ: дар заминаи пайдо шудани касбу кори нав, ихтисосҳо ва соҳаҳои нави саноат пешини онҳо аҳамияти худро гум мекунанд;
- норасоии технологӣ: танҳо дар сурати мавҷуд будани пешрафтҳои мувофиқ воридшавии пурраи технологияҳои рақамиро ба иқтисодиёт таъмин кардан мумкин аст;
- нобаробарии рақамӣ: рақамисозии универсалӣ барои ҳама дастрас нест. Масалан, барои гирифтани хизматҳои давлатӣ шахс бояд ба Интернет дастрасӣ дошта бошад ва ҳисоби тасдиқшуда эҷод кунад. На ҳама имкони иҷрои ин корро доранд, ки бевосита ба сатҳи некӯаҳволии онҳо таъсир мерасонад;
- ғуломии рақамӣ: ҳамин, ки корбар ба муоширати фаъол дар Интернет шурӯъ мекунад, озодии вай маҳдуд мешавад: ӯ бояд доимо маълумоти шахсии худро ворид кунад ва ҳар як қадамро пайгирӣ намояд;
- сӯйистеъмоли манфиатхо: шахсан худи одам, таваҷҷӯҳи ӯ ба чизе ва садокати ӯ ба чизе ба “мол” мубаддал мешавад, ки ин шакли олии “ғуломии рақамӣ” мебошад ва ғ.

**Технологияҳои рақамикунонии иқтисоди рақамӣ**

Иқтисоди рақамӣ ба ду принсипи муҳим – технологияҳои иттилоотӣ ва шабакавӣ нигаронида шудааст, ки дар онҳо маълумоти электронӣ манбаи асосии стратегии рақамикунонӣ мебошад. Барои истифодаи ин иттилоот воситаҳои муосири IT, аз ҷумла моделҳои бизнес таҳия ва коркард карда мешаванд. Моҳият ва аҳамияти иқтисоди рақамӣ дар тезонидани механизми табодули ҳаҷми зиёди иттилооти электронӣ байни иштирокчиён ва содда кардани равандҳои муқаррарӣ мебошад. Барои иҷрои ин мақсад аз воситаҳои гуногун [11, с.1] истифода мебаранд (расми 6).




**Расми 6. Воситаҳои иқтисоди рақамӣ**

**Блокчейн (англ. blockchain - занҷири блокҳо)** як занҷири пайдарпайи блокҳо (рӯйхати пайвастшуда) аст, ки тибқи қоидаҳои муайян сохта шуда, ҳама гуна маълумоти электрониро дар бар мегирад. Пайвастшавӣ байни блокҳо на танҳо тавассути рақамгузорӣ, балки инчунин бо он таъмин карда мешавад, ки ҳар як блок хеш-суммаи худ ва хеш-суммаи блоки қаблиро дар бар мегирад. Тағйир додани ҳама гуна маълумот дар блок хеш-суммаи онро низ тағйир медиҳад. Барои риоя кардани қоидаҳои занҷир тағйирот ба хеш-сумма бояд ба блоки навбатӣ навишта шавад, ки боиси тағйирёбии хеш-суммаи худ мегардад. Дар ин ҳолат, блокҳои қаблӣ ба он таъсир намерасонанд. Агар блоке, ки тағйир дода мешавад, охирин дар занҷир бошад, пас ворид кардани тағирот метавонад кӯшиши зиёдро талаб накунад. Аммо агар идома пас аз тағйир додани блок аллакай ташаккул ёфта бошад, пас тағйирот метавонад як раванди бениҳоят меҳнатталаб гардад. Гап дар он аст, ки одатан нусхаҳои занҷирҳои блок дар бисёр компютерҳои гуногун новобаста аз ҳамдигар нигоҳ дошта мешаванд, ки ин вақти зиёди воридсозиро талаб мекунад.

**Хеш-сумма (Хеш-код)** идентификатори беназирест, ки тавассути табдилдиҳии математикии додаҳо (иттилоот) бо истифода аз алгоритми махсус ҳисоб карда мешавад ва пас аз он табдил додани натиҷа ба сатри аломатҳо ҳисоб карда мешавад.

Ин истилоҳ бори аввал ҳамчун номи махзани пурраи тақсимшуда, ки дар низоми Bitcoin амалӣ карда мешавад, пайдо шуд, аз ин рӯ blockchain аксар вақт бо китоби муомилот дар криптовалютҳои гуногун муайян карда мешавад. Аммо технологияи blockchain метавонад ба ҳама гуна блокҳои иттилоотии бо ҳам алоқаманд васеъ карда шавад. Дар моҳи октябри соли 2008 низоми Bitcoin ҷорӣ карда шуд, ки аввалин шакли истифодаи технологияи blockchain буд.

Дар айни замон, технологияҳои blockchain дар чунин соҳаҳо, аз қабили муомилоти молиявӣ, муайянкунии корбарон ё эҷоди технологияҳои киберамният истифода мешаванд. Онҳо барои муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои давлатӣ низ мувофиқанд.

**Big Data (додаҳои калон) -** маҷмӯи усулҳо, равишҳо ва воситаҳо бо мақсади табдил додани ҳаҷми бузурги додаҳо, аз ҷумла сохторинашуда ва сохторишуда, ба натиҷаҳои барои одамон хондашаванда аст. Масалан, маълумот дар бораи муомилот, хариди чакана, гузоришҳо дар бораи амалҳои корбар дар шабака, маълумот аз камераҳои видеоии шаҳр. Ин истилоҳ технологияҳои гуногунро муттаҳид мекунад, ки ба истифодабаранда имкони ҳифз ва коркарди маъумотро муҳайё месозад.

**Технологияҳои иттилоотӣ** раванди коркарди иттилоотро бо истифода аз технологияи AI (зеҳни сунъӣ) [5] дар назар доранд. Соҳаҳои татбиқи он беш аз пеш васеъ ва зиёд мешаванд, аз

ин рӯ, аксарияти равандҳо ба зудӣ автоматӣ кунонида мешаванд. Иштироки одамон дар амалӣ гардондани онҳо ба таври бояду шояд кам мешавад. AI (зеҳни сунъӣ) маҷмӯи ҳалли технологӣ мебошад, ки роҳҳои тақлид кардани функсияҳои маърифатии инсонро меомӯзад ва истифода мебарад [5].

**Интернет-чизҳо (IoT) -** ин як шабакаи ҷаҳонии ҳисоббарорӣ мебошад, ки объектҳои гуногуни физикиро мепайвандад ва онҳо метавонанд бо ҳамдигар ё бо ҷаҳон бидуни дахолати инсон ҳамкорӣ кунанд. Бартарии ин технология дар он аст, ки бисёр равандҳоро (дар тиҷорат, истеҳсолот, тандурустӣ, энергетика) тавассути назорати фосилавии иқтидорҳо ва захираҳо пурра автоматӣ кунонидан мумкин аст.

Ҳангоми баррасии иқтисоди рақамӣ барои рушди иқтисодиёт ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд се гурӯҳи асосии технологияҳои зерин ҷудо карда, ба назар гирифта шаванд:

- технологияҳоиояндаи наздик: интерфейси man-machine (одам-мошин), криптовалютсия, ҳисоббарории квантӣ, дронҳо ва дронҳои тиҷоратӣ;
- технологияҳои тадриҷан амалишаванда: ин гурӯҳ таҳияи замимаҳои смартфон, платформаҳои рақамӣ барои шаҳрвандон ва тиҷорат, чатботҳо ва ҳамгироиро дар бар мегирад;
- технологияҳои пешрафт: ин гурӯҳ технологияҳоиояндадори блокчейн, ҳаҷми бузурги маълумот, интернет-ашё, зеҳни сунъӣ, нейротехнология ва воқеияти афзоишёфтаро муттаҳид мекунад ва ғ.

Эълони Бистсолаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ дар Тоҷикистон (солҳои 2020-2040) имкон медиҳад, ки ба омодасозии мутахассисон аз қабили барномасоз, мутахассиси IT, муҳандиси иқтисод, муҳандиси нармафзор, веб-дизайнер ва ғайра таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад. Мутахассисони омӯзонидашуда дар оянда ба рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор хоҳанд шуд. Дар ин марҳалаи рушд дар Тоҷикистон нарасидани мутахассисони дорои маълумоти техникӣ ва технологияҳо дар соҳаи алоқа мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, дар иқтисоди муосир бо сабаби рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бозори хизматрасонии иттилоотӣ тағйироти сифатӣ ба амал меоянд. Дараҷа ва суръати истифодабарии дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ ба рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии кишвар, сифати зиндагии аҳолӣ, баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Барои ҳар як технологияи электронӣ харитаҳои алоҳидаи роҳ таҳия карда мешаванд, ки стратегияҳои асосии рушдро муайян мекунанд. Ҳоло ҷумҳурӣ дар марҳалаи фаъоли рушди иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Барои коҳиш додани фарқият бо дигар давлатҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа иҷрои чунин амалҳо зарур шуморида мешавад:

- зиёд кардани хароҷоти дохилии кишвар барои рушди иқтисоди рақамӣ;
- таъмин намудани дастрасӣ ба инфрасохтори бехатари иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва дастрасии фарохмаҷрои интернет барои ҳамаи хонаводаҳо;
- таъмини танзими мушаххаси соҳавии рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ғ.

Ҳамин тавр, рақамикунонии иқтисод боиси пайдоиши чунин хусусиятҳои нави иқтисоди миллӣ, монанди намудҳои асосии маҳсулот, ташаккули сохторҳои шабакаи иттилоотӣ, тағйир додани таносуб ва самтҳои дороиҳои сармоядорӣ, пайдоиши технологияҳои нав дар идоракунӣ ва ғайраҳо мегардад.

**А Д А Б И Ё Т**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030/Қарори Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, аз 1 декабри соли 2016. - №636. - 88 с.
2. Консепсияи иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 декабри соли 2019, № 642. Электронный ресурс [https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=122391] (12.05.2024).
3. Доклад Всемирного банка о мировом развитии 2016 «Цифровые дивиденды», опубликованный 14 января 2016 г. Электронный ресурс [http://www.maib.ru/about/news/2016 /01/31/-news_400.html] (на 13.05.2024)
4. Землянский А.А., Зайнудинов С.З. Цифровые основы прикладной информатики //Монография. – М.: Издательство "Спутник+", 2018. - 144 с.
5. Сафарзода Х.Ҳ., Салимов Н.С., Зайниддинов С. Зеҳни табиӣ, зеҳни сунъӣ ва забони тоҷикӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз (Таджикистан и современный мир). - Душанбе, 2023., №3 (83). - С. 252-258.
6. Зайнудинов С., Землянский А.А. Прикладные аспекты информационных технологий. - М.: Изд. "РГАУ-МСХА", 2014. - 325 стр.
7. Землянский А.А., Зайнудинов С.З. Философия цифровых технологий//Перспективные направления научных исследований. Сборник статей по материалам IV ежегодной научно-практической конференции (27 февраля 2018 г.). - М.: Издательство «Научный консультант» 2018. - С. 105-109.
8. Амурский А.А. Цифровая экономика: определение и влияние на экономическое развитие. Электронный ресурс [https://ecsn.ru/wp-content/uploads/202106_123.pdf] (на 22.03.2024).
9. Хартия Глобального информационного общества (Окинава). Электронный ресурс https://studfile.net/preview/5252308/page:5/ (на 24.04.2024)
10. Тунисская программа для информационного общества. Электронный ресурс: [https://www.un.org/ru/events/pastevents/pdf/agenda_wsis.pdf] (на 24.04.2024);
11. Ибрагимов Х.Г. Цифровая экономика и ее инструменты// Электронный ресурс: [https://scienceforum.ru/2020/article/2018020397] (на 25.05.2023).

***Маълумот дар бораи муаллиф: Зайнудинов Сафар*** *– н.и.т., дотсент, мудири шуъбаи тақвияти институтсионалии кишвар ва иқтисоди рақамӣ, МД ПИТИ,*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе к. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *988355366*

***E-mail:*** *pol_sz@mail.ru*

***Салимов Назар Сафарович*** *– н.и.ф.м., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кучаи Деҳотӣ 1/2.*

***Тел.:*** *934444120*

***E-mail:*** *salimov_int@rambler.ru*

***Сведения об авторе: Зайнудинов Сафар*** *– к.т.н., доцент, заведующий отдела институционального развития страны и цифровой экономики ГУ НИЭИ МЭРТ РТ,*

***Адрес:*** *734002 Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Айнӣ 14а,*

***Тел.:*** *988355366*

***E-mail:*** *pol_sz@mail.ru*

***Салимов Н.С.*** *– к.ф.-м.н., доцент кафедры информационных систем в экономике Таджикского государственного университета коммерции,*

***Адресс:*** *Республики Таджикистан, Душанбе, улица Дехоти 1/2.*

***Тел.:*** *934444120*
***E-mail:*** *salimov_int@rambler.ru*
***Information about the author: Zainudinov S.*** *– Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Institutional Development of the Country and Digital Economy of the State Research Institute of the Ministry of Economic Development of the Republic of Tajikstan.*
***Address:*** *734002 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni St. 14a,*
***Тел.:*** *988355366*
***E-mail:*** *pol_sz@mail.ru*
***Salimov N.S.*** *– Candidate of Physical and mathematical Sciences., Associate Professor, Department of Information Systems in Economics, Tajik State University of Commerce.*
***Address:*** *Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti street ½.*
***Тел.:*** *934444120*
***E-mail:*** *salimov_int@rambler.ru*

УДК 330.34.35

# ШАРОИТ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ МУОСИР

**Юнусова М.М.**

**Аннотатсия.** Дар мақола масоили инкишофи иқтисоди муосир дар зери таъсири ҳолати баамаломада ва омилҳои таҳкимбахши раванди пешрафти иқтисоди миллӣ таҳлил шудаанд. Ба ҳолат ва омилҳое чун раванди ҷаҳонишавӣ, афзудани аҳамият ва мавқеи инноватсия дар иқтисод, таъсири сармояи инсонӣ ва иқтисоди дониш, рақамишавии иқтисод таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шудааст. Инчунин таъсири омилҳои номуайянӣ ва хатарҳои мавҷудбуда ва ба эътибор гирифтани интихоби тамсилаҳои макроиқтисодӣ ва дурнамо зимни интихоби самти ба даст овардани ҳадафҳо ва стратегияи рушди иқтисоди миллӣ бо мақсади таъмини устувории иқтисодии кишвар асоснок карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди муосир, равиши инкишоф, тамсила, дурнамо, омилҳо, хафв, устуворӣ, интихоб, макроиқтисод, раванди ҷаҳонишавӣ, сармояи инсонӣ, илму дониш, инноватсия, рақамикунонӣ, бозорҳои молиявӣ, рушди иқтисод, осудаҳолӣ

# ОСНОВНЫЕ УСЛОВИЯ И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

**Юнусова М.М.**

**Аннотация.** В статье анализированы основные условия и факторы, которые в современном периоде непосредственно влияют в процесс развития национальной экономики. Особое внимание уделено факторам глобализации, растущей значимости и место инноваций в экономике, влияния человеческого капитала и экономике знаний, цифровизации экономики. Также обосновано влияние факторов неопределенности и существующих рисков, и учет выбора макроэкономических моделей и прогнозирования, при уточнении направления достижения цели и стратегии развития национальной экономики в целях обеспечения экономической стабильности страны.

**Ключевые слова:** современная экономика, процесс развития, модель, прогнозирование, фактор, риск, устойчивость, выбор, макроэконоимика, глобализация, человеческий капитал, наука, экономика знаний, инновация, цифровизация, финансовые рынки, экономический рост, благосостояние

# CONCLUSION AND FACTORS OF THE DEVELOPMENT OF MODERN ECONOMY

**Yunusova M.M.**

**Annotation.** The article analyzes the main conditions and factors that in the modern period directly influence the process of development of the national economy. Particular attention is paid to the factors of globalization, the growing importance and place of innovation in the economy, the influence of human capital and the knowledge economy, digitalization of the economy. The influence of uncertainty factors and existing risks, and taking into account the choice of macroeconomic models and forecasting, when clarifying the direction of achieving the goal and strategy for the development of the national economy in order to ensure the economic stability of the country, is also justified.

**Key words:** modern economy, development process, model, forecasting, factor, risk, sustainability, choice, macroeconomics, globalization, human capital, science, knowledge economics, innovation, digitalization, financial markets, economic growth, welfare.

**Гузориши масъала.** Иқтисоди муосир дар равиши инкишофи худ чунин ҳолат ва хусусиятҳоеро фаро гирифтааст, ки зарурияти интихоби тамсилаҳо ва дурнамои рушди онро аз назари нав талаб менамояд. Ин хусусият ва ҳолат асосан бо васеъ шудани таъсири омилҳои номуайян ва хатар ба инкишофи кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо алоқаманд буда, асари онҳо моҳиятан ба натиҷаи лапиши рушди макроиқтисодӣ оварда, ба эътибор гирифтани интихоби тамсилаҳои рушд ва дурнамои онро тақозо менамояд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Шароит ва омилҳои раванди иқтисоди муосир ба рушди иқтисодии дигар кишвар ва минтақаҳо таъсири назаррасе мегузоранд. Аз ин ҷониб омузиш, баррасӣ ва дарёфти роҳҳои зуд мутобиқшавӣ ба ин раванд дар вазъияти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамоянд.

**Мақсади мақола** – баррасӣ ва таҳлили имкониятҳои истифодаи омилҳои дохилии мавҷудбуда дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, аҳамияти навоварӣ, таъсири сармояи инсонӣ, иқтисоди дониш ва пешомади рушди иқтисод, васеъ паҳн шудани раванди рақамикунонии иқтисод ва дар ин ҳангом инкишофи назарияи иқтисод, инчунин масъалаҳои тамсиласозии макроиқтисодӣ дар шароити рақамикунонӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Таҳлили иқтисоди муосир зарурияти аз нигоҳи нав таҳқиқи илмии дурнамои ҳолат ва омилҳои ба он таъсиррасонандаро талаб менамояд. Дар раванди инкишофи иқтисод ба натиҷаҳои он шароит ва омилҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд, ки зарурияти бевосита ба эътибор гирифтан онҳо пеш меояд. Ҳангоми интихоби усулҳои таҳлил, моделсозӣ ва дурнамои рушди иқтисод ба вуҷуд омадани қонуниятҳо ва тамоюлҳои нави иқтисоди муосирро ба ҳисоб гирифтан аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Яке аз чунин ҷараёнҳо ҷаҳонишавӣ буда, ҳамзамон ҳам таъсири устуворгардонӣ ва ҳам ба ғайриустуворгардонии шароитҳои инкишофи кишварҳои гуногун меоварад. Раванди алоҳида ҷаҳонишавӣ таъсири ниҳоят муҳим ба рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳо мерасонад. Аз як тараф, шароити истеҳсолот ва иқтисоди кишварро ба равандҳои ҷаҳонӣ ба воситаи мубодила ва савдо кашида, баробар менамояд, вале, аз дигар тараф, боиси зуд паҳншавии зуҳуроти буҳроние, ки дар як кишвар пайдо шудааст, ба иқтисоди дигар кишвар гузашта, ба ноустувории иқтисодӣ меоварад.

Ин ҳолат ва хусусияти иқтисоди муосир - инкишоф ва васеъ шудани раванди ҷаҳонишавӣ; боло рафтани мавқеъ ва аҳамияти навоварӣ (инноватсия) ва доираи иқтисоди инноватсионӣ; баланд шудани мавқеъ ва таъсири сармояи инсонӣ ва иқтисоди дониш ва пешомади рушди иқтисод; васеъ паҳн шудани раванди рақамикунонии иқтисод ва дар ин ҳангом инкишофи назарияи иқтисод, инчунин масъалаҳои тамсиласозии макроиқтисодӣ дар шароити рақамикунонӣ мебошанд.

Ҷаҳонишавӣ ва сармояи инсонӣ: таъсири он ба иқтисод. Ҳангоми интихоби таҳлил, тамсиласозӣ ва дурнамои иқтисоди муосир зарурияти ба эътибор гирифтани қонуният ва тамоюлҳои аз нав ба вуҷуд омадаи инкишоф ба миён меояд.

Раванди ҷаҳонишавӣ яке аз ин ҷараёнҳо буда, ҳам ба устуворшавӣ ва ҳам ба ноустуворшавии шароитҳои иқтисодии кишварҳои гуногун таъсир мерасонад. Ҷаҳонишавиро бо маънои васеъ чун раванде маънидод кардан мумкин аст, самти сабаб ва оқибатҳои (натиҷаи) муттаҳидшавии трансмиллӣ ва байнифарҳангии фаъолияти инсониятро муайян мекунад. Ҳамин тавр, ҷаҳонишавӣ раванди мураккаби тарафҳои гуногуни иқтисод, сиёсат, илм, фарҳанг, маориф ва ғ.ҳ. мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ба шароитҳои макроиқтисодии кишварҳои гуногун таъсири мутақобила мерасонад. Таносуби таъсири устуворгардонӣ дар он аст, ки баъзе давлатҳо аз ҳисоби соди-

роти сармоя ва мол имконияти устувор нигоҳ доштани рушди иқтисодро доранд, дигарҳо бошанд, сатҳи техникӣ ва технологии худро аз ҳисоби ҷалби молу технология, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ баланд мебардоранд. Ҳамзамон раванди ҷаҳонишавии иқтисодӣ боиси ба амал омадани омилҳои нав ва муаммоҳои ғайриустувории иқтисод ҳам мегарданд.

Таъсири ғайриустуворгардонӣ дар он мебошад, ки масъалаҳои маҳаллӣ ва буҳронҳои баъзе кишварҳо моҳиятан метавонанд ба рушди иқтисод ва устувории макроиқтисодии дигар кишвар ва минтақаҳо асари манфӣ расонанд.

Ба инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ як қатор омилҳо ва шароитҳо таъсири назаррас расониданд. Аввалан, дар чоряки сеюми саддаи XX рушди босуръати истеҳсолот дар мамлакатҳои мутараққӣ дар асоси истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ чунин миқёси таъмини пешниҳоди дохилиро бар талаботи дохилӣ овард, ки ба пайдо шудани раванди бузурги молҳо байни кишварҳои мутараққӣ ва, инчунин, кишварҳои пешрафта ба инкишофёфтаистода гашт. Ин ҷараён дар мамлакатҳои мутараққӣ инкишофи иқтисоди инноватсиониро таъмин намуда, ба гузаштани истеҳсоли қисми зиёди маҳсулот, аз ҷумла илмталаб аз мамлакатҳои пешрафтаи Аврупо, ИМА, Ҷопон ба кишварҳои инкишофёфтаистодаи Осиё сабаб шуд. Ин, дар навбати худ, ба вуҷуд омадани раванди пуриқтидори мутақобили молҳои мувофиқ аз кишварҳои инкишофёфтаистода ба мамлакатҳои мутараққиро таъмин намуд. Васеъшавӣ ва зиёдшавии раванди мутақобили молҳо дар байни кишварҳои алоҳида дар давраи муайяни вақт ба он сатҳ расид, ки асоси муҳими инкишофи раванди умумибашарии бозорҳои мол гашта, тамоми минтақаҳои курраи заминро фаро гирифт.

Дуюм, омили муҳими ҷаҳонишавӣ суръати баланди инкишофи прогресси илмӣ-техникӣ дар соҳаи тавлидоти компютерҳо ва технологияи иттилоотӣ буда, ба пайдошавии шабакаи ҷаҳонии интернет овард. Дар заминаи он имконияти дар муҳлати қобили қабул таъмини иттилоотии боэътимоди хизматрасониҳои савдои ҷаҳонӣ дар миқъёси глобалӣ гардид. Ин ба пуррагӣ дар ташаккули ҳаракати сармояи байналмилалӣ дар рафти савдо дар биржаҳои молии кишварҳои алоҳида ифода ёфта, чун асоси тавсеаи раванди ҷаҳонишавӣ дар бозорҳои молиявӣ хизмат намуд.

Сеюм, рушди иқтисоди инноватсионӣ ба моҳиятан афзудани хароҷот барои таҳқиқот ва коркарди худӣ оварда, дар навбати худ, иҷборӣ ва ё ихтиёрии монеъ ва рад кардани сиёсати протексионии ивазкунандаи воридотӣ гардид, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ барои кишварҳои инкишофёфтаистода зараровар низ мебошад. Дар нитиҷа, тадриҷан қисми зиёди мамлакатҳо ба тамсилаи иқтисоди ба содирот нигаронидашуда гузаштанд.

Дар доираи иқтисод ҷаҳонишавӣ дар инкишофи савдои байналмиллалӣ, маблағгузориҳои хориҷии мустақим ва ғайримустақим (портфелии), инкишофи бозорҳои сармояи байналмиллалӣ, фаъолияти корпоратсияҳои фаромиллӣ, босуръат паҳн шудани натиҷаҳои таҳқиқот ва коркард, ҳиҷрати меҳнатии байналмиллалӣ ва ғ.ҳ. зоҳир мегардад.

Инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ хусусан дар бозорҳои молиявӣ инъикоси равшани худро ёфт, ки дар нисбатан паст шудани даромад дар бозорҳои уҳдадориҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат ва инчунин нисбатан устувор гаштани даромади саҳмияҳо бо ҳисоби васеъ шудани таъсири бозорҳои воситаҳои молиявии озод ифода меёбад. Вобаста ба ин ниҳоят муҳим аст, ки таъсири бозорҳои молиявӣ дар раванди тамсиласозии макроиқтисодӣ ба эътибор гирифта шавад. Таҳкими раванди ҷаҳонишавӣ раванди объективӣ буда, ба рушди иқтисоди кишварҳои ало-ҳида ва минтақаҳо таъсири мутақобила дорад.

Муаммои ниҳоят муҳими рушди иқтисоди муосир афзудани мавқеи равандҳои инноватсионӣ мебошад. Имкониятҳои ин рушд ба он вобаста аст, ки то дар кадом сатҳ дар ин давлат ба инноватсия талабот аст ва дар доираи он гузариш ба иқтисодӣ инноватсионӣ амалӣ гардонида мешавад ё на.

Омили аҳамиятноки рушди иқтисоди муосир дар чоряки якуми ҳазораи сеюм рақамикунонии он мебошад, ки самтҳои асосӣ ва хусусияти ин тағйиротро муаяйн намуда, тарафҳои гуногуни фаъолияти инсониятро фаро мегирад. Рақамикунонии иқтисод давраи муосири пешрафти илмию техникӣ мебошад. Айни замон рушди он ба истифодаи васеъи инноватсияи маҳсулотӣ ва ҷараёнӣ такя менамояд, ки метавонад ҳамчун омили нигоҳдорандаи инкишоф ба рушди иқтисод таъсир расонад.

Ҳангоми коркард ва васеъ паҳншавии инноватсия дар замони муосир мавқеи махсусро равандҳои ҷаҳонишавӣ мебозанд, ки инкишофи он аз доираи давлатҳои алоҳида баромада, ба пайдошавии шаклҳои нави ҳамкориҳои байналмиллӣ оварда, инчунин омилҳои иловагии азнавташаккулёбии иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида пайдо мешаванд.

Кишварҳое, ки ба тезонидани суръати рушд дар заминаи техника ва технологияи ҳозиразамон ноил шудаанд, маҷбур ҳастанд шароитҳои нисбатан озод ва самтҳои гуногуни фаъолияти бозорҳои молӣ ва молиявии худро муҳайё созанд, то ин ки моҳиятан дастрасии молҳои воридотӣ ва сармояи хориҷиро осон кунанд. Тараққиёти муосири техникии воситаҳои муошират на фақат ба содда кардани раванди ҳаракати молҳо ва гузариши сармоя аз як кишвар ба дигараш, ҳамчунин ба фарогирӣ ва бемамониат васеъ паҳншавии иттилоот оид ба бозорҳо, мубодила дар онҳо, иҷрои супоришҳо, гузаронидани таҳлилҳо ва ғ.ҳ. мусоидат намуд.

Таҳқиқоти қонуниятҳои коркард ва ҳаракати навовариҳо дар бозорҳои техникӣ ва технологӣ имконият медиҳад қайд намоем, ки ҳоло такмили раванди пешрафти илмӣ - техникӣ ва, мувофиқан, раванди коркард, амалигардонӣ ва истифодаи навовариҳо қонуниятҳои муайяне хос аст, ки дар сатҳи муҳим имконият ва пешомадҳои рушди иқтисоди инноватсиониро муаяйн менамояд. Ин қонуниятҳо ҳамзамон ба рушди иқтисод, ба шаклҳои зуҳури буҳронҳои иқтисоди муосир таъсири ниҳоят муҳим мерасонанд. Асосан, гузариш аз як насли техника ва ё технология ба насли навро одатан ҳамчун фосилаи технологӣ муайян мекунанд. Хусусияти ин фосила, аввалан, бо он сабабҳое, ки онро ба вуҷуд овардаанд, аз он ҷумла коркарди маҳсулоти нав ва ё технология алоқаманд аст. Дар лаҳзаи пайдоиш мушоҳидаи онҳо мушкил буда, баҳо додани оқибати рушди онҳо барои иқтисод умуман ва, аз ҷумла, бизнеси алоҳида ғайриимкон аст. Дуюм, пайдошавии фақат ҳамин коркардҳо дар пешомад метавонад барои пешравии истеҳсолот ва шароити ба даст овардани даромад ва фоида таъсири ниҳоят муҳим расонад.

Ҳамзамон, дар давоми нимаи дуюми садаҳои XX ва ибтидои XXI қонунияти муҳими рушди муосири пешрафти илмӣ - техникиро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба нисбатан зуд коҳишёбии давраи ҳаётии насли техникаю технология ва ҷоришавии дигар навгонию навоовариҳо боис мегардад. Дар ин вазъият суръати мушаххаси ин коҳишёбӣ барои соҳаю истеҳсолоти алоҳида метавонад комилан тавофутнок бошад.

Дар замони муосир асосан рушдии инноватсионии иқтисод дар оянда расидан ба натиҷаҳо ва пешравии нави техникӣ ва технологиро талаб менамояд. Имкониятҳои ҳам тезонидани суръати рушди истеҳсолот ва ҳам пешбарию фуруши маҳсулоти навро дар бозор, инчунин зуд иваз кардани истеҳсолот ба самтҳои нави мукаммали пешраванда ва ё дар заминаи мавҷудбудаи техника ва технология дар давраи муайян ба вуҷуд овардани таҳавуллоти иқтисодӣ бартарӣ пайдо менамоянд.

Дар вазъияти аввала тамоюли коҳишёбии давраи ҳаётии инноватсия нигоҳ дошта шуда, таъсири ин ҷараён ба иқтисод ва суръати рушди он афзуда, таъсири омилҳои хатарро ба пешрафти бизнес зиёд менамояд. Ҳангоми интихоби ҳолати дуюм, пеш аз ҳама, коҳишёбии давраи ҳаётии инноватсия суст гардида, вале метавонад ҳатто ин давра як қадар зиёд шавад.

Тамоюли дар боло нишон додашудаи давраи ҳаётӣ тассавуроти муаммои рушди инноватсияро моҳиятан шиддатнок менамояд. Аз як тараф, хароҷоти бештар ва масрафи зиёди сармояро барои коркарди инноватсия, ташкили ҷорӣ шудани онро дар истеҳсолот талаб менамояд. Ҳамзамон, дар шароити ғанишавии назарраси бозори молу хизматрасонӣ, хароҷот дар бозор барои пешбарии маҳсулоти инноватсионӣ меафзояд. Аз дигар тараф, мушоҳидашавии маҳдудшавии давраи ҳаётии молу хизматрасонӣ ба камшавии мувофиқи давомнокии марҳалаи пешбарӣ ва рушд меоварад, ки он ҳам нисбатан ба коҳишёбии марҳалаи ғановати бозор оид ба инноватсия муваффақ мегардад.

Омили муайяне, ки имконият медиҳад муваффақона ривоҷи инноватсия таъмин гардад ва муаммою мушкилоте, ки дар роҳи амалигардонии он истодааст, бартараф шавад ва, дар ниҳоят, рушди иқтисоди муосирро таъмин намояд, сармояи инсонист. Мафҳуми сармояи инсонӣ аввалин маротиба дар асарҳои иқтисоддони амрикоӣ Теодор Шулс, ки бештар ба таҳқиқи кишварҳои инкишофёбанда машғул буд ва, хусусан, ба иқтисоди кишоварзӣ диққати муҳим ҷудо менамуд, ки ҳоло иқтисоди ин мамлакатҳоро рӯ ба инкишоф меноманд, пайдо шуд. Т.Шулс дар иқтисод мавқеи кишоварзиро таҳлил карда баромад. Таҳқиқоти вай моҳиятан ба сиёсати саноатикунонӣ, ҳам ба миллатҳои мутараққӣ ва ҳам рӯ ба инкишоф таъсир расонд. Шулс мояи сармояи таълимӣ, ки як шохаи равияи сармояи инсонӣ дар самти маблағгузорӣ ба маориф мебошад, тарғиб менамуд [10]. Ҳангоми таҳқиқи сабаби он, ки чаро Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Ҷопон баъд аз ҷанг тавонистанд бо суръати ниҳоят баланд харобаҳоро барқарор намуда, аз бухрон бароянд, масалан бо фарқият аз Британия, ки солҳои дарози баъдиҷангӣ кортҳои хурокиро истифода менамуд, Шулс ба хулосае омад, ки суръати барқароршавӣ бо саломатӣ ва маълумотнокии аҳолӣ алоқаманд буд. Маълумотнокӣ одамонро бештар маҳсулдеҳ менамояд, тандурустӣ бошад, маблағгузориро ба маориф нигоҳ дошта, ба тавлидот имконият медиҳад [11]. Саҳми муҳимтарини Шулс дар илм назарияи сармояи инсонӣ [13] буд, ки дар солҳои 80-уми асри гузашта ҳаракати фаъолро оид ба ташаббуси маблағгузорӣ ба маълумоти касбӣ ва техникиро аз тарафи созмонҳои молиявии байналмиллалии Бретонн Вудс, чун Хазинаи Байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ ба миён овард.

Шулс нишон дод, ки беҳбудии некуаҳволии мардуми камбизоат на аз замин, техника ва ё саъю кушиш, балки бештар аз дониш, ки метавонад омили ягонае бошад, ки некуаҳволии онҳоро боло бардорад, вобастагӣ дорад. Вай соли 1961 ин ҷанбаи сифати фаъолияти иқтисодиро "сармояи инсонӣ" номида, чунин маънидодро пешниҳод намуд: "Ҳамаи қобилияти инсонӣ ё модарзодӣ ва ё пайдошуда мебошанд. Ҳар як одам бо маҷмӯи генҳои фардӣ ба дунё меояд, ки қобилияти модарзодии вайро муайян мекунанд. Сифатҳои арзишноки пайдошудаи инсонро, ки метавонад бо сармоягузории мувофиқ пурзур карда шаванд, мо сармояи инсонӣ меномем" [12].

К.Маркс навиштааст: "...дараҷаи маҳорати аҳолии мавҷудбуда дар ҳар лаҳзаи додашуда заминаи маҷмӯи истеҳсолот мебошад, аз ин ҷо андӯхти асосии боигарӣ, натиҷаи муҳими нигоҳдорандаи меҳнати гузашта буда, вале дар меҳнати зинда мавҷуд аст" [5]. Таҳлили меҳнати дараҷаи гуногуни тахассусро гузаронида, Маркс нишон дод, ки тавофути асосии байни меҳнати оддӣ ва мураккаб дар маълумотнокӣ ва таҷрибае ҳаст, ки корманд дар давраи омӯзиш мегирад [6, с. 208].

Фаромӯш набояд кунем, ки ҳанӯз ҳазорҳо сол пеш гузаштагони мо мавқеи донишро бароиояндаи ҳам инсону ҳам кишвар дар асарҳои худ қайд карда буданд. Азбаски бузургони мо фикру мулоҳизаи худро ба таври назм ифода менамуданд, мисраи шеъри онҳо арзиши садҳо саҳифаи имрӯзаи мавқеи илму донишро дар мафҳуми муосири сармояи инсонӣ иникос менамоянд. Асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ навишта буданд:

Дониш андар дил чароғи равшан аст;

Ва-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Бузургтарин шоири форсу тоҷик Абдулқосими Фирдавсӣ фармудааст:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад;

Ба дониш дили пир барно бувад.

Зиёда аз ин, мавқеи илму донишро дар раванди расидан ба рушди иқтисод ва осудаҳолии ҳар як фарду кишвар дар ду мисраъ инъикос намудан худ ин маънои бузург дорад.

Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар чунин омадааст: “Мо бояд хонем, илм омӯзем, илмҳои дақиқу риёзиро рушд диҳем, техникаву технологияҳои навтаринро аз худ кунем, кадр тарбия кунем ва заҳмат кашем, то зиндагии имрӯзаамон нисбат ба дирӯз ва фардоямон нисбат ба имрӯз беҳтар гардад” [9. с.60].

Миллате, ки илму дониши муосирро намеомӯзаду ба он диққат намедиҳад ва онро ҳатто дуруст истифода намекунанд, ҳамеша зердасти кишварҳои аз ҷиҳати илмӣ-техникӣ қудратманд ва тавоною пешрафта гардида, худро аслан муҳофизат карда наметавонад. Хурофот, оқибатҳои манфии иқтисодию иҷтимоӣ, нодорию гуруснагӣ, боиси пайдоиши ақидаҳои бо илм асоснок набуда гардида, обурӯю мартаба ва ҳатто эътирофи миллату фарҳанги онро дар сатҳи ҷаҳонӣ коҳиш медиҳад. Дар айни ҳол самтҳои номатлуб ва ноогоҳонаву зарарнок бештар дар ҷомеъа зуҳур намуда, боиси монеъаи аз худкунии илму дониши замонавӣ ва қафомонии маънавию иқтисодӣ мегардад. Танҳо бо воситаи диққати муҳимро ба омӯзиши илми муосир ва дониш равона кардан, кишвар метавонад иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии худро пурзур намояд, зеро дар ҷаҳони имрӯзаи пур аз таззод ва хавфҳо асоси пирӯзӣ ва калиди муваффақияти ҳар гуна комёбиҳо илму дониш аст.

Новобаста аз сарчашмаи ниёгонамон дар илми муосир нисбати назарияи сармояи инсонӣ иқтисодчиёни кишварҳои пуриқтидори замонамон эътироф шудаанд, аз ҷумла иқтисоддони амрикоӣ Г.Беккер. Вай зарурияти маблағгузории зиёди давлатӣ ва хусусиро ба “омили инсонӣ” нишон дода, чунин ҳисоб менамуд, ки сармояи инсонӣ – ин манбаъи дониш, ангеза ва омӯзишу таҷриба аст. Маблағгузорӣ ба он – маълумотнокӣ, андухти таҷрибаи истеҳсолӣ, ҳифзи саломатӣ, гузариши ҷуғрофӣ ва ҷустуҷӯи иттилоот аст. Вай қайд намуд, ки маблағгузориҳои бузург барои тайёр намудани донишҷуён – мутахассисони оянда, ба кормандон ва хизматгузориҳои тиббӣ, ба барномаҳои иҷтимоӣ, ки ба нигоҳдорӣ, дастгирӣ ва васеъ намудани такрористеҳсолии кадрҳо равона шудаанд, ба сармоягузориҳои калон барои ба вуҷуд овардан ва ё хариди мошинҳои нав, таҷҳизот ва технология, ки дар оянда ба ҳамин сармоя табдил ёфта ва ё аз он ҳаҷман зиёд фоида меоваранд, баробар аст [2, 3]. Соли 1992 Г.Беккер сазовори ҷоизаи Нобелӣ дар самти иқтисод дониста шуд.

Сармояи инсонӣ бо маънои васеъ – ин омили шиддатноки маҳсулдеҳи рушди иқтисодӣ, ҷомеъа ва оила мебошад. Вай бо қисми маълумотноки захираҳои меҳнатӣ, дониш ва воситаҳои меҳнати зеҳнӣ ва идоракунӣ муайян карда мешавад. Самарадеҳии он ҳамчун омили маҳуслдеҳи тараққиёт аз муҳити зист ва фаъолияти меҳнатӣ вобаста аст. Амиқтар маънои сармояи инсониро иқтисоддони амрикоӣ С.Фишер муайян карда чунин гуфт: “Сармояи инсонӣ (СИ) ин андозаи дар инсоният будаи қобилиятест, ки даромад меоварад. СИ қобилияти модарзодӣ ва истеъдод, маълумотнокӣ ва гирифтани тахассусро дар бар мегирад” [9. с. 303].

Афзудани таъсири сармояи инсонӣ, технологияҳои иттиоллотӣ ва компютерӣ ба инкишофи иқтисодӣ масъалаи бо ном иқтисоди донишро ба миён гузошт. Истилоҳи “иқтисоди ба дониш такякунанда” ва ё “иқтисоди дониш” қариб ним аср пеш васеъ паҳн шуда, таъиноти

бахши иқтисодро дошт, ки бо маълумотнокӣ ва таҳқиқоти илмӣ алоқаманд буда, ба аз худкунии дониш нигаронида шуда буд. Аввалин маротиба оид ба иқтисоди дониш иқтисоддони амрикоии табори австриягӣ Ф.Маҳлуп навишта ва нишон дод, ки бахши иқтисоди дониш соли 1958 дар ШМА қариб 29% МДМ [7] таъмин намуда буд. Ба ин бахш Ф. Маҳлуп панҷ гурӯҳи фаъолияти инсониро ворид намуд: маълумотнокӣ; коркард ва таҳқиқоти илмӣ; воситаҳои иттиооллоти оммавӣ; техникаи информатсионӣ; хизматрасониҳои иттиооллотӣ.

Дар замони муосир истилоҳи "иқтисоди дониш" барои муайян намудани навъи иқтисод истифода бурда мешавад, ки дар он дониш мавқеи ҳалкунанда дошта, ба вуҷуд овардану истифодаи он сарчашмаи рушд гашта, шарти муайянкунандаи пешрафт ва баланд бардоштани рақобатнокии ширкатҳо, минтақаҳо ва мамлакатҳо мебошад.

Бо рафти афзудани бахши дониш, болоравии маълумотнокии аҳолӣ ва баланд гаштани ҳолат ва сифати сармояи инсонӣ зери мафҳуми иқтисоди дониш фаҳмиши давраи муайяни баъдииндустралӣ (саноатикунонӣ) ва иқтисоди инноватсионӣ ҷой гирифт. Ин иқтисодест, ки омили асосии такмили дониш ва сармояи инсонӣ мебошад. Раванди инкишофи ин иқтисод аз баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ва таъсири он ба натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, дар азхудкунии донишҳои нав ва технологияи баланд, инноватсионӣ (навоварӣ) ва хизматрасониҳои сифатан баланд иборат мебошад. Инкишофи иқтисоди дониш моҳиятан ба дониш такя менамояд. Дониш манбаъи асосии рушди иқтисод ба ҳисоб рафта, дар он дониш ва иттиоолот омили муҳими истеҳсолот дар баробари дигар омилҳои иқтисодӣ, чун меҳнат, сармояи моддӣ ва молиявӣ, захираи табиӣ гардидааст. Пешрафти зерсохтори иттилоотӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи пешрафти иқтисодӣ, беҳдошти осудаҳолии мардум, пурзур гардидани рақобатпазирии молу хизматрасонист. Хусусияти муҳими иқтисоди дониш суръати тараққиёти соҳаи ғайримоддии соҳаи фаъолияти хоҷагидорист. Дар шароити иқтисоди дониш мавқеи бештарро коркарди неъматҳои ғайримоддӣ: ғоя (идея), иттиооллот ва муносибатҳост соҳиб мегардад. Тавлидот, тақсимот ва истифодаи донишҳо асоси ин иқтисодро ташкил медиҳанд. Иқтисоди дониш дар замони муосир – ин иқтисоди инноватсионист, ки ба технологияи иттииоолотию муошират, техникаи ҳисоббарорӣ ва усулҳои муосири коркарди далелҳо ва воситаҳои аз ҷиҳати технологӣ баланди алоқа такя карда, ки имкониятҳои ба вуҷуд овардани донишҳои навро васеъ ва истифодаи умумибашариро онҳоро таъмин менамояд. Ин иқтисодест, ки дар шароити он сармояи инсонӣ мавқеи ҳалкунандаро мебозад. Ҳамзамон маблағгузорӣ ба иқтисоди дониш, ки муҳимтарин омили инкишофи он ба ҳисоб меравад, бисёр мураккаб ва ҳатто амалан ғайриимкон аст. Зеро натиҷаҳои он аз манфиатҳои ояндае, ки ин маблағгузорӣ меоварад, бо ҳам пайваст намудан бо андозаи назаррас ғайриимкон буда, сатҳ ва сифати сармояи инсонӣ дар ҳама зинаҳои таҳлили он - аз фардию саноатӣ то миллӣ ва имкониятҳои зуд ва васеъ паҳншавии донишҳои гирифташуда муаяйн карда мешаванд.

Рушди раванди ҷаҳонишавӣ ҳамҷоя бо таъсири ҳамаҷонибаи инноватсия ва донишҳои андухтшуда барои пешомади иқтисод раванди объективист, ки ба шароитҳои макроиқтисодии кишварҳои алоҳида, аз он ҷумла, барои пешбурди навоварӣ ва паҳн намудани дигар натиҷаҳо таъсири мутақобила мерасонад.

Якум, раванди ҷаҳонишавӣ ба шароитҳои иқтисодии кишварҳои инкишофёфта ва инкишофёфтаистода таъсири нисбатан устуворкунанда мерасонад. Аввалияҳо имконияти аз ҳисоби содироти сармоя, мол ва ғ.ҳ. устувории вазъияти иқтисодиро дар дохили кишвари худ нигоҳ медоранд. Дуюминҳо бошанд, сатҳи техникӣ ва технологии худро аз ҳисоби ҷалби молҳо ва технология аз хориҷи кишвар ва рушди иқтисодро бештар аз ҳисоби ҷалби сармоя ва ҳиҷрати захираҳои меҳнатӣ таъмин мекунанд. Ҳамзамон ҷаҳонишавӣ ба ҳаракати суръатноки навооварихое,

ки дар дигар кишварҳо ба вуҷуд оварда шудаанд дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат намуда, имконияти гирифтани даромади иловагиро таъмин намуда, нисбатан хароҷоти бозори дохилиро ҷуброн менамоянд.

Дуюм, рушди раванди ҷаҳонишавӣ шароит ва имкониятҳои зуд фаро гирифтани мушкилот ва зуҳуроти буҳронии як мамлакатро ба дигар кишвар ба вуҷуд меоварад. Ин ба табдил ёфтани буҳронҳои маҳаллӣ ба ҷаҳонӣ меоварад, ки онро дар мисоли буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва молиявӣ мушоҳида намудан. Бо ин маъно, сухан дар бораи таъсири ин ҳолатҳо ба ноустувории иқтисодии кишварҳои алоҳида сабаб мешавад ва барои бартараф намудани муқобилияти рақибон ва ҳаракати маҳсулоти инноватсионӣ дар бозори ҷаҳонӣ сарфи зиёди сармояи иловагиро талаб менамояд. Вале, аз дигар тараф, таъсири омилҳои номуайянӣ ва хавф ба иқтисоди миллӣ хеле пурзур мегардад, аз ҷумла, ба макроиқтисод, ҳамчунин ба коркард ва пешбарии маҳсулоти инноватсионӣ, зеро зуҳуроти номатлуби омилҳои хавф ва инчунин шароитҳои мусоиди ба вуҷудомадаи вазъияти ҷаҳониро пешакӣ пайгирӣ намудан бисёр мушкил аст.

Умуман, агар пурзуршавии омилҳои номуайянӣ ва хафви пешомади иқтисодро ба эътибор гирифта шавад, васеъ паҳн шудани раванди ҷаҳонишавӣ бо ҳисоби хусусиятҳои иқтисоди инноватсионӣ ба таҳлил ва дурнамои макроиқтисодии кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо таъсири муҳим мерасонад. Пурзуршавии таъсири ин омилҳо ба лаппиши назарраси шароитҳои макроиқтисодӣ оварда, ҳолати истеҳсолотро нисбатан баробар намуда, иқтисоди кишварҳои алоҳидаро ба раванди мубодила ва савдои ҷаҳонӣ фаро гирифта, сатҳи иқтисодии онҳо афзуда, раванди макроиқтисодиро нисбатан устувор менамояд.

Самти муосири таҳавулли назарияи макроиқтисодӣ ин назарияи нави рушд буда, таҳлили инкишофи он самтҳоеро ифода менамояд, ки дар доираи назарияҳои рушди навклассикон ҷой надоштанд, аз ҷумла зуҳурот ва равандҳои дар иқтисоди муосир ба вуҷудомада, пеш аз ҳама, инноватсия, донишандузӣ ва сармояи инсонӣ; ба ҳисоб гирифтани воситаҳои таҳлили макроиқтисодӣ ва тамсиласозӣ.

Ҳамин тавр, донишҳои илмӣ, қонуниятҳои инкишоф ва сарчашмаҳои он имконият медиҳад, ки стратегияи рушди босуръати иқтисоди миллӣ коркард карда шуда, чораҳои мушаххас барои амалӣ гардонии он муайян карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Агапова Т.А., Серегина С.Ф. Макроэкономика//Учебник /Т.А. Агапова, С.Ф.Серёгина. – 10-е изд. Перераб. и доп. – М.: Московский финансо-промышленный университет "Синергия", 2013. – 560 с.

2. Becker G.S. Human Capital. N.Y.: Columbia University Press. 1964.

3. Беккер Г.С. Человеческое поведение: экономический подход //избранные труды по экономической теории/Пер. с анг. - М.: ГУ ВШЭ, 2003.

4. Воронцовский А.В., Вьюненко Л., Дмитриев А.Л. Стохастические модели макроэкономики: анализ и прогнозирование.//Монография /отв.ред. А.В. Воронцовский. – М.: "Проспект", 2021. – 224 с.

5. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.26, Часть Ш

6. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.23,

7. Махлуп Ф. Производство и распространение знаний в США / Пер. с англ. - М.: "Прогресс", 1966.

8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. - Душанбе: “Шарқи озод”, 2024. – 64 с.
9. Фишер С., Дорбнуш Р., Шмалензи Р. Экономика. – М.: «Дело ЛТД», 2002. - С.303
10. Schultz T.W. Investment in Human Beings. - Chicago: University of Chicago Press, 1962.
11. Schultz T.W. The Economic Value of Education. - New York: Columbia University Press, 1963
12. Schultz T.W. Invectment in Human Capital: The Role of Education of Research. N.Y.: Press, 1971.
13. Schultz T.W. Human Resources (Human Capital: Policy Issues and Research Opportuni-ties), - New York: National Bureau of Economic Research, 1972

***Маълумот дар бораи муаллиф: Юнусова Маҳбуба Маҳмуродовна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи банақшагирии стратегӣ, моделсозӣ ва дурнамои макроиқтисодии Муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
***Суроға:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 14 а.*
***Тел.:** (+992) 934445499.*
***E-mail:** Yu_Mahbuba@mail.ru*
***Сведения об авторе: Юнусова Махбуба Махмуродовна** – кандидат экономических наук, доцент, начальник отдела стратегического планирования, моделирования и макроэкономического прогнозирования Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан».*
***Адрес:** 734002, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни 14 а.*
***Тел.:** (+992) 93 4445499.*
***E-mail:** Yu_Mahbuba@mail.ru*
***Information about the author: Yunusova Mahbuba Makhmurodovna** - Candidate of Economic Sciences, associate professor. Head of the Department of Strategic Planning, Modeling and Macroeconomic Forecasting of the State Institution "Scientific Research Economic Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan",*
***Address:** 734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street 14a.*
***Phone:** (+992) 93 4445499.*
***E-mail:** Yu_Mahbuba@mail.ru*

**ТДУ 332.122.64**

# САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Таваров Л.Т., Абдуллозода О.П.**
**Бегматов Б.М.**

**Аннотатсия.** Дар мақола таърифҳои мавҷудаи мафҳуми тиҷорати электронӣ, моҳият ва таърихи ташаккули он баҳо дода шудаанд. Нақши тиҷорати электронӣ дар ҷаҳони муосир таҳлил ва дурнамои рушди он дарояндаи наздик тавсиф карда шудааст. Роҳҳои асосии тавсияи технологияҳои идоракунӣ дар тиҷорати электронӣ, ки барои таъмини афзоиши ҳаҷми фурӯши мол ниҳоят муҳим аст, аниқ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** коммуникатсия, технологияи идоракунӣ, тиҷорати электронӣ, бизнеси электронӣ, савдои электронӣ, дурнамои рушд

# ЭЛЕКТРОННАЯ КОММЕРЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Таваров Л.Т., Абдуллозода О.П.**
**Бегматов Б.М.**

**Аннотация.** В статье рассматриваются существующие определения электроной коммерции, оцениваются сущность и история его формирования. Проанализирована роль электронной коммерции в современном мире и описаны ее перспективы развития в ближайшем будущем. Уточнены основные пути совершенствования управленческих технологий в электронной коммерции, необходимые для обеспечения роста объема реализации товаров.

**Ключевые слова:** коммуникация, технологии управления, электронная коммерция, электронный бизнес, перспективы развития

# E-COMMERCE AND PROSPECTS FOR ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Tavarov L.T., Abdullozoda O.P.**
**Begmatov B.M.**

**Annotation.** The article evaluates the existing definitions of the concept of electronic commerce, its essence and the history of its formation. The role of e-commerce in the modern world is analyzed and the prospects for development in the near future are described. The article analyzes management technologies in e-commerce, which are extremely important for increasing the volume of sales.

**Keywords:** communication, management technology, e-business, e-commerce, development prospects

**Гузориши масъала.** Дар замони муосир барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ роҳандозии ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои электронӣ дар амалиёти тиҷоратӣ, истифодаи васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, коҳиш додани ҳаҷми тиҷорат бо пули нақд, ҷорӣ намудани расидҳои электронӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди соҳаҳо ба мақсад мувофиқ аст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Айни замон яке аз омилҳои рушди давлатҳои муттарақӣ дар онҳо мавҷуд будани технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Таҳлили адабиётҳои ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ тақозои замон аст. Аз ин лиҳоз, ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили рушди босуръати иқтисодӣ ба шумор меравад.

**Мақсади мақола.** Тиҷорати электронӣ барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, коҳиш додани арзиши хизмарасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет, афзоиши дастрасӣ бо интернети баландсуръат дар тамоми гӯшаву канори кишвар нақши муҳим мебозад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 марти соли 2022 дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ масъулинро барои рушд додани тиҷорати электронӣ вазифадор намуда, дастур доданд, ки чораҳои самараноки гузариши мунтазам аз низоми анъанавӣ ба низоми рақамиро бо назардошти масъалаҳои муҳими соҳа, аз ҷумла роҳандозии ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои электронӣ дар амалиёти тиҷоратӣ, истифодабарии васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, коҳиш додани ҳаҷми тиҷорат бо пули нақд, ҷорӣ намудани расидҳои электронӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди соҳаҳоро амалӣ намоянд. Дар баробари ин бояд амнияти иттилоотӣ ва бехатарии киберӣ дар ҳама соҳаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ таъмин карда шавад.

Дар "Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст: «Тиҷорати электронӣ ҳалли масъалаи ҳимояи ҳуқуқии харидуфурӯшҳое, ки бо ёрии воситаҳои электронӣ баста мешаванд, созмон додани механизми самараноки ҳуқуқии истифода аз воситаҳои электронии гардиши ҳуҷҷатҳо ва имзои элекронию рақамиро тақозо менамояд». Дар соли 1996, вақте ки тиҷорати Интернет ҳанӯз дар марҳилаи ибтидои қарор дошт, муомилоти EDI ба 300 млрд. доллари ИМА ва дар соли 1999 ба маблағи 1,1 трлн. доллари ИМА расид. Дар соли 2003, тибқи ҳисоботи IDC, ин рақам ба 2,3 трлн. доллари ИМА баробар шуд. Хусусияти асосии мусбати EDI, ки ба тавсеаи ҷаҳонии тиҷорати электронӣ оварда расонид, стандартизатсияи ҳама расмиёти гардиши ҳуҷҷатҳо байни ширкатҳо мебошад. Омили дигари муҳим ин аст, ки EDI интерфейси қулай ва бехатар аст, ки эътимоднокии он дар тӯли солҳои зиёд собит шудааст.

Пайдоиши интернет боиси пайдоиши шаклҳои сифатан нави тиҷорати электронӣ гардид, ки дар онҳо технологияҳои EDI истифода намешаванд ё истифодаи онҳо дуюмдараҷа мебошад. Системаҳои тиҷорати электронӣ ба харидор имкон медиҳанд, ки бо фурӯшанда муошират накунад, вақти харидро сарф накунад ва инчунин дар бораи мол маълумоти пурратар дошта бошад. Фурӯшанда бошад, метавонад ба тағйироти талабот зудтар ҷавоб диҳад, рафтори харидоронро таҳлил кунад, пули кормандон, иҷораи бино ва ғайраро сарфа кунад.

Як хусусияти асосии тиҷорати электронӣ - ин сарфа намудани вақт аст. Коршиносон мегӯянд, ки дар 20 соли охир гардиши савдои электронӣ ба 3,5 трлн. доллари ИМА баробар гардид. Тибқи таҳлилҳо, то соли 2040 бозори тиҷорати электронӣ 95 фоизи тамоми савдои ҷаҳонро фаро хоҳад гирифт. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар самти тиҷорати электронӣ яке аз кишварҳои рушдкарда маҳсуб шуда, аз се як ҳиссаи тиҷорати электронии ҷаҳон ба ин кишвар рост меояд.

То имрӯз гардиши тиҷорати электронӣ дар ҷаҳон, тибқи пешгӯиҳо, барои соли 2023 ба зиёда аз 30 трлн. доллари ИМА баробар шудааст. Дар ин ҳолат 14 кишвар аз қабили Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, ки беш аз нисфи ҳиссаи тиҷорати электрониро дар ҷаҳон ишғол мекунанд, пешсаф боқӣ мондаанд. Ҳиссаи тиҷорати электронии гардиши чакана дар кишварҳои ИДМ ниҳоят дар ҳолати суст тараққикарда қарор дорад. Масалан, ин рақам дар Федератсияи Россия 4%,

дар Қазоқистон 1,8% ,мебошад [7]. Дар Тоҷикистон омори дақиқ дар бораи ҳаҷми тиҷорати электронӣ то ҳол вуҷуд надорад.

Бо мақсади таъмини шароитҳои ҳуқуқии тиҷорати электронӣ, таъмини ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба тиҷорати электронӣ машғулбуда муқаррар намудани қоидаҳои анҷом додани муомилот бо истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин ҳамчун далел эътироф намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии “Барномаи минтақавии мусоидат ба савдои GIZ Осиёи Марказӣ” лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тиҷорати электронӣ” таҳия карда шудаанд.

Ҳуҷҷати мазкур муомилоти электрониро, ки бо истифода аз тенологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ (ТИК) анҷом дода мешавад, танзим менамояд.

Азбаски тиҷорати электронӣ муҳаррики асосии рушди иқтисоди рақамӣ аст, зарур аст, ки марзҳои тиҷорати электронӣ барои Тоҷикистон муайян гардида, параметрҳои арзёбии таҳлилии ин бозор муайян карда шаванд.

Бо назардошти он, ки тиҷорати электронӣ дар саросари ҷаҳон ҳамчун як имкони ба даст овардани бартарии рақобатӣ дар тиҷорати байналмилалӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисоди миллӣ дар фазои ҷаҳонӣ эҳтироф шудааст, қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон зарурати ҳавасмандкунии электронии дохилиро қайд кардаанд ва тиҷоратро ҳамчун як қисми стратегии фаъолияти ҳукумат шуморидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 декабри соли 2022 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буданд, ки “Суръат ва қиммати интернет то ҳол қонеъкунанда нест” ва ба Хадамоти алоқа дастур дода буданд, ки дар якҷоягӣ бо операторон “барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, коҳиш додани арзиши хизмарасонии алоқаи мобилӣ ва интернет, афзоиши дастрасӣ бо интернети баландсуръат дар тамоми гӯшаву канори кишвар чораҳои зарурӣ андешанд” [2].

Дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иқтисоди минтақа тиҷорати электронӣ мебошад. Тиҷорати электронӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дохил мешавад, хело зуд афзоиш меёбад. Айни замон, тиҷорати электронӣ рушди шадидро аз сар мегузаронад, ки тӯли якчанд сол идома хоҳад ёфт. Ба онҳо табодули электронии маълумот, интиқоли маблағҳои электронӣ, савдои электронӣ, системаҳои пардохтҳои электронӣ, маркетинги электронӣ, бонкдории электронӣ ва хадамоти суғуртаи электронӣ дохил мешаванд.

Қайд мебояд кард, ки иқтисодиёти муосир бо истифода аз технологияҳои навтарини истеҳсолӣ ва рушди дастовардҳои илм нигаронида шудааст. Тамоюлҳои нав ба пайдоиши муҳити иттилоотие мусоидат мекунанд, ки иқтисоди анъанавиро иваз мекунанд. Дар доираи чунин воқеиятҳо паҳлӯи иқтисодии ҳаёти ҷомеа на танҳо мазмунан тағйир меёбад, балки зарурати модернизатсия, аз ҷумла, дар воқеияти виртуалӣ амалӣ мегардад [1].

Яке аз аввалин муаллифоне, ки ба ҷанбаи назариявии масъала таваҷҷуҳи зарурӣ дода, таърифи аввалини тиҷорати электрониро эҷод кардааст, иқтисоддони амрикоӣ Дэвид Козер мебошад. Д. Козер сохтори савдои анъанавиро асоси тиҷорати электронӣ медонад ва муайян мекунад, ки истифодаи шабакаҳои электронӣ ба он чандирӣ медиҳад. [3]

О.А. Кобелев тиҷорати электрониро ҷузъи асосӣ ва хеле муҳими савдои электронӣ донис-та, онро ҳамчун “фаъолияти соҳибкорӣ барои анҷом додани муомилоти тиҷоратӣ бо истифода аз воситаҳои электронии табодули маълумот тавсиф мекунад”[5]. Савдои электронӣ ҳамчун тиҷорати интернетӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои ғарбӣ, аз қабили Д. Амори ва И. Голдовский баррасӣ шудааст: «Тиҷорати электронӣ маънои фурӯши молро дорад, ки дар он [6] ҳадди ақал ташкили талабот ба мол тавассути интернет амалӣ карда мешавад». С.В. Пирогов дар бораи тиҷорати

электронӣ ҳамчун “технология барои анҷом додани муомилоти тиҷоратӣ ва идоракунии равандҳои истеҳсолӣ бо истифода аз воситаҳои электронии мубодилаи маълумот” [7] сухан меронад.

Дар доираҳои илмӣ имрӯз нуқтаи назари ягонае вуҷуд надорад, ки кадом соҳаҳои фаъолияти инсон ба мафҳуми «тиҷорати электронӣ» дохил карда шаванд. Чун қоида, он ҳамчун амалиёти савдоӣ тавассути интернет анҷом дода мешавад. Муносибати васеътар дар назар дорад, ки мафҳуми «тиҷорати электронӣ» ҳама гуна муомилоти интиқоли ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи истифодаи молу хизматрасониро дар назар дорад, ки тавассути истифодаи воситаҳои электронии алоқа амалӣ карда мешаванд. Хусусияти муомилоти тавассути Интернет анҷомдодашуда шахсияти имзои электронӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии шабеҳ дар рӯи коғаз мебошад [2].

Ҳамзамон тиҷорати электронӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди муосир мебошад. Интернет ба муштариён имкониятҳои зиёд барои харидани молу хизматрасониро пешкаш мекунад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ҳузури худро дар ин шабака зиёд мекунанд.

Падидаи тиҷорати электронӣ дурнамои хеле дурахшон дорад. Тиҷорати электронӣ ҳамчун як намуди фаъолият ба ширкатҳо нисбат ба рақибон бо роҳи кам кардани вақт ва хароҷоти муомилот бартарӣ медиҳад. Меъёрҳои асосии тиҷорати электронӣ инҳоянд:

- истифодаи системаҳои муосири пардохти электронӣ ҳамчун аналогҳои пули ҳақиқӣ; муомилот бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ анҷом дода мешавад;

- якрангии амалиётҳои аз ҷониби корбар иҷрошаванда ва имконияти ченкунӣ ва аудит аз ҷониби таъминкунанда ё шахси сеюм;

- ҳуқуқҳои моликият ва дороиҳо ҳам дар шакли электронӣ ва ҳам рақамӣ [4] ва ғайраҳо

Айни замон намудҳои маъмултарини тиҷорати электронӣ тиҷорати ҳама гуна мундариҷаи аудио ва медиа, пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва маълумотӣ, мағозаҳои интернетӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ мебошанд [5].

Бо назардошти воқеияти Тоҷикистон, чунин монеаҳои асосии рушди тиҷорати электрониро муайян кардан мумкин аст:

- шумораи маҳдуди корбарони интернет дар Тоҷикистон, аксари онҳо дар мағозаҳои муқаррарӣ харид карданро афзал медонанд;

- аз ҳад зиёд сер шудани сайтҳои интернетӣ боиси аз даст додани муштариёни эҳтимолӣ мегардад;

- таъмини амнияти муомилоти молиявӣ;

- махфӣ будани маълумот;

- нокифоя будани мутахассисони маркетинги интернет ва мутахассисони таблиғгар ба сифати пасти хидматрасонии онҳо таъсир мерасонад ва ғ.

Системаи идоракунии корхонае, ки дар соҳаи тиҷорати электронӣ фаъолият мекунад, ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) такя менамояд.

Истифодаи онҳо метавонад хароҷоти муомилотро ба таври назаррас коҳиш диҳад. Ҳавасмандии иловагӣ барои ҷорӣ намудани системаҳои муосири иттилоотӣ дар амалияи идоракунӣ имкони баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории ширкат мебошад. Сарфи назар аз он, ки соҳаи тиҷорати электронӣ истифодаи фаъоли инноватсияро дар бар мегирад, татбиқи системаҳои муосири идоракунӣ дар бисёре аз ширкатҳои ҷаҳон бо суръати паст амалӣ мегардад. Чун қоида, дар аксари ширкатҳо имрӯз мавқеи менеҷере вуҷуд надорад, ки барои таҳия ва татбиқи қарорҳои нави технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи рушди тиҷорат масъул бошад. Норасоии кадрҳои баландихтисос дар истифодаи технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи тиҷорати электронӣ низ таъсири худро идома медиҳад. Ҳамаи ин ба ширкатҳои ватанӣ

имкон намедиҳад, ки мушкилоти тиҷоратро дар соҳаи тиҷорати электронӣ самаранок ҳал кунанд. Танҳо 16% аз лоиҳаҳои ширкатҳои Тоҷикистонро дар соҳаи тиҷорати электронӣ метавон муваффақ арзёбӣ кард. Сабаби ба муваффақият ноил нагардидани аксари ширкатҳо идоракунии сусти лоиҳа мебошад. Муваффақияти лоиҳаҳои тиҷорати электронӣ аз сатҳи рушди телекоммуникатсия дар кишвар ва мавҷудияти дастрасӣ ба интернет барои аксарияти аҳолӣ муайян карда мешавад. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳо ширкатҳои ватанӣ аз нишондиҳандаҳои ширкатҳои хориҷӣ каме ақиб мондаанд. Баъзе ширкатҳо ба таҳияи барномаҳои веб махсус барои корбарони интернети мобилӣ шурӯъ кардаанд. Ин эҷоди веб-саҳифаҳои соддакардашударо дар бар мегирад, ки ба муштариён имкон медиҳанд, ки он чизеро, ки ҷустуҷӯ мекунанд, зуд ва бидуни мушкилот пайдо кунанд. Азбаски паймоиши ин саҳифаҳо нисбат ба веб-саҳифаҳои муқаррарӣ осонтар аст ва онҳоро қариб аз ҳама ҷо дастрас кардан мумкин аст, баъзе пешгӯиҳо иброз менамоянд, ки веби мобилӣ ба як абзори тавоно дар тиҷорати электронӣ табдил хоҳад ёфт.

Сарфи назар аз афзоиши шумораи ширкатҳои муваффақи тиҷорати электронӣ теъдоди зиёди вебсайтҳо ба нерӯи худ расида наметавонанд. Ду сабаби асосии ин вуҷуд дорад. Аввалан, аксари вебсайтҳо амсилаи (модели) буридашудаи тиҷорати электрониро пешниҳод мекунанд, яъне онҳо ба муштарӣ имкони анҷом додани тамоми давраи фурӯшро намедиҳанд. Давраи фурӯш аз чор марҳила иборат аст. Аввалан, истеъмолкунандагон дар бораи маҳсулоте, ки мехоҳанд харидорӣ кунанд, саволҳо медиҳанд. Дуюм, онҳо ҷавобҳоро ҷамъ мекунанд ва муқоиса мекунанд. Сеюм, корбар дар бораи харид қарор қабул мекунад. Агар харид анҷом дода шавад, пас марҳилаи чорум – ташаккули фармоиши пардохт ва иҷро (таҳвили мол ё хизмат) оғоз меёбад. Мушкилот дар он аст, ки бисёре аз вебсайтҳо барои ҳамаи чаҳор марҳила маълумоти кофӣ ё имконоти кофӣ пешниҳод намекунанд. Масалан, сайт метавонад дар бораи маҳсулот маълумот диҳад, аммо ба саволҳои истеъмолкунанда ҷавоб намедиҳад. Дар ҳолатҳои дигар, ба истеъмолкунанда дар бораи он, ки онҳо дар куҷо ва чӣ гуна харид кардан мехоҳанд, маълумот дода мешавад, аммо имконоти мувофиқи пардохт пешниҳод карда намешавад. Мушкилоти дуюм вақте ба миён меояд, ки кӯшишҳо дар ташкилоти корпоративӣ дуруст муттаҳид карда намешаванд. Аксарияти ширкатҳо тиҷорати электрониро на ҳамчун як вазифаи тиҷоратӣ, балки ҳамчун як қисми низоми иттилоотӣ мебинанд. Ин як манбаи асосии халалдоршавӣ аст, зеро кормандоне, ки воқеан маҳсулот ва хизматҳоро истеҳсол мекунанд, барои фурӯши онлайн масъул нестанд. Яке аз тамоюлҳои умедбахш ин аст, ки шумораи бештари ширкатҳо ба ғайримарказикунонии қудрат барои ҷудо кардани мағозаҳои онлайн ба як воҳиди тиҷоратии алоҳида шурӯъ мекунанд, то кормандони мағозаҳо барои фурӯш дар дохили шабакаи корпоративӣ масъул бошанд.

Тиҷорати электронӣ дар солҳои охир босуръат рушд карда, системаҳои пардохтҳои электронӣ, ба монанди Yandex Money, Webmoney, Qiwi торафт бештар пайдо мешаванд. Шумораи зиёди шаҳрвандон ба ҷои пули нақд аз пардохтҳои ғайринақдӣ истифода мебаранд. Алҳол аз ҷониби бонкҳо таблиғоти фаъол ҷараён дорад, ки мардумро ба харид бо истифода аз кортҳои электронии худ ташвиқу тарғиб карда, барои ин мукофотҳои гуногун пешниҳод мекунанд. Шояд дар оянда эҳтиёҷ ба пардохтҳои нақдӣ комилан аз байн рафта, ҳар нафар метавонад бо истифода аз веб-хизматҳои махсуси интернетӣ молу хидматҳои заруриро харидорӣ ва пардохт намояд ва пул танҳо дар шакли электронӣ вуҷуд дошта бошад.

Ҳамин тавр технологияҳои нави иттилоотӣ аз ҷиҳати шаклу услубҳои пешбурди тиҷорат дар амалӣ намудани фурӯшу хариди молҳо мусоидат намуда, пайваста шумораи зиёди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодиро ҷалб мекунанд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 28 декабри соли 2023. - Душанбе, 2023

2. Андросов Н., Ворошилова И., Долгов В.И др. Интернет-маркетинг на 100%// Под ред. С Сукова. – СПб: "Питер", 2009

3. Виханский О.С., Наумов А.И. Менеджмент //Учебник. 3-изд. - М.: "Гардарики", 2003

4. Лодонина П.Ю. Книга руководителя интернет-проекта Готовые маркетинг-решения. - СПб. "Питер", 2008

5. Зайнудинов С., Земляский А.А. Прикладные аспекты информационных технологии. //Учебное пособие. - М.: Изд. РГАУ, МСХА, 2014

6. Азимбоев А., Салимов Н., Зайнудинов С. Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт //Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2022

7. Сангинов Ҳ. Бизнеси электронӣ. //Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Муаммоҳои татбиқи технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт". Нашриёти "Душанбе, "ЭР-ГРАФ" 2014

***Маълумот дар бораи муллифон:*** *Таваров Лутфило Толибович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи тақвияти иқтидори содиротӣ, логистика ва тиҷорати электронии МД ПИТИ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Суроға:*** *734002,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ 14а.*

***Тел.:*** *987 87-31-77,*

***Абдуллозода Одилҷон Пардаалӣ*** *- номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи тақвияти иқтидори содиротӣ, логистика ва тиҷорати электронии МД ПИТИ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ 14а.*

***E-mail:*** *odil25@mail.ru*

***Тел:*** *93-806-06-04*

***Бегматов Бозоралӣ Мирзоевич*** *- ходими хурди илмии шуъбаи тақвияти иқтидори содиротӣ, логистика ва тиҷорати электронии МД ПИТИ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. С. Айнӣ 14а.*

***Тел.:*** *93-481-01-72*

***Информация об авторах: Таваров Лутфило Толибович*** *- кандидат экономических наук, заведующей отделом укрепления экспортного потенциала, логистики и электронной коммерции ГУ Научно-исследовательский институт экономики Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *734002, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айнӣ 14а.*

***Тел.:*** *987 87-31-77*

***Абдуллозода Одилджон Пардаали*** *- кандидат сельскохозяйственных наук, ведущий научный сотрудник отдела укрепления экспортного потенциала, логистики и электронной коммерции ГУ Научно-исследовательский институт экономики Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *734002, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айнӣ 14а.*

***E-mail:*** *odil25@mail.ru*

***Тел.:*** *93-806-06-04*

***Бегматов Бозорали Мирзоевич****-младший научный сотрудник отдела укрепления экспортного потенциала, логистики и электронной коммерции ГУ Научно-исследовательский институт экономики Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.*

***Адрес:*** *734002, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айнӣ 14а.*
***Тел.:*** *93-481-01-72*
***Information about the authors: Tavarov Lutfilo Tolibovich -*** *Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Strengthening Export Potential, Logistics and E-Commerce of the State Research Institute of Economics of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Ainy 14a.*
***Tel.:*** *987 87-31-77*
***Abdullozoda Odiljon Pardaali -*** *Candidate of Agricultural Sciences, leading researcher at the Department of Strengthening Export Potential, Logistics and E-Commerce, State Research Institute of Economics, Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Ainy 14a.*
***E-mail:*** *odil25@mail.ru*
***Tel.:*** *93-806-06-04*
***Begmatov Bozorali Mirzoevich -*** *junior researcher at the Department of Strengthening Export Potential, Logistics and E-Commerce, State Research Institute of Economics, Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*
***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Ainy 14a.*
***Tel.:*** *93-481-01-72.*

УДК 00.1.895:316:330.34+332.122 (575.3)

## РУШДИ ЭКОСИСТЕМАВИИ НИЗОМИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВӢ

*Нурдинов Б.Х.*

**Аннотатсия.** Дар мақола нақши рушди экосистемавии низоми инноватсионии минтақавӣ баррасӣ шудааст. Қайд карда шудааст, ки низоми инноватсионии рушди экосистемавӣ нисбат ба дигар усул ва роҳҳои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ дорои афзалияти бештар мебошад. Вазифаҳои асосии экосистемаи инноватсионии минтақавӣ, ки дар маҷмуъ моҳияти онро инъикос менамоянд, аниқ карда шудаанд. Тадбиқи амалии онҳо барои ташаккули асосҳои инноватсионии рушди устувори иҷтимою иқтисодии минтақаҳои кишвар шароити заруририро фароҳам меоваранд.

**Калидвожаҳо**: экосистемаи инноватсионӣ, экосистемаи минтақавӣ, лоиҳаи инноватсионӣ, минтақа, муҳити инноватсионӣ, харитаи технологӣ

## ЭКОСИСТЕМНОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ИННОВАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ

*Нурдинов Б.Х.*

**Аннотация.** В статье рассмотрены роль экосистемного развития региональной инновационной системы. Отмечено, что экосистемный подход по сравнению с другими методами и способами ведения инно вацион-ной деятельности имеет огромные преимущества. Уточнены основных функций региональной инновацион-ной экосистемы, описывающее ее сущностные характеристики, практическое применение которых создает необходимые условия и предпосылки для формирования инновационной основы устой-чивого социально-экономического развития регионов страны.

**Ключевые слова:** инновационная система, экосистемное развитие**,** инновационная экосистема, региональная инновационная экосистема, инновационный проект, интеграция, регион, инновационная среда, технологическая карта.

## ECOSYSTEM DEVELOPMENT OF THE REGIONAL INNOVATION SYSTEM

**Nurdinov B.K.**

**Annotation.**The article examines the essence of ecosystem development of a regional innovation system. The author believes that the ecosystem approach has enormous advantages compared to other methods and methods of conducting innovative activities. Also, the work identified a number of functions of the regional innovation ecosystem, which together describe its essential characteristics. According to the author, the practical application of the noted functions creates the necessary conditions and prerequisites for the formation of an innovative basis for sustainable socio-economic development of the country's regions.

**Key words:** innovation system, ecosystem development, innovation ecosystem, regional innovation ecosystem, innovation project, integration, region, innovation environment, technological map.

**Изложение проблемы.** В условиях глобализации инновационных процессов главным фактором, от которого во многом зависит стабильность и конкурентоспособность страны, является формирование экономики, основанной на знаниях. При этом, достижение целей устойчивого инновационного развития страны возможно только в случае создания необходимых условий и предпосылок, в основе которых лежит формирование инновационной экосистемы социально-экономического развития его регионов. В этой связи, применение экосистемного под-

хода в практике региональных хозяйственных систем страны, учитывая их нынешнего состояния инновационного развития, является объективной необходимостью для достижения целей устойчивого социально-экономического развития, обозначенных в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 г.».

**Анализ последних исследований и публикаций.** В условиях рыночной экономики управление инновациями рассматривается как важная составляющая теории и практики управления, привлекает внима-ние многих зарубежных исследователей. Общеметодологические основы исследования влияния инноваций на социально-экономическое развитие отдельных регионов представлены в трудах зарубежных исследователей: П. Друкера, Г. Менша, С. Менделя, Ф.Никсона, Б.Санто, К.Фримена, И. Шумпетера, Б. Твисса и др. Теоретические и методические аспекты исследования инновационного развития отражены в трудах С. Н. Абдуллиной, В. М. Аньшина, К.А. Багриновского, А.А. Бовина, С.В. Валдайцева, И.А. Васильева, Ю.В. др. Изучению феномена инновационных экосистем занимались такие зарубежные авторы, как Аутио Э., Вэст Д., Ву Дж., Ву Ю., Вуд Д., Динг Л., Жу Ю., Йе Р., Лэвэлин Д., Миншалл Т., Сури Г., Томаса Д., Ху Г. и др.

**Цель статьи заключается в** раскрытые место и роли экосистемного подхода в формировании благоприятных условий для устойчивого социально-экономического развития региона.

**Основное содержание материала.** В условиях быстроменяющейся инновационной среды наиболее важным направлением обеспечения устойчивого социально-экономического развития региона является внедрение инноваций в практику региональных хозяйственных систем путем повышения инновационная активности его структурных составляющих. Это предполагает «…поддержку науки, коммерциализацию результатов инновационной деятельности и стимулирование спроса на инновационные продукты» [1, с. 21]. Для практического воплощения этих целей необходимо совершенствовать национальной системы поддержки новых идей и их дальнейшего продвижения с учётом интересов всех участников инновационного процесса, особенностей развития территорий страны и потребностей реального сектора экономики на новые технологии. Такой подход, с одной стороны, обеспечивает рост реального сектора экономики страны, а с другой - создает дополнительные возможности для дальнейшего его технологического развития. Последнее играет исчерпывающую роль в снижение уязвимости государства от внешних угроз, вероятно возникающих от коллебания конъюнктуры мирового товарного рынка. Опыт последних лет показал, что в условиях новой экономики преодоление технологического отставания страны во многом обусловливает его защиту от потенциальных угроз внешней среды и при этом способствует модернизацию производственно-технологического комплекса и достижения технологического суверинитета в долгосрочной преспективе.

Следует отметить, что для переход страны на новый уровень технологического развития, а также в целях обеспечения устойчивого развития национальной экономики необходимо усилить систему поддержки инновационного развития региональных хозяйственных систем. Здесь важным представляется формирование равных условий для всех участников инновационного процесса, которые способствует укреплению институциональной основы инновационной системы страны, применению новых подходов к решению социально-экономических задач и наращиванию интеграционного потенциала развития национальной экономики, что позволяют максимальной концентрации усилий для успешной реализаций возможных сценариев развития страны (иннерционный, индустриальный и индустриально-инновационный), предусмотренных «Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» (НСР-2030).

Важно отметить, что в условиях научно-технического прогресса наиболее предпочтительным представляется индустриально-инновационный сценарий, в рамках которого особое внимание уделяется развитию базовых условий для наращивания креативного потенциала страны, что предполагает необходимость совершенствования национальной системы образования и подготовки кадров для отраслей национальной экономики. Как исходит из НСР-2030, «…данный сценарный возможен при формировании инновационных подходов при решении экономических и социальных вопросов, усиления институциональной базы развития, совершенствования правовой системы и усиления защиты прав собственности, включая интеллектуальную, что будет благоприятствовать росту, как внутренних частных, так и прямых иностранных инвестиций» [6, с. 20]. Последнее в условиях ограниченности государственного бюджета и нехватки финансовых ресурсов в сфере НИОКР приобретает особое значение для активизация инновационного прорыва национальной экономики, которая предусматривает выработку стратегических документов государственного уровня.

В свою очередь, привлечение иностранного капитала в сфере НИОКР в определенной степени зависит от факторов инновационной среды, а также условий, способствующих привлечению новых участников инновационного процесса в создании инновации и последующей их реализации. Здесь важную роль может играть применение экосистемного подхода, как важного элемента сомременной теорий управления инновационного развития национальной и региональной экономики.

Экосистемный подход «…представляет собой инструмент построения и эффек-тивного функционирования саморазвивающейся системы, которая вклчает обязательные составные элементы» [4, с. 139]. К последним относятся научно-исследовательские институты, вузы, государственные и частные организации, финансовые структуры и промышленные компании, чья деятельность инициируют созданию и распространению новых технологий в экономике, наращиванию производственной мощности страны и, тем самым, укреплению его эспортного потенциала с учётом необходимости реализации программы испортозамешания и обеспечения населением продуктами отечественного производства.

С учетом изложенного, сущность экосистемного развития региональной инновационной системы заключается в формирований благоприятных условий для устойчивого социально-экономического развития территорий страны. Данный подход «…базируется на синтезе экономической и организационной теории, новой теории систем, концепции устойчивого развития и пула разнообразных современных мултиатрибутивных подходов» [10, с. 150].

Экосистемный подход по сравнению с другими методами и способами ведения инновационной деятельности имеет огромные преимущества. В частности, «…он позволяет в едином комплексе использовать инструментарий эволюционной и институциональной экономической теории, а также применять холистический, сетевой, кластерный и другие подходы» [9, с. 6]. Также его реализация способствует решению региональных социально-экономических задач, таких как, повышению доли производства инновационной продукции, удовлетворению потребности реального сектора экономики на новые технологии, созданию новых стартапов и дополнительных рабочих мест, повышению уровня наукоёмкости производства, росту налоговых исчисленный в бюджет и др. Практическое решение этих проблем способствуют снижению социально-экономической нагрузки в стране, что, соответственно, переводит его на новый уровень технологического развития. Последнее, в свою очередь, связано с переченем возможностей и барьеров, учёт которых при стратегическом

планировании позволяют формировать инновационную траекторию развития национальной экономики и перехода ее к новому технологическому укладу.

Инновационная инфраструктура является важным элементом технологического развития страны, создание которой способствует экосистемной трансформации региональных и национальных инновационных систем. Это предполагает создание в стране современных технопарковых зон, центров трансфера технологий и других интегрированных инновационных структур, в задачи которых входят активизация инновационной деятельности региональных социально-экономических систем. При этом важно учесть, что инфраструктурное обеспечение инновационного развития региона связано с решением кадровых вопросов, которое требует эффективного государственного регулирования системы профессионального образования. В свою очередь, система подготовка кадров должны соответствовать требованиями инновационной экономики, которой предполагает «…разработки конкретных задач по интенсификации взаимодействия университетов с бизнес-сообществом и регионом, выделение ресурсов, осуществление контроля» [7, с. 556]. Такой подход способствует развитию экосистемы кадрового партнерства в регионе, что является важным условием его инновационного развития.

В свою очередь, кадровое обеспечение региональных инновационных систем страны требует соблюдения пропорций в этом направлении. Это предполагает применении сбалансированного подхода при подготовке кадров в соответствии с потребностями социально-экономического и инновационного развития регионов страны. Такой подход, с одной стороны, позволяет устранить кадровый дефицит региона, а с другой - не допустить избыток кадровых ресурсов, которых влечет за собой опасности для развития безработицы в стране и другие негативные последствия (дополнительная социальная нагрузка) для его устойчивого социально-экономического развития.

Таким образом, применение экосистемного подхода в практике региональных хозяйственных систем способствует развитию инфраструктурной составляющей инновационного потенциала территорий страны, усилению партнерских отношений между субъектами инновационного процесса разного уровня, а также улучшению условия подготовки кадров в соотвествие с потребностями реального сектора экономики регионов. Комлексное решение этих проблем могут обеспечить основу для модернизации инновационного сектора экономики страны, позволяющая производить новые товары и услуги в соотвествии с мировыми стандартами технологического развития.

Также в задачи экосистемного развития региональных инновационных систем входит всестронняя поддержка инновационных идей и их максимальной коммерциализации. Последнее требует преодолевать стагнацию и восстановить связи между производственными и научными секторами экономики страны, что, соответственно, способствует развитию национального рынка интеллектуальной собственности и повышению эффективности функционирования в ней хозяйственных субъектов. В связи с этим, «…приоритетом механизма государственной поддержки территориальных инновационных экосистем является кооперации всех участников технологической цепочки создания инновационного продукта в инновационную экосистему, способствующую ускоренной коммерциализации инноваций» [5, с. 11].

При этом одной из ключевых задач современной экономики остается эффективное исполь-зование интеллектуальных ресурсов хозяйственных субъектов сферы инноваций. Практическое решение этой задачи предполагает необходимость упрошения процедур оказания государственных услуг участникам инновационного процесса, а также создания инновационной

инфраструктуры, способствующих интеграцию науки, образования и бизнеса в реальном секторе экономики страны.

Согласно изложенному, применение экосистемного подхода в практике иннова-ционных систем регионов страны представляет собой практическую значимость для формирования и эффективного функционирования национального института интеллекту-альной собственности. Важно отметить, что в эру инновационных технологий последнее играет исчерпывающую роль в развитии инновационной системы национальной экономики.

Учитывая это, инновационную экосистему можно рассматривать как инструмент управления инновационного развития региональных хозяйственных систем, позволяющих направить регион на новый уровень технологического развития. Последнее, в свою очередь, требует «…совершенствовать систему образования, устранять барьеры», сдерживающие технологические инновации, регулировать отношения между государством и участниками инновационной деятельности, активнее интегрировать науку и технологии в социально-экономическое пространство» [3, с. 266].

Исходя из этого, задача экосистемного развития региональных инновационных систем заключается в создании некоего сообщества, в котором благодаря сетевому взаимодействию субъектов разного уровня формируется «технологическая дорожная карта». Последнее позволяет усилить стратегическое планирование инновационного поведения региона, как важного участника инновационного процесса и принимающего решения для создания, распространения и практического применения инновации и новых технологий в соответствие с потребностями реального сектора экономики страны. При этом важно учесть тот факт, что формирование стабильного спроса на инновации и новых технологий имеет прямую связь с необходимостью принятия системных мер по созданию малых и средних фирм, заинтересованных в поддержке инновационных идей, организацию венчурного финансирования инновационных проектов, развитию рынка инновационных товаров (услуг), совершенствованию инструментов стимулирования инновационной деятельности и решению других социально-экономических задач, способствующих укреплению фактора спроса в инновационном секторе экономики страны.

Однако важно учесть и тот факт, что по мере увеличения спроса на инновации и новые технологии, также растёт потребность в поиске новых источников их удовлетворения, которые могут быть менее доступными для отдельных участников инновационного процесса. В таком случае появиться объективная необходимость создания разных форм инновационных экосистем. Последнее в структуре экономики региона выступает в роли концентрация ресурсов и их эффективное распределение между участниками инновационного процесса, а также центра генерации идей, трансфера технологий и коллективного управления его инновационного развития. В этой связи, создание в регионах страны современных инновационных экосистем способствуют решению технологических задач, увеличивают при этом, мощь и технологическую самодостаточность региональной экономики, что соответственно обеспечит территории страны возможности для перехода от сырьевой модели развития к инновационную сценарию решения социально-экономических задач и повышению качества жизни населения страны. Исходя из этого, «…появление в регионе инновационных экосистем, в повседневной деятельности которых применяются самые современные и передовые технологии, повышает социальный статус региона, что приводит к росту социального статуса работающих в них людей» [7, с. 52].

Отсюда следует вывод, что экосистемное развитие является частью социально-инновационной политики органов государственной власти регионального уровня. Поэтому активное его применения позволяет укреплять социально-экономические отношения между участниками инновационного процесса мезоуровня и, тем самым, содействует созданию необходимых условий для перехода к социально-инновационной экономике. Последнее «…предполагает, что главным источником валового внутреннего продукта является развитие и эффективное использование общественных производительных сил, преимущественной формой капитала выступает инновационный, человеческий, социальный, организационный и инфраструктурный капитал» [2, с. 69]. Важно отметить, что для эффективного использования этих ресурсов требуется новый уровень партнерских отношений между хозяйствующими субъектами сферы инноваций регионов страны. Последнее вызывает необходимость создания благоприятных условий эффективного функционирования акторов инновационного процесса и их взаимодействия в рамках реализации государственных целевых проектов социально-экономического развития территорий страны. Для этого крайне важно использование экосистемного подхода, как современного инструмента регулирования партнёрских отношений в условиях рынка и нарастания потребности в инновационной развитии региональной экономики.

Исходя из этого, применение экосистемного подхода в практике последнего поз-воляет находить консенсус между участниками инновационного процесса и, таким образом, обеспечить эффективность использования их ресурсов в интересах устойчивого социально-экономического развития территорий страны.

В этой связи, экосистемное развитие региональной инновационной системы представляет собой современный инструмент партнёрства науки, образования и бизнеса. Их интеграция способствует созданию и улучшению условий для функционирования институтов инновационного развития в регионе. Эффективное взаимодействие этих субъектов также, содействует наращиванию предпринимательского потенциала в стране, развитию секторов науки и образования, что являются ядром экономики, основанной на знаниях.

Таким образом, с учетом изложенного, можно выделить следующее основные функции региональной инновационной экосистемы, которые в совокупности описывают ее сущностные характеристики:

- интегрирующая - способствует интеграции науки, образования и бизнеса;
- стимулирующая - способствует разработке и освоению новых технологий, улучшенных и более совершенных способов изготовления продукции;
- производственная - направлена на выпуск продуктов с новыми или улучшенными свойствами;
- организационно-управленческая - активизирует процессы создания инновационных инфраструктур, направляет регион на новый уровень технологического развития;
- информационно-коммуникационная - позволяет решить задачи организации рациональных информационных потоков в сфере научно-технической и инновационной деятельности;
- социально-экономическая - укрепляет социально-экономические отношения между участником инновационного процесса и др.

Практические применения отмеченных функций создает условия и предпосылки для формирования инновационной основы устойчивого социально-экономического развития регионов страны. При этом важно учесть, что достижение синергетического эффекта от инновационной трансформации региональных социально-экономических систем возможно

только в случае эффективного функционирования всех структурных составляющих его элементов. Для этого важно построить «инновационный лифт», сфокусированный на активизацию работ хозяйственных субъектов сферы инноваций в реальном секторе экономики региона.

Таким образом, формирование экосистемного пространства инновационного развития региона, с одной стороны, позволяет усилить межотраслевую интеграционную связь, а с другой – приспособить региональную экономику к инновационному трансформацию, что является важным условием достижения высшей цели долгосрочного развития страны - повышение уровня жизни населения на основе обеспечения устойчивого социально-экономического развития.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Басюк А.С., Вицелярова К.Н. Сущность и принципы инновационного развития региона//Экономические исследование. Серия экономика и бизнеса. - Краснодар, 2023. - № 2. - С. 21-47.
2. Воробьё В.П., Стефанова Т.Г. Качество и инновационный менеджмент в условиях перехода к социально-инновационной экономике//Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. Серия экономика и бизнеса. - СПб, 2015. - №5(95). - С. 66-71.
3. Гаврилюк А.В. Стратегия перехода на новый уровень технологического развития экономики//Стратегирование: теория и практика. Серия экономика и бизнеса. - Кемерова, 2022. - №2(2). - С. 257-269.
4. Климук В.В. Применение экосистемного подхода при построении модели неоиндустриального развития промышленных предприятий//Естественно-гуманитарные исследования. Серия экономика и бизнеса. - Краснодар, 2021. - №5(37) . – С.136-141.
5. Мокросув А.С. Концептуальная схема механизма государственной поддержки территориальных инновационных экосистем//Инновации и инвестиции. Серия экономика и бизнеса. - М.: «Русайн», 2022. - № 2. - С. 8-12.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г.// Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, № 636. - Душанбе, 2016. - 105 с.
7. Никонорова А.В. Создание инновационной экосистемы и повышение качества жизни в регионе//Вестник университета. Серия экономика и бизнеса. - М., 2018. - №10. - С. 49-53.
8. Никулина Ю.Н., Гришин К.Е. Влияние экосистемы кадрового партнерства на инновационное развитие региона//Вопросы инновационной экономики. Серия экономика и бизнеса. - М.: «Креативная экономика», 2022. – Т. 12. - №1. - С. 551-570.
9. Третьякова Е.А., Фрейман Е.Н. Экосистемный подход в современных экономических исследованиях//Вопросы управления. Серия экономика и бизнеса. - М., 2022. - № 1(74) . - С. 6-20.
10. Ушвицкий Л.И., Тер-Григорьянц А.А., Деньщик М.Н. Формирование концептуальной основы экосистемного подхода к развитию социально-экономических систем//Вестник Северо-Кавказского федерального университета. - Махачкала, 2021. - № 3(84). - С. 142-154.

***Маълумот дар бораи муаллиф: Нурдинов Баҳриддин Хизралиевич*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи рушди мутавозини минтақаҳои «Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”.*

***Суроға:*** *734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 14а*

***Тел:*** *(+ 992) 988873383,*

***E –mail:*** *bahriddin_11@inbox.ru*

***Сведения об авторе: Нурдинов Бахриддин Хизралиевич*** *– кандидат экономических наук, начальник отдела сбалансированного развития регионов Государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический институт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан».*

***Адрес:*** *734042, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Айнӣ, 14а*

***Тел:*** *(+ 992) 988873383,*

***E –mail:*** *bahriddin_11@inbox.ru*

***Information about the author: Nurdinov Bakhriddin Khizralievich*** *- Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Balanced Development of Regions. State Institution "Economic Research Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.*

***Address****: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Aini 14a.*

***Phone:*** *(+ 992) 988873383,*

***E –mail:*** *bahriddin_11@inbox.ru*

УДК 338. 331.5

# РУШДИ ШУҒЛИ “САБЗ”: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТ

**Солиев Н.Н.**

**Аннотатсия.** Дар мақола ҷанбаҳои назариявии рушди шуғл дар шароити “иқтисоди сабз” таҳлил шудаанд. Шакли шуғли “сабз” на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ иборат аст, инчунин аз рӯи самтҳои ташаккули “иқтисоди сабз”, аз нигоҳи “иқтисодӣ”, “иҷтимоӣ”, “экологӣ” ва “технологӣ” ба корманд имконият медиҳад, ки манфиати шахсии худро татбиқ намояд, навовариҳои илму техникӣ ва технологияи муосирро баҳри ҳифзи муҳити зист ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ амалӣ намояд. Таъмини ҳосилнокии баланди меҳнат ва музди кори муносиб ба такрористеҳсоли муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он мусоидат менамоянд.

**Калидвожаҳо:** шуғли “сабз”, иқтисоди “сабз”, экологияи тоза, ҳифзи муҳити зист, бозори меҳнат, истеҳсолот ва танзим

# РАЗВИТИЕ «ЗЕЛЕНОЙ» ЗАНЯТОСТИ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ

**Солиев Н.Н.**

**Аннотация.** В статье рассмотрены теоретические аспекты занятости в условиях “зеленой экономики”. Форма “зеленой” занятости заключается не только в обеспечении потребностей населения рабочими местами, но и с точки зрения возможностей формирования зеленой экономики, а также с “экономической”, “социальной”, “экологической” и “технологической” позиции, позволяющее работнику применять свой личный интерес, научный и технические инновации и современные технологии для защиты окружающей среды и осуществления эффективного использования природных ресурсов. Достижения высокой производительности труда и адекватной заработной платы содействуют нормальному воспроизводству работника и членов его семьи.

**Ключевые слова**: «зеленая» занятость, «зеленая» экономика, чистая экология, охрана окружающей среды, рынок труда, производство и регулирование

# DEVELOPMENT OF "GREEN" EMPLOYMENT: THEORETICAL ASPECTS OF THE RESEARCH

**Soliev N.N.**

**Annotation.** The article considers theoretical aspects of employment in the context of a green economy. The form of "green" employment consists not only in providing the needs of the population with jobs, but also from the point of view of the possibilities of forming a green economy, and the "technological" point of view, allowing the employee to apply his personal interest, scientific and technical innovations and modern technologies to protect the environment and implement the efficient use of natural resources. Achieving high labor productivity and adequate wages, promoting the normal reproduction of the employee and his family members.

**Keywords:** "green" employment, "green" economy, clean ecology, environmental protection, labor market, production and regulation

**Гузориши масъала.** Дар низоми томи хоҷагидорӣ - иқтисоди «сабз» тағйироти куллӣ дар сохтори соҳаҳо ва бахшҳои шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон ба амал меоянд. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои назариявии шуғли "сабз", ки яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, то инҷониб зери таҳқиқоти мукаммал қарор дода нашудаанд. Масъалаи мазкур, хусусан, аз рӯи самтҳои имконияти ташаккули иқтисоди сабз, яъне аз нигоҳи " иқтисодӣ", "иҷтимоӣ", "экологӣ" ва "технологӣ" ниёз ба гузаронидани таҳқиқотро дорад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Проблемаи назариявии шуғли «сабз» дар таҳқиқотҳои ташкилотҳои байналмилалии бонуфузи мамлакатҳои Ғарб ба таври муфассал дарҷ гардидааст. Вале масъалаи мазкур дар Тоҷикистон ба қарибӣ пайдо гардида, мувофиқан омӯзиш ва дарҷи масъалаи рушди шуғли «сабз» дар асарҳои илмии иқтисодчиёни тоҷик хеле муҳим аст.

**Мақсади мақола.** Баррасӣ намудани равия ва ҷанбаҳои муҳими назариявии шуғли «сабз», хусусан гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ё татбиқи касбҳои мушаххаси кормандон оид ба ҳифзи табиат, технологияи экологӣ ва истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, обтаъминкунӣ ва назорати партовҳои обӣ, танзими партовҳо, ҷанбаҳои биологӣ, геологӣ, метеорологӣ ва ғайра мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар айни замон ташкили фаъолияти меҳнатӣ доир ба солимгардонӣ ва ҳифзи муҳити зист, мукаммал нигоҳ доштани захираҳои табиӣ, сарфаи захира ва энергия, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, коркард ва истифодаи партовҳо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва дигар самтҳо роҳҳои амалиест, ки ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат намуда, доираи шуғли аҳолии мамлакатро васеъ мегардонад ва, ҳамзамон, ба ташкили ҷойҳои нави корӣ тақвият мебахшад. Хусусан интизорӣ меравад, ки дар давраи гузариш ба иқтисоди «сабз» тағйироти куллӣ дар сохтори соҳаҳо ва бахшҳои шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон ба амал меоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар асарҳои илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва методологии бозори меҳнат ба таври пурра баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои назариявии шуғли «сабз», ки яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, то инҷониб зери таҳқиқоти мукаммал қарор дода нашудааст. Зеро, ки масъалаи мазкур ба қарибӣ пайдо гардида, дар солҳои 70 – 80 асри XX дар ҷамъиятҳои илмии аврупоӣ ташаккул ёфтааст. Мувофиқан омӯзиш ва дарҷи масъалаи рушди шуғли «сабз» дар асарҳои илмии иқтисодчиёни тоҷик тақрибан баъд аз соли 2020 оғоз гардидааст.

Агар ба таърихи назарияи шуғли «сабз» назар афканем, метавон эътироф кард, ки яке аз аввалин муҳаққиқе, ки ба тақвияти ҳамалоқамандии фаъолияти меҳнатӣ, ҷойҳои корӣ ва имконияти вайроншавии муҳити зист диққати асосӣ додааст, ин иқтисодчии швейсарӣ Х. Г. Бинсвангер аст. Муаллиф диққати асосиро ба масъалаи имконияти талафи ҷои корӣ, ки бо ифлосшавии муҳити зист ва харобшавии табиат ҳамчун асоси иқтисодиёт алоқаманд менамуд, равона намудааст. Бинбар ин метавон гуфт, ки маҳз аз ҳамин давра оғоз гардида, равияи иқтисоди «сабз» ва таъсири он ба рушди бозори меҳнат объекти таҳқиқотҳои илмӣ ва ташаккулёбии сиёсати аксарияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳо гардидааст [1, С.18].

Бояд иброз дошт, ки ҷиҳати амиқ дарк намудани моҳият ва муҳтавои шуғли «сабз», лозим додниста мешавад, равияҳои ташкилотҳои байналмилалии бонуфузи мамлакатҳои Ғарб, ки муҳлатҳои дуру дароз оид ба проблемаҳои шуғли экологӣ таҳлилҳо гузаронидаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Аз ҷумла, равияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба мафҳуми шуғли "сабз", ки ба шакли зайл мураттаб гардонидаанд, пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Равияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба мафҳуми шуғли “сабз”**

| Таҳиягарони равия | Муҳтавои равия |
|---|---|
| Расадхонаи миллӣ доир ба масъалаҳои шуғл ва касбҳо дар соҳаи иқтисоди «сабз» (Фаронса) | Шуғли «сабз» – ҳамаи намудҳои фаъолияти экологиест, ки шартан мумкин аст ба ду гуруҳ тақсим намуд:<br>а) бевосита ба ҳифзи муҳити атроф равона гардидааст;<br>б) ғайримустаъқим барои нигоҳдории тавозуни табиат тақвият мебахшад. |
| | Шуғли «сабз» сфераи фаъолияти меҳнатист, ки ба он мутахассисоне, ки дорои малакаҳои махсус дошта ва назоратро ба таъсири номуносиб ба табиат ва ба муҳити зисти инсон ҳадаф мегузоранд, мансуб дониста мешаванд |
| Агентии федоролӣ оид ба меҳнат (Олмон) | Шуғли «сабз» фаъолияти касбиест, ки бо ҳифзи табиат, технологияи экологӣ ва истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, обтаъминкунӣ ва назорати партовҳои обӣ, танзими партовҳо, биологӣ, геологӣ ва метеорологӣ, инчунин идораи муҳити атроф ва консалтинг алоқамандӣ дорад. |
| Ташкилоти “Меҳнати устувор” дар муштарак бо Фонди гуногуншаклии биологӣ (Испания) | Шуғли «сабз» фаъолияти намояндагони як қатор касбҳои марбут ба бахши иқтисодиёт, ки бо намуди энергияи барқароршаванда, нақлиёт, саноати вазнин, сохтмон ва идораи партовҳо (коркард ва истифодаи партовҳо) муаррифӣ шуда, дорои махсуси малакаҳои «сабз» мебошанд. |
| Шуъбаи омори миллӣ (Англия) | Шуғли «сабз» фаъолияти иқтисодӣ оид ба таъмини ҷомеа бо молҳо бо назардошти генератсияи бештари партофти пасти газҳои гулхонаӣ, махсусан ангидриди карбон мебошад. |
| | Шуғли «сабз» бунёди касбҳои «сабз» дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт мебошад. |
| Созмони Милали Мутаҳид (СММ) | Шуғли «сабз» – ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолот, тадқиқотҳои илмӣ ва коркард, фаъолияти маъмурӣ ва бахши хизматрасонист, ки барои нигоҳдорӣ ё барқароркунии сифати муҳити атроф саҳми муносибро мегузоранд. |
| Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) | Шуғли «сабз» – фаъолиятест, ки истеъмолоти энергия ва ашёро кам намуда, партофти газҳои гулхонаиро маҳдуд месозад, партофт ва ифлосшавиро ба ҳади ақал мерасонад, экосистемаро ҳифз ва барқарор менамояд ва имконият фароҳам меорад, ки корхонаю ҷамъиятҳо ба тағйирёбии иқлим мусоидат намоянд. |

***Таҳияи муаллиф дар асоси [2-5]**.

Аз равияҳои болоӣ маълум мегардад, ки зери мафҳуми шуғли «сабз» асосан гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ё татбиқи касбҳои мушаххаси кормандон оид ба ҳифзи табиат, технологияи экологӣ ва истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, обтаъминкунӣ ва назорати партовҳои обӣ, танзими партовҳо, биологӣ, геологӣ ва метеорологӣ ва ғайра, инчунин барои арзёбии миқдории шуғли «сабз» ташкили ҳисобгирии омории ҷойҳои кории «сабз» дар назар дошта шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки ташаккулёбии нуқтаи назар ва таассуротҳои оид ба ҷойҳои кории «сабз» ба миёнаи солҳои 90 и асри XX дар мамлакатҳои Аврупо рост меояд. Мафҳуми ҷойҳои кории «сабз» бо истифодаи технологияи холиси экологӣ, истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва бунёди маҳсулоти холиси экологӣ, инчунин хизматрасонии истеҳсолоти сабз, ки ҷойҳои кории сабзро мумкин аст аз ҳам аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ва ҳам раванди истеҳсолот муайян кард, алоқаманд мебошад. Бинобар ин, ҷойҳои кории «сабз» бояд ба як қатор меъёрҳо, ба монанди беҳдошти сифати муҳити зист, истифодаи технологияи инноватсионӣ, камшавии истеъмоли энергия, кам намудани миқдори партовҳо, рушди захираҳои инсонӣ, бехатарии шароити меҳнат ва риояи ҳуқуқи корманд ҷавобгӯ бошад.

Бо маънои васеъ зери мафҳуми ҷойи кории "сабз", мушаххасан ҷойи корие, ки бо фаъолияти солимгардонии муҳити зист, паст намудани сарборӣ ба системаи табиӣ аз ҳисоби азнавкоркарди партовҳо, нест кардани зарарҳои андухтшудаи экологӣ, барқарор намудани заминҳои вайроншуда, оқилона истифодабарии табиат, истеҳсоли маҳсулоти экологӣ ва хизматрасонӣ ба ин бахш алоқаманд мебошанд, фаҳмида мешавад.

Маҳз меъёрҳое, ки ҷойҳои кории "сабзро" муайян менамоянд, мумкин аст ба таври зерин номбар намуд:

- иқтисодӣ: музди кори муносиб, сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат, истеъмолоти пасти масолеҳ, кам намудани истеъмоли энергия, истеҳсолоти баланди технологӣ;
- иҷтимоӣ: амалӣ намудани ҳуқуқҳои кормандон, кафолати иҷтимоӣ, рушди захираҳои инсонӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти "сабз";
- экологӣ: кам намудани оқибатҳои манфии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, технологияҳои сарфаи захираҳо ва экологии холис, кам кардани партовҳо, модернизатсияи ҷойҳои корӣ;
- технологӣ: технологияҳои муосир, усулҳо, дониш дар соҳаи тадқиқотҳои заминавӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғ.

Бояд хотиррасон кард, ки дар назария ва амалияи "корҳои сабз" нақши асосиро мутахассисони франсузӣ, чунончӣ кормандони "Расадхонаи миллӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва касбҳо дар соҳаи иқтисоди сабз" бозидаанд. Дар маърӯзаи ташкилоти мазкур дар соли 2017 равияҳо доир ба фаҳмиши мафҳуми шуғли экологӣ пешниҳод гардидаанд [3]. Аз ҷумла муҳтавои яке аз равияҳо – ин бевосита ошкор намудани намудҳои фаъолияти экологӣ мебошад, яъне, бевосита иҷро намудани корҳо, ки бо ҳифзи муҳити зист мустаъқиман алоқамандӣ доранд. Дар ин ҳолат корманд чун қоида бояд яке аз амалиёти зеринро иҷро намояд:

- бевосита ба истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ машғул буда, иловатан ба вазифаҳои дигар, ки ба уҳдадориҳои вазифавии ӯ дар соҳаи муайяни фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист дахл дорад, мутобиқат намояд;
- бо пешниҳоди хизматасониҳои давлатӣ, ки фаъолияти ӯ бо назорати вазъи экологӣ алоқамандӣ дорад, машғул бошад;
- ҳамчун коршинос дар лоиҳаҳо ҷиҳати беҳтаршавии вазъи экологӣ фаъолият намояд ва ғ.

Дар робита ба амалиётҳои болоӣ, хусусан барои ҳисобгирии оморӣ ин тавсифи миқдории иҷрои корҳо аз ҷониби кормандон барои ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад. Маҳз мутахассисони франсуз нишондиҳандаҳои омориро дар бораи ҷойҳои кории холиси «сабз» ва ҷойҳои кории ғайрихолиси «сабз» таҳия намуда, мавриди истифода қарор додаанд:

- миқдори ҷойҳои кории холиси сабз. Ҳадаф аз ташкили чунин ҷойҳои корӣ аз беҳтар намудани вазъи экологӣ дар сатҳи мамлакат ва минтақаҳо иборат аст;

- миқдори ҷойҳои кории ғайрихолиси сабз. Ташкили чунин ҷойҳои корӣ бевосита бо функсияҳои ҳифзи табиат алқаманд мебошад;

- миқдори умумии ҷойҳои кории сабз ва ғ.

Дар асоси нишондиҳандаҳои мазкур мумкин аст чунин нишондиҳандаҳои нисбӣ таҳия намуд:

1) ҳиссаи шумораи машғулбудагон дар ҷойҳои кории холиси «сабз» дар шумораи умумии машғулбудагон дар миқёси мамлакат;

2) ҳиссаи шумораи машғулбудагон дар ҷойҳои кории ғайрихолиси «сабз» дар шумораи умумии машғулбудагон дар миқёси мамлакат.

Бояд қайд намуд, ки чунин фаъолияти амалии оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ташкил карда нашудааст. Мумкин аст, дар солҳои минбаъда таҷрибаи французҳоро дар амалияи баҳисобгирии омории шумораи машғулбудагон дар ҷойҳои кории холиси «сабз» ва шумораи машғулбудагон дар ҷойҳои кории ғайрихолиси «сабз» дар ҷумҳурӣ истифода бурд.

Равияи дигаре, ки мутахассисони "Расадхонаи миллӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва касбҳо дар соҳаи иқтисоди сабз" пешниҳод намудаанд, аз арзёбии тағйироти (динамикаи) қувваи корӣ, ки пурра ё қисман касбҳои сабзро дар бар мегирад, иборат аст. Хусусан, масъалаҳое, ки аз ҷониби ин Расадхонаи миллӣ баррасӣ гардидаанд, талаботҳои зеринро доир ба касбҳои «сабз» дар бар мегиранд:

1) мутахассисони соҳаи иқтисоди «сабз» бояд малакаи хос дошта бошанд;

2) фаъолияти онҳо - назорат бурдани таъсири номусоид ба табиат ва муҳити атрофи инсонӣ ва ғ.

Хуллас, ба олимони француз имконият пайдо гардид, ки дар иқтисодиёт соҳаҳои сабзро ошкор намоянд. Тибқи фаҳмиши назариявию амалии онҳо ба сохтори соҳаҳои иқтисоди «сабз» дар Франсия инҳо ворид карда шудаанд: истеҳсоли энергия, энергияи таъминкунӣ, обтаъминкунӣ, корбарӣ бо партовҳои истеҳсолот, фаъолияти ҳифзи табиат. Касбҳое, ки ба соҳаҳои номбаршуда ворид мешаванд, касбҳои холиси «сабз» ҳисобида мешаванд.

Мутобиқи манбаҳои иттилоотӣ, Агентии федералӣ оид ба меҳнат (Олмон), ба шуғли «сабз» 31 гуруҳи касбӣ, ки онҳо ба 6 гуруҳи калонкардашуда ҷудо карда шудаанд, ворид мешаванд [5. с. 99]:

**Ҷадвали 2.**

**Таснифи гуруҳи касбӣ дар Олмон**

| **№ гуруҳи касбӣ** | **Гуруҳи касбӣ** | **Миқдори гуруҳҳои касбӣ** |
|---|---|---|
| I | Ҳифзи табиат | 4 |
| II | Технологияи экологӣ ва истифодаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия | 9 |
| III | Обтаъминкунӣ ва идораи оби партов | 3 |
| IV | Идораи партов | 4 |
| V | Биология, геология ва метеорология | 3 |
| VI | Идораи муҳити зист ва консалтинг | 8 |
| Ҷамъ | | 31 |

*** Сарчашма:** Ненастьев Н. А., Яшалова Н. Н. «Зеленная» занятость: сущность и генезис понятия// Вестник университета. – М., 2023. - № 5. - С. 96 - 103.

Бояд қайд кард, ки ба рӯйхати номгӯи касбҳо маркетинг, технологияи иттилоотӣ ва савдо ворид карда нашудаанд. Бо ақидаи мутахассисони олмонӣ, бинобар бо сабаби набудани алоқаи

байни ҳадафҳои ин гуна бахшҳои фаъолият ва вазифаҳои танзими экологӣ ба рӯйхати мазкур мансуб нестанд.

Ақидаи мазкурро низ ҷамъияти илмии испанӣ низ дастгирӣ намуд. Бо вуҷуди ин, аз рӯи таҳлили интишоргардидаи "Ташкилоти байналмилалии" (ТБМ), ки ба ташаккулёбии ҷойҳои кории «сабз» бахшида шудааст, чунин хусусиятҳо дар Испания ошкор карда шуд: шуғли экологӣ дар ҳамин мамлакат ҳамчун намуди алоҳидаи шуғл ҳисобида намешавад. Ба ҳар ҳол бахшҳо ва касбҳои ба онҳо дохилшуда, ки мутобиқ ба ҷойҳои корӣ мансуб мебошанд, ба панҷ бахши зерин ҷудо карда шудаанд:

1) энергияи барқароршаванда;
2) нақлиёт;
3) саноати вазнин;
4) сохтмон;
5) идораи партовҳо.

Рушди технологияи иқтисоди «сабз» метавонад ба афзоиши талабот ба касбҳое, ки дар раванди гузариш ба экологизатсияи истеҳсолот ба вуҷуд меоянд, инчунин ба касбҳое, ки то ҳол вуҷуд доранд, вале то талаботҳои нави ҷойҳои кории «сабз» сайқал дода мешаванд, мусоидат намояд. Хусусан, ҳангоми пайдоиши самтҳои нави сиёсати экологӣ шуғли мутахассисони касбҳои менеҷерҳо, муҳандисон, ҳуқуқшиносон ва аудиторон меафзояд. Барои ширкатҳои муосир, ки технологияҳои иқтисоди «сабз» истеҳсол менамоянд, зарурият ба чунин ихтисосҳои касбӣ - коршиносон доир ба пайваст намудани панелҳои офтобӣ, фурӯшандагон, маркетологҳо ва дигар ҳайати кормандон пайдо мегардад. Бинобар ин ҳадафмандгирии истеҳсолот ба типи экологӣ имкониятҳои калонро ба рушди шуғли «сабз» пешниҳод менамояд.

Дар сохтори шуғл дар баробари тағйиротҳои миқдорӣ инчунин тағйротҳои сифатии шуғли аҳолӣ низ ташаккул меёбанд. Дар ҷойҳои кории «сабз» аз кормандон машғул сатҳи баланди маълумот, таҷрибаи корӣ ва омодагии баландихтисоси касбӣ дар муқоиса бо шахсоне, ки дар ҷойҳои кории "қаҳваранг" (анъанавӣ) фаъолият меҳнатӣ мегузаронанд, талаб карда мешаванд. Хусусан, энергияи барқароршаванда ва технологияҳои устувор мунтазам ба мутахассисони баландихтисос тақозои зиёд доранд.

Ҷанбаи муҳиме, ки мақоми марказиро дар давра гузариш ба иқтисоди «сабз» ишғол менамояд, ин омӯзиш ва азнавтахассусии мутахассисон мебошад. Барои аксарияти кормандон, ки дар иқтисоди «сабз» фаъолият мегузаронанд, иловатан лозим акст, ки мувофиқасозии малака ва салоҳияти худро бо талаботи технология ва равандҳои истеҳсолии иқтисоди «сабз» ба роҳ монанд. Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, пайдоиши касбҳои нав зарурияти ташаккулёбии қатъии самтҳои нави таҷрибаи касбӣ ва донишҳоро талаб менамояд, ки ба имконияти такмидиҳии низоми маълумот ва пешниҳоди имтиёзҳо барои таълими минбаъда дар давоми ҳаёт диққати асосӣ дода шавад.

Умуман, сиёсати гузариш ба иқтисоди «сабз» бояд як қатор чораҳоро дар иқтисодиёт, ба монанди зиёдшавии андозҳо ба истеҳсолоте, ки ба муҳити зист зараровар мебошанд, пешниҳоди имтиёзҳо ба корхонаҳо ҷиҳати таъмини экологии иқтисодиётро фаро гирад. Амалӣ намудани сиёсати мазкур, дар навбати худ, ба рушди бозори меҳнат бо роҳи талаботи воқеӣ, музди меҳнати истеҳсолкунандагон, талаботи умумӣ ва соҳавӣ ба қувваи корӣ таъсир мерасонад. Афзудани сармоягузорӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти камкарбон ва зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли молҳои экологӣ ва хизматрасонӣ метавонад ба зиёдшавии миқдори ҷойҳои корӣ мусодат намояд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки дар давраи гузариш ба иқтисоди «сабз» мумкин аст, ки хавфҳо дар бозори меҳнат ба вуқӯъ оянд. Чунин хавфҳо асосан бо ивазкунии ҷои корӣ, тағйирёбии малака ва салоҳият, ки аз кормандон дар давраи гузариш ба иқтисоди «сабз» талаб карда мешаванд, алоқаманд мебошанд. Тахмин меравад, ки вазъияти мазкур метавонад ба зиёдшавии бекорӣ, камшавии сатҳи даромади аҳолӣ ва, умуман, ба шиддатёбии номутаносибӣ дар соҳаи шуғли қувваи корӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, ҷанбаҳои рушди шуғли “сабзро” баррасӣ карда, ба таври мухтасар натиҷаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1) шуғли «сабз» - шакли шуғлест, ки на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ иборат мебошад. Инчунин аз рӯи самтҳои имконияти ташаккули иқтисоди сабз аз лиҳози “иқтисодӣ”, “иҷтимоӣ”, “экологӣ” ва “технологӣ” ба корманд имконият медиҳад, ки манфиати шахсии худро татбиқ намояд, навовариҳои илму техникӣ ва технологияи муосирро баҳри ҳифзи муҳити зист ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ амалӣ намояд, барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат ва музди кори муносиб муваффақ шавад, ба такрористеҳсоли муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он мусоидат намояд.

2) Дар ташкилотҳои байналмилалии мамлакатҳои Ғарб зери мафҳуми шуғли «сабз» асосан гузаронидани фаъолияти меҳнатӣ ё касбҳои мушаххаси кормандон оид ба ҳифзи табиат, технологияи экологӣ ва истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, обтаъминкунӣ ва назорати партовҳои обӣ, танзими партовҳо, биологӣ, геологӣ ва метеорологӣ ва ғайра, инчунин барои арзёбии миқдории шуғли «сабз» ташкили ҳисобгирии омории ҷойҳои кории «сабз» дар назар дошта шудааст.

3) Мафҳуми ҷойҳои кории «сабз» бо истифодаи технологияи холиси экологӣ, истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва бунёди маҳсулоти холиси экологӣ, инчунин хизматрасонии истеҳсолоти «сабз», яъне ҷойҳои кории «сабзро», ки аз ҳам аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ва ҳам раванди истеҳсолот муайян карда мешаванд, алоқаманд мебошад. Критерияҳо, ки ҷойҳои кории сабзро муайян менамоянд, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва технологӣ мебошанд.

4) Рушди технологияи иқтисоди «сабз» метавонад ба афзоиши талабот ба касбҳое, ки дар раванди гузариш ба экологизатсияи истеҳсолот ба вуҷуд меоянд, инчунин ба касбҳое, ки то ҳол вуҷуд доранд, вале то талаботҳои нави ҷойҳои кории «сабз» сайқал дода мешаванд, мусоидат менамояд. Хусусан, ҳангоми пайдоиши самтҳои нави сиёсати экологӣ шуғли мутахассисони касбҳои менеҷерҳо, муҳандисон, ҳуқуқшиносон, аудиторон меафзоянд. Барои ширкатҳои муосир, ки технологияҳои иқтисоди «сабз» истеҳсол менамоянд, зарурият ба чунин ихтисосҳои касбӣ - коршиносон доир ба пайваст намудани панелҳои офтобӣ, фурӯшандагон, маркетологҳо ва ва дигар ҳайати кормандон пайдо мегардад. Бинобар он ҳадафмандгирии истеҳсолот ба типи экологӣ имкониятҳо ба рушди шуғли «сабз»-ро зиёд мегардонад.

5) Дар сохтори шуғл дар баробари тағйиротҳои миқдорӣ инчунин тағйротҳои сифатии шуғли аҳолӣ низ ташаккул меёбанд. Дар ҷойҳои кории «сабз» аз кормандон сатҳи баланди маълумот, таҷрибаи корӣ ва омодагии баландихтисоси касбӣ дар муқоиса бо шахсоне ки дар ҷойҳои кории “қаҳваранг” (анъанавӣ) фаъолият меҳнатӣ мегузаронанд, талаб карда мешаванд. Барои аксарияти кормандон, ки дар иқтисоди «сабз» фаъолият мегузаронанд, иловатан лозим ба миён меояд, ки мувофиқасозии малака ва салоҳияти худро бо талаботи технология ва равандҳои истеҳсолии иқтисоди «сабз» ба роҳ монанд. Пайдоиши касбҳои нав зарурияти ташаккулёбии қатъии самтҳои нави таҷрибаи касбӣ ва донишҳоро талаб менамояд, ки ба зарурияти такмилдиҳии низоми маълумот ва пешниҳоди имконият барои таълими минбаъда дар давоми ҳаёт диққати асосӣ дода шавад.

6) Айни замон, ки низоми оморӣ дар самти бозори меҳнат доир ба шуғли «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мукаммал ташкил карда нашудааст, метавон дар солҳои 2023-2037 таҳти омӯзиши амиқ таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар хусуси амалияи баҳисобгирии омории шуғли «сабз» ва ҷойҳои кории «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

## АДАБИЁТ


1. Войкина Е. В., Потравный И. М. Зеленая занятость и рынок труда при формировании экологически ориентированной экономики // Вестник Санкт Петербургского университета. Экономика. – СПб, 2018. - Т. 34. Вып. 2. - С. 217 - 240

2. Джандарова Л. Х. Развитие рынка рабочей силы в условиях зеленой экономики // Научно - практический журнал. Индустриальная экономика. – М., 2022. - №6. С. 64 - 69

3. Методология количественной оценки занятости в экономике замкнутого цикла. La Defence Gedex, France: WG “Scopes – Gircular economy”; 2017. 53 p.

4. Ненастьев Н. А., Яшалова Н. Н. «Зеленная» занятость: сущность и генезис понятия // Вестник университета. – М., 2023. - № 5. - С. 96 - 103.

5. Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 // Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022.



***Маълумот дар бораи муаллиф: Солиев Назар Норович*** *– номзади илмҳои иқтисод, мудири шуъбаи рушди хизматрасониҳои байналмиллалию дохилии муассисаи давлатии Пажӯишгоҳи илмию-таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 14а.*

***E-mail:*** *navruz-1992@mail.ru.*

***Тел:*** *+992 20110109.*

***Информация об авторе: Солиев Назар Норович –*** *кандидат экономических наук, начальник отдела развития международных и внутренних услуг государственного учреждения экономического научно-исследовательского института Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан,*

***Адрес:*** *734002, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 14а.*

***E-mail:*** *navruz-1992@mail.ru.*

***Тел:*** *+992 20110109.*

***Information about the author: Soliev Nazar Norovich -*** *candidate of economic sciences, head of the department of development of international and domestic services of the state institution of the economic scientific and research institute of the Ministry of economic development and trade of the Republic of Tajikistan,*

***Address:*** *734002, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, 14a, Ayni Street.*

***E-mail:*** *navruz-1992@mail.ru.*

***Тел:*** *+992 20110109.*

**УДК:** 338.22+338.24 (575.3)

# МУҲИТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНАИ ТАЪСИРРАСОНАНДАИ КОРХОНА БА ПРИНСИПИ ҶОЙГИРСОЗИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Курбанмурадова О.М., Пирназарзода Д.М.**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур саволҳои муҳити дохилӣ ва берунаи таъсиррасонандаи корхона ба принсипи ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ баррасӣ мешавад. Дар навбати аввал хусусиятҳои корхонаҳои хурду миёна дода шуда, дар асоси он омилҳои берунӣ ва дохилии ба фаъолияти онҳо таъсиркунанда муайян карда шудаанд. Бо ёрии расм сохтори корхонаҳои саноат ва муҳити фаъолияти онҳо нишон дода шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқоти гузаронидашудаи муҳити дохилӣ ва беруна, хусусиятҳои умумии корхонаҳои саноатӣ нисбати дигар корхонаи соҳавӣ пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** корхонаҳои хурду миёна, корхонаҳои саноатӣ, муҳити берунӣ ва дохилӣ, таснифот, таҳлил, хусусиятҳо, принсипҳо

# ВНУТРЕННЯЯ И ВНЕШНЯЯ СРЕДА, ВЛИЯЮЩАЯ НА ПРЕДПРИЯТИЯ ПО ПРИНЦИПУ РАСПОЛОЖЕНИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Аннотация.** В данной статье рассмотрены вопросы внутренней и внешней среды, влияющие на деятельность предприятия по принципу размещения промышленных предприятий. Прежде всего, дается характеристика малых и средних предприятий и на основе этого определяются внешние и внутренние факторы, влияющие на их деятельность. С помощью рисунка показана структура промышленных предприятий и среда их деятельности. Также на основе исследований внутренней и внешней среды представлены общие характеристики промышленных предприятий по отношению к другим промышленным предприятиям.

**Ключевые слова:** малые и средние предприятия, промышленные предприятия, внешняя и внутренняя среда, классификация, анализ, характеристики, принципы.

# INTERNAL AND EXTERNAL ENVIRONMENT AFFECTING ENTERPRISES BY THE PRINCIPLE OF LOCATION OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Kurbanmuradova O.M., Pirnazarzoda D.M.**

**Annotation.** This article discusses issues of the internal and external environment that affect the activities of an enterprise based on the principle of locating industrial enterprises. First of all, the characteristics of small and medium-sized enterprises are given and, on the basis of this, external and internal factors influencing their activities are determined. The figure shows the structure of industrial enterprises and the environment of their activities. Also, based on studies of the internal and external environment, the general characteristics of industrial enterprises in relation to other industrial enterprises are presented.

**Key words:** small and medium-sized enterprises, industrial enterprises, external and internal environment, classification, analysis, characteristics, principles.

Муҳимияти корхонаҳои саноатӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ на танҳо дар амалия, инчунин дар назария низ қайд мегардад. Чунончи, Т. Низомова ба он андеша аст, ки «яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқ саноат ба шумор меравад. Дар ин соҳа олоти меҳнат, қисми асосии истеҳсолот ва предметҳои истеъмолӣ истеҳсол карда мешавад. Саноат барои дигар соҳаҳои хоҷагии халқ заминаи аз нав таҷҳизонидани истеҳсолот мебошад. Звенои асосии саноат корхона мебошад. Корхона ин коллективӣ кормандон мебошад, ки барои истеҳсоли маҳсулот ё хизматҳои муайян ташкил карда шудааст, дорои захираҳои моддӣ, техникӣ ва молиявӣ мебошад, ҳуқуқи шахси юридикиро дорад ва дар асоси худкифоӣ кор мекунад» [7, с.5].

Андешаи ба ин монандро инчунин С. Комилов пешниҳод менамояд. Аз нигоҳи ӯ «корхонаи истеҳсолӣ воҳиди махсусгардонидашудае мебошад, ки асоси онро коллективи меҳнатии касбӣ ташкил дода, бо истифода аз воситаҳои истеҳсолот мол ва маҳсулоти барои истеъмолгарон заруриро тайёр менамояд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «корхона» ҳамчун субъекти мустақили хоҷагидорӣ баромад менамояд, ки барои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ бо мақсади қонеъ кардани талаботи ҷомеа ва гирифтани фоида фаъолият мекунад» [6, с.7-35].

Тибқи мафҳумҳои додашудаи корхона, таснифи зерини корхонаҳои хурд ва миёнаро пешниҳод мекунем (ҷадвали 3), ки чунин ҳадафҳоро пайгирӣ менамоянд: а) фаъолгардонии бозсозии сохтории иқтисодиёт; б) ғанигардонии бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот; в) бартарафсозии монополизми соҳавӣ ва минтақавӣ; г) васеъгардонии рақобат; ғ) ба вуҷуд овардани заминаҳои моддӣ барои бо кор таъминшавии кормандони аз корхонаҳои амалкунанда озодшаванда; д) рушди деҳаҳо ва шаҳрҳои на он қадар калон; е) эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ва бадеӣ.

Ҳамагуна корхона, аз ҷумла фаъолияти онҳо низоми кушода ба шумор меравад. Корхонаҳо дар раванди ба даст овардани ашёи хом, корҳои лоиҳакашӣ, истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасонӣ, ба фурӯш баровардани ин маҳсулот ва хизматрасонӣ, бо муҳити дохилӣ ва беруна фаъолона ҳамкорӣ менамоянд, ки ин ҳамкорӣ дар раванди соҳибкорӣ, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои корхона нигаронида шудааст, зоҳир мегардад.

Мазмуни омилҳои таъсиррасонандаи дохилӣ ва берунаи корхона, таносуби байниҳамдигарии онҳо ва таъсири ин омилҳоро ба фаъолияти корхона баррасӣ мекунем [3].

Муҳити дохилӣ аз рӯи омилҳои зерин таҳлил карда мешавад: сиёсати кадрии корхона ва иқтидори зеҳнии онҳо, касбу ихтисос ва малакаи кормандон, сохтори ташкилӣ; таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳо; молияи ширкат; маркетинг; фарҳанги ташкилӣ.

Иқтидори кадрии муҳити дохилии корхона равандҳои зеринро дарбар мегирад: ҳамкории мутақобилаи мененҷерҳо бо кормандон, пешрафт дар фаъолияти хизматӣ, ҳавасмандгардонии кормандон.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодӣ, бахусус муносибатҳои тиҷоратӣ хислати ноустуворро дошта, метавонанд дар ҳар лаҳза тағйир ёфта, ба раванди мӯътадили истеҳсолоти маҳсулот таъсири манфӣ расонанд. Ба сифати мисоли равшани зудтағйирёбандагии муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бӯҳрони молиявии соли 2009 баромад карда метавонад. Аксари субъектони хоҷагидорӣ бинобар сабаби ба талаботи пешниҳодшаванда ҷавобгӯ набудани сиёсати кадрӣ ва иқтидори онҳо, натавонистанд истодагарии худро таъмин намуда, пешрафтро ноил гарданд. Вобаста ба ин, корхонаҳоро зарур аст, ки сиёсати кадрӣ ва иқтидори онҳоро дар ҳар як муддати муайян таҷдиди назар карда, болоравӣ ва такмили онҳоро таъмин намоянд.

**Ҷадвали 3.**

**Таснифи корхонаҳои хурд ва миёна**

| Таснифи корхонаҳои хурд ва миёна | Намудҳо ва шаклҳои таснифи корхонаҳои хурд ва миёна |
|---|---|
| Вобаста ба нишонаҳои соҳавӣ ва намуди фаъолияти хоҷагидорӣ | - истеҳсолӣ;<br>- саноатӣ;<br>- сохтмонӣ;<br>- тиҷоратӣ;<br>- илмӣ-истеҳсолӣ ва ғ. |
| Вобаста ба шакли моликият | - давлатӣ;<br>- рафоқат;<br>- инфиродӣ;<br>- муштарак. |
| Вобаста ба хислати режими ҳуқуқии моликият | - инфиродӣ;<br>- коллективӣ;<br>- бо моликияти умумии ҳиссавӣ;<br>- бо моликияти умумии якҷоя. |
| Вобаста ба омилҳои афзалиятноки истеҳсолӣ | - меҳнатталаб;<br>- сармояталаб;<br>- масолеҳталаб. |
| Вобаста ба мансубияти сармоя ва назорат аз болои он | - миллӣ;<br>- хориҷӣ;<br>- омехта. |
| Вобаста ба ҳудуди ҷавобгарӣ | - бо ҷавобгарии пурра;<br>- бо ҷавобгарии маҳдуд. |
| Вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолияти корхона | - рафоқати пурра;<br>- рафоқати ба боварӣ асосёфта;<br>- ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;<br>- ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ;<br>- ҷамъияти саҳомӣ;<br>- кооперативи истеҳсолӣ;<br>- корхонаи воҳиди давлатӣ. |
| Вобаста ба намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда | - корхона оид ба истеҳсоли мол;<br>- корхона оид ба расонидани хизмат. |

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод шудааст

Мененҷерҳо ва маркетологҳои баландихтисос, ки ба кор ҷалб гардиданд, метавонанд дар асоси омӯзиши раванди муносибатҳои иқтисодӣ ва бозори фурӯш, тағйирёбии муносибатҳои тиҷоратироояндабинӣ намуда, роҳҳои баромадан аз қазияро пешниҳод намоянд. Боиси инкор нест, ки ба кор ҷалб гардидани мутахассисони баландихтисос кайфияти гаронарзиш буда, сармоягузории назаррасро талаб менамояд. На ҳамаи корхонаҳои фаъолияткунанда метавонанд нисбати худ чунин кайфиятро раво бинанд. Бинобар ин, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад барои кайфияти нисбатан арзон шароит фароҳам орад. Донишҷӯ дар раванди таҳсил, баробари таълим фаъолияти касбиро ба амал бароварда, маҳораташро сайқал медиҳад. Имконияти дар истеҳсолот гузаронидани таҷрибаҳои гуногунро пайдо менамояд. Гирифтани музди меҳнат ҳавасмандии онро дучанд гардонида, барои ба истеҳсолот тайёр кардани мутахассиси соҳибмалака замина фароҳам меорад.

Бо ин мақсад мумкин аст ҳамчунин аз иқтидори паркҳои технологие, ки дар назди муас-

сисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамоянд, ба таври васеъ истифода бурда шавад. Паркҳои технологӣ дар саргаҳи амалия ва назария қайрр дошта, пайвандгари ин ду раванд ба шумор меравад. Сармоягузорӣ шудани фаъолияти чунин паркҳо имконият медиҳад, ки барои истеҳсолот навъҳои гуногуни маҳсулот пешниҳод карда шавад. Чунин раванди ташкили сармоягузорӣ бахусус барои корхонаҳое, ки дар назди худ хоҷагии ёрирасон доранд, аҳмияти калидӣ дорад. Масалан, бештари корхонаҳои саноати ширӣ барои кам кардани хароҷоти ниҳоӣ ва дастрасӣ ба ашёи хоми баландсифат, хоҷагиҳои фермерӣ таъсис медиҳанд. Ин корхонаҳо ба ҳамон зотҳои чорвои калони шохдор ҳавасманд мебошанд, ки маҳсулнокии баланд доранд. Ҳамкории чунин корхонаҳо бо паркҳои технологӣ ва сармоягузорӣ шудани фаъолияти онҳо, имконият медиҳад, ки дар доираи таҳқиқоти илмӣ зотҳои сермаҳсули чорвои калони шохдор ба вуҷуд овардашуда, ба даст оварда шудани фоидаи калон кафолатнок карда шавад. Корхона имконият дорад ингуна чорворо на танҳо барои эҳтиёҷоти худ истифода намояд, ҳамчун бо фурӯши онҳо даромади худро боло барад.

Иқтидори ташкилӣ тақсимоти ҳуқуқҳо ва масъулият, иерархияи тобеъиятро дарбар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки сиёсати кадрӣ ва иқтидори онҳо танҳо бо сармоягузорӣ ба ин раванд алоқаманд набуда, аз корхона ҳамчун корфармо талаб менамояд, ки сиёсати дурусти тақсими ҳуқуқу ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва ҷобаҷогузории самараноки кадрҳоро ба роҳ монад. Аз самаранокии тақсимоти ҳуқуқу ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо, масъулиятнокии кормандон вобастагии ногусастанӣ дошта, раванди мӯътадили муносибатҳои меҳнатию истеҳсолиро ба вуҷуд меорад. Баробари ин, нисбати корхона-корфармо талаб кардани ҳисобот оид ба фаъолияти меҳнатӣ осон гардида, метавонад ҳамкориро бо шахси масъул ба роҳ монад.

Иқтидори истеҳсолӣ бошад истеҳсоли молу маҳсулот, ба амал баровардани таҳқиқот ва коркард, ҷорӣ намудани технологияҳои навро баррасӣ менамояд. Вобаста ба ин, соҳибкории истеҳсолӣ соҳаи серхароҷот ба шумор рафта, дар давраи аввали фаъолият ҷой доштани сармояи зиёдро талаб менамояд. Ҷой доштани сармояи зиёд ҳанӯз кафолати ташкили самараноки раванди истеҳсолӣ ба шумор намеравад. Муносибатҳои тиҷоратӣ ва ворид шудани фармоиши зиёд бобати истеҳсоли маҳсулот, метавонад ниёзи корхонаро ба қарзҳои бонкӣ ба миён орад. Аз тарафи дигар ӯҳдадориҳои андозӣ метавонанд дар лаҳзаҳои ҳалкунанда ба вазъи молиявии корхона таъсири манфӣ расонанд. Муассисаҳои бонкӣ бо сиёсати пулию қарзии худ на ҳама вақт ба талаботи соҳибкории истеҳсолӣ «ҷавобгӯ» мебошанд. Бинобар ин, субъектони соҳибкории истеҳсолӣ ба сарчашмаҳои молиявие эҳтиёҷ пайдо менамоянд, ки бо имтиёзҳои назаррас пешниҳод карда мешаванд. Бо ин назардошт, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ бонк таъсис диҳад. Инчунин зарур дониста шуд, ки барои фаъолияти самарабахши қарздиҳии ин бонк ҷудо кардани маблағ аз буҷети давлат ҳамасола зиёд карда шавад [1, с. 6-11].

Бо таъсис дода шудани ин бонк, он чиз муҳим дониста мешавад, ки сиёсати пулию қарзии он бояд давраи имтиёзиро бо назардошти қарзи ҷудошаванда на камтар аз як солу шаш моҳ дарбар гирад. Субъектони соҳибкории истеҳсолӣ дар ин марҳила имконияти пардохтпазириро пайдо карда, дар ҳамон як вақт пешрафти худро кафолатнок менамоянд.

Иқтидори молиявӣ бо таъмини истифодаи самаранок ва гардиши воситаҳои пулӣ дар ташкилот алоқаманд мебошад. Розӣ бояд шуд, ки зери мафҳуми идоракунии хароҷоти корхона раванди бо вақт маҳдуднашудаи маҷмӯи таъсиррасоние фаҳмида мешавад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бо мақсади дар сатҳи қобили қабул нигоҳ доштани он ба амал бароварда мешавад [10, с. 133]. Назорат аз болои ин раванд ӯҳдадории аввалиндараҷаи роҳбари

корхона буда, дар дасти ӯ бояд маълумоти пурра дар бораи тамоми хароҷоти корхона қарор дошта бошад. Дар ҳолати акс, болоравии хароҷот ва муфлисшавии субъекти соҳибкории истеҳсолӣ истисно карда намешавад [4, с.13]. Усули муҳими самаранокии идоракунии хароҷоти корхона ва бо ин таъмин кардани гардиши мақсадноки воситаҳои молиявӣ банақшагирии хароҷоти корхона ба шумор меравад [5]. Вобаста ба ин, роҳбари корхонаро зарур аст, ки ҳамагуна хароҷоти корхонаро ба нақша гирифта, сарфаи онро дар асоси нақша таъмин намояд.

Ба иқтидори маркетингӣ равандҳои алоқаманд ба фурӯши молу маҳсулот (стратегияи гардиши молу маҳсулот дар бозор, интихоби бозори фурӯш ва низоми тақсими он) дохил мешаванд. Лекин, дар раванди таҳлили муҳити дохилӣ (расми 2) бояд фарҳанги ташкилӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода шавад, ки вай метавонад мавқеи ташкилотро дар муборизаи рақобатнокӣ пурзӯр намуда, хатари пастравии имконияти ташкилотро дар мавриди номукаммалӣ ва номутобиқатӣ ба стратегияи интихобшуда бартараф намояд.

Яке аз усулҳои бештар паҳн шуда ва эътирофгардида, ки барои гузаронидани омӯзиши муҳити дохилӣ ва берунӣ имконият медиҳад, усули SWOT (қувва, заифӣ, имконият ва таҳдидҳо) ба шумор меравад, ки дар доираи он таҳлили ҷанбаҳои устувор ва заифи ширкат, арзёбии имконияти он ва хатарҳои эҳтимолӣ гузаронида мешавад.

Барои он ки ташкилот устувории худро дарояндаи дарозмӯҳлат нигоҳ дошта тавонад, роҳбари он бояд имкониятҳои эҳтимолии пайдошаванда ва мушкилоти ба рушди ташкилот монеъашавандароояндабинӣ намояд. Лекин, дар навбати аввал зарур аст, ки ҷанбаҳои усту-вор ва заифи қисмҳои алоҳидаи ташкилот дар маҷмӯъ муайян карда шавад [11].

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, мазмун ва моҳияти омилҳои калидии муҳити дохилии корхонаро баррасӣ менамоем.

Омилҳои истеҳсолӣ-техникӣ маҷмӯи машинаҳо, дастгоҳҳо, таҷҳизот, механизмҳо, ашёи хом, масолеҳ, ашёи нимтайёр, технологияи истеҳсоли молу маҳсулотро дарбар мегирад.

Дастовардҳои корхона - миқдор ва сифати молу маҳсулоти истеҳсолшаванда, сатҳи фоиданокӣ ва андозаи даромад аз бисёр ҷиҳат аз таркиби машинаву дастгоҳҳо, таҷҳизот ва механизмҳо, самаранокии онҳо, сатҳи хӯрдашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ, интенсивнокии исти-фодабарӣ, технология ва сифати хизматрасонӣ алоқаманд аст.

Таъсири назаррасро ба нишондаҳандаҳои мазкур инчунин таркиб ва сифати ашёи хом ва масолеҳи истифодашаванда, ашёи нимтайёр мерасонанд. Дар омилҳои муҳити дохилии корхона нақши калидӣ ва таъсиррасонандаро технологияҳои дар раванди истеҳсолот истифодашаванда мебозанд.

Дар шароити муосир, ки аксар корхонаҳо дар раванди истеҳсолот аз технологияҳои нав ба таври васеъ истифода менамоянд, аҳмияти ин нақш бамаротиб назаррас мегардад. Технологияҳои дар корхона истифодашаванда ба омилҳои муҳити дохилӣ таъсир расонида, бо ҳам дар робитаи мутақобила қарор доранд. Дар ин ҳолат кормандони корхона, касбу ихтисоси он-о, сатҳи таҳсилоти кормандон, усули ҳавасмангардонии меҳнат, фарҳанги рафтор дар назар дошта шудааст. Бинобар ин, барои муҳити дохилии корхона омилҳои иҷтимоӣ низ аҳмияти муҳим дошта метавонанд, ки ба онҳо тамоми маҷмӯи мураккаби муносибатҳои байниҳамди-гарии одамони дар корхона фаъолияткунанда дохил мешаванд. Натиҷаи фаъолияти корхона аз бисёр ҷиҳат аз қобилияти кормандон, муносибати онҳо ба меҳнат, ҳавасмандгардонӣ, ама-лу рафтори онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин ҷо, тасодуфӣ нест, ки дар мамлакатҳои пешрафта ба масъалаи интихоби кадрҳо, ҷобаҷогузории онҳо дар корхона, такмили ихтисоси кормандон, ба вуҷуд овардани низоми мушаххас ва соддаи пешрафт дар фаъолияти меҳнатӣ диққати мах-сус дода мешавад.



Робитаҳои устувори ҳамаи иштирокчиёни истеҳсолоти саноатӣ ва муносибат бо муҳити беруна
М У Ҳ И Т И
Идоракунӣ аз рӯи занчир:
"ашёи хом, захираҳо ва мавод барои истеҳсолоти саноатӣ - истеҳсолоти
Таъкид кардани рӯйхати корхонаҳо ва имкониятҳои онҳо
Ҳамоҳангсозии сиёсати истеҳсолӣ ва фурӯш
МУҲИТИ ДОХИЛӢ
КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА МУҲИТИ ОНҲО
Ассотсиатсияҳои корхонаҳои саноатӣ
Гузариш ба низоми мутамаркази идоракунии истеҳсолот
Таъсиси корхонаи нави саноатӣ
Бознигарии равандҳои тиҷоратӣ дар корхонаҳои саноатӣ
Бунёди нерӯи рақобатпазир
Стандартҳои байналмилалӣ
Ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосии такмилёфта
В А О М И Л
Ҷамъоварии захираҳо дар сохтори умумии идоракунӣ

Солҳои охир ба ташаккули фарҳанги ташкилӣ низ диққати хоса зоҳир карда мешавад. Фарҳанги ташкилии баланд ба корхона имконият медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назди он гузошташуда ноил гардад. Аҳмияти муҳимро этикаи касбии кормандон пайдо менамояд, ки дар худ махсусиятҳои шуури ахлоқӣ, амалу рафтор ва муносибатҳои байниҳамдигарии одамонро ифода карда, бо хусусиятҳои фаъолияти касбӣ шартнок карда мешавад.

Дар низоми омилҳои муҳити дохилии корхона мавқеи муҳимро омили иттилоотӣ - маҷмӯи воситаҳои ташкилӣ-техникии бо иттилооти зарурӣ таъминкунанда ишғол менамояд, ки барои коммуникатсияи самаранок дар идоракунии корхона нигаронида шудааст.

Бо пайдоиш ва инкишофи шабакаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла интернет, муваффақияти корхона бо дараҷаи истифодаи технологияҳои иттилоотии истифодашаванда муайян карда мешавад. Таъиноти асосии технологияҳои иттилоотии истифодашаванда - то ба ҳадди имкон наздик кардани ҳайати идоракунандаи корхона ба иҷрои функсияи асосӣ қабули қарор зоҳир мегардад. Технологияҳои иттилоотӣ кормандонро аз амалиёти заҳматталаби омодасозии иттилоот барои қабули қарор ва таҳияи тавсияҳои дахлдор озод менамояд.

Баробари ин, технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла интернет имконият медиҳанд, ки маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда ба таври васеъ муаррифӣ карда шуда, бозорҳои гуногуни фурӯш пайдо карда шавад. Аз ин ҷо, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 26 декабри соли 2019 ба ин нукта махсус ишора гардида, қайд карда шуд, ки «яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар пешбурди содирот муаррифӣ нагардидани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва иштироки нокифоя дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ мебошад ва аз масъулон, аз ҷумла Палатаи савдо ва саноат тақозо менамояд, ки дар ин самт корро ҷоннок намоянд. Бо ин мақсад ва ҷиҳати дастрасӣ ба маълумот оид ба номгӯйи маҳсулоти содиротӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунанда зарур аст, ки портали савдои Тоҷикистон такмил дода шуда, корхонаҳои саноатӣ барои муаррифии маҳсулот ва пайдо намудани шариконий хориҷӣ сомонаҳои интернетии худро таъсис диҳанд» [1, с. 6-11].

Дар байни омилҳои муҳити дохилии корхона, аҳмияти муҳимро инчунин маркетинг касб кардааст. Маркетинг қонеъгардии талаботи истеъ-молкунандагонро нисбат ба молу маҳсулот, кор ва хизматрасонии корхона бо роҳи омӯзиши бозор, ташкили рекламаи самаранок ва низоми фурӯш пешбинӣ менамояд. Ин падида инчунин таъсири фаъолро ба бозор, талаботи мавҷударо бо мақсади афзун намудани ҳиссаи корхона дар бозор ва болоравии даромаднокии фурӯш дар назар дорад.

Таркиби охирини омилҳои муҳити дохилии корхона - муносибатҳои корӣ ва амалу рафтори кормандон ба шумор меравад, ки бо шартҳои иҷтимоӣ ва идоракунии онҳо алоқаманд карда мешаванд. Лекин, мо инро бо назардошти мубрамият ва омӯзиши ғайрикофӣ, ба низоми алоҳидаи омилҳои муҳити дохилии корхона ҷудо кардем.

Дар ҳақиқат аксар корхонаҳо ҳиссаи назаррас ва муваффақиятро бинобар сабаби ташаккул наёфтани муносибатҳои корӣ ва амалу рафтори кормандон аз даст медиҳанд. Дар раванди муносибатҳои корӣ якчанд марҳилаҳоро фарқ менамоянд: барқарор кардани муколама, таҳлили ҳолат, муҳокимаи масъала ва мушкилот, қабули қарор, баромадан аз муколама.

Характеристикаи муҳити дохилиро таҳлил намуда, муҳити берунаро мушаххас тасвир менамоем, ки мустақиман самаранокӣ ва ҳадафнокии кори корхона - пеш аз ҳама истеъмолкунандагони молу маҳсулоти корхона, таҳвилдиҳандагони қисматҳои истеҳсолӣ, ҳамчунин мақомоти давлатӣ ва аҳолии дар атрофи корхона истиқоматкунандаро муайян менамояд. Аҳолие, ки ба манфиат ва иштироки онҳо корхона бунёд карда мешавад - омили асосии муҳити беруна ба шумор меравад. Аҳолӣ инчунин истеъмолкунандаи асосӣ ва таъминкунандаи қув-

ваи корӣ мебошад. Ба ҷумлаи таъминкунандаи корхона ҳамчунин муассисаҳои кредитӣ – бонкҳо ҳамчун пешниҳодкунандагони захираҳои пулӣ, ташкилоти илмӣ ва лоиҳакашӣ, ки барои корхона иттилооти зарурии илмию техникӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро омода менамоянд, дохил мешаванд. Ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти корхона ба заминаҳои ҳуқуқӣ такя менамояд. Амалисозӣ ва назорат аз болои иҷрои қонунҳо ба зиммаи ҳукумат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар асоси муайян намудани муҳити дохилӣ ва берунаи корхона, принсипҳо ва омилҳои таъсиррасонии онҳоро ба ҷойгирсозии саноат ошкор месозем. Зеро дар асоси муайян кардани таъиноти соҳавии истеҳсолоти саноатии корхона мумкин аст принсипи ҳудудии ҷойгирсозӣ ва ташкили корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шавад. Масалан, ташаккули консепсияи назарияи ҷойгирсозии корхонаҳои саноатиро бо номи В. Лаунхард (соли 1882) алоқаманд менамоянд, ки ҷойгирсозии мақсадноки корхонаҳои алоҳидаи саноатиро дар таносуб бо сарчашмаи ашёи хом ва бозори фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда таҳқиқ карда буд [2].

Саҳми назаррасро дар назарияи ҷойгирсозии истеҳсолот, ҳамчунин иқтисодчии немис А. Вебер гузоштааст. Ӯ дар асари худ «Роҷеъ ба ҷойгирсозии саноат: назарияи софи штандорт», ки соли 1909 нашр гардида буд, ба назарияи таҳлилӣ иловатан ба хароҷоти нақлиётӣ омилҳои нави ҷойгирсозии истеҳсолотро бо гузоштани вазифаҳои умумии нисбатан қобили қабул зам менамояд [2].

А. Вебер таснифи пурраи омилҳои ҷойгирсозии истеҳсолотро бо на-зардошти таъсиррасонӣ, дараҷаи умумият ва зоҳиршавӣ коркард карда буд. Вай ба сифати омили асосии ҷойгирсозӣ манфиати иқтисодиро номбар менамояд, ки нисбати фаъолияти хоҷагидорӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ пайдо мегардид. Манфиати мазкур дар кам кардани хароҷот оид ба истеҳсолот ва фурӯши моли муайяни саноатӣ зоҳир гардида, имконияти интихоби мавқеи қобили қабули тайёркунии маҳсулотро бо хароҷоти нисбатан ками истеҳсолӣ ифода менамояд.

А. Вебер се гурӯҳи омилҳои штандортиро таҳлил мекунад: нақлиёт, қувваи корӣ ва шартҳои дигари ба ҷойгирсозии корхона таъсиррасонанда, ки аз ҷониби ӯ ба мафҳуми «самараи агломератсионӣ» синтез карда мешуд (таъсиррасонии муштараки онҳо ба интихоби мавқеи ҷойгирсозӣ).

В. Кристаллер назарияро дар бораи функсияҳо ва ҷойгирсозии низоми мавзеҳои аҳолинишин (мавзеи марказӣ) дар муҳити бозорӣ таҳия карда буд. Муқаррароти асосии он соли 1933 дар китоби «Мавзеи марказӣ дар Германияи ҷанубӣ» интишор гардидааст [8]. Муаллиф аз шарти ҷойгиршавии баробари аҳолӣ дар ҳудуди якхела бармеояд. Дар ин ҳолат ҳудуд ба шашкунҷаҳои дурусти минтақаи фурӯши маҳсулоти шаҳри марказӣ, ки ба он аҳолӣ барои харид меоянд, тақсим карда шудааст. Ҳангоми бо чунин тартиб ташкил кардани фурӯш, камшавии масофаи миёнаи сафари харидорон таъмин мегардид. Модели В. Кристаллер иерархияи мавзеҳои марказиро пешбинӣ мекард (хурд, миёна ва калон), ки тибқи он дифференсиатсияи функсияҳо вобаста ба марказҳои хизматрасонии андоза ва мартабаи гуногун ба вуқӯъ мепайваст.

Маҳсули асосии меҳнати олими немис А. Леш «Ташкили ҳудудии хоҷагӣ» соли 1940 интишор гардид. А. Леш аз андешаи В. Кристаллер дар канор шуда, ба хулосае меояд, ки ширкатҳо бояд дар қуллаи панҷараи кристаллерӣ ҷойгир шуда, ба харидорон дар ҳудуди шаш-кунҷаи дурусти «худ» хизмат расонанд. Ӯ аз микросатҳ (корхонаҳо ва мавзеҳои алоҳида) ба мушкилоти ташаккули ҳудудҳои иқтисодӣ гузашта, предмети назарияи ҷойгирсозиро васеъ менамояд [8].

А. Смит ва Д. Рикардо ҳудуди байналмилалии тақсимоти меҳнатро дар асоси тиҷорат таҳқиқ менамоянд. А. Смит назарияи бартарияти мутлақро пешниҳод менамояд, ки барандаи он мамлакатҳои алоҳидаи истеҳсолкунандаи ин ё он намуди маҳсулот мебошанд. Д. Рикардо ин назарияро бо бартарияти нисбӣ (муқоисавӣ) пурра менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки дар мавриди махсусгардонии мамлакатҳо дар ҳудуди байналмилалии тақсимоти меҳнат маҳз онҳо муҳим мебошанд.

Олимони шведӣ Э. Хекшер, Б. Олин дар минбаъда бо вориди таҳлил намудани таносуби омилҳои асосии ҳамдигаривазкунандаи истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин ва ғ.), назарияи А. Смит ва Д. Рикардоро мукаммал мегардонанд [9].

Баъзе норасоиҳо ва интерпретатсияи назарияи Хекшер-Олинро каме дертар В. Леонтев ислоҳ мекунад. Ӯ муқаррар менамояд, ки барои интихоби мақсадноки сохтори воридоту содироти мол, ба истисноИ хароҷоти мустақим дар соҳаи истеҳсолот, зарур аст, ки хароҷоти ғайримустақим - хароҷоти дар ашёи хом ва масолеҳи истеъмолшаванда марказонидашуда низ ба инобат гирифта шавад. В. Леонтев ин вазифаи таҳлилиро дар асоси усули тавозуни байнисоҳавӣ татбиқ менамояд, ки дар ин маврид яке аз самтҳои марказии таҳлил усули «хароҷот-истеҳсолот» - иникоскунандаи андешаҳои баробарӣ дар байни захираҳои накдӣ ва истифодабарии онҳо ба шумор меравад [2].

Шинохти бештарро назарияи «қутби рушд»-и иқтисодчии француз Ф. Перру пайдо намуд, ки аз бисёр ҷиҳат бо назарияи маҷмӯи истеҳсолӣ-ҳудудии (сикли энергетикӣ-истеҳсолӣ) Н.Н. Колосовский алоқаманд буд. Дар заминаи назария тасаввурот дар бораи нақши пешбаранда дар сохтори иқтисодиёти соҳаҳои пешрафта, ки молу маҳсулот ва хизмтрасонии навро меофаранд, нуҳуфтааст. Марказҳо ва воқеияти ҳудуди иқтисодӣ, ки дар он ҷо корхонаҳои соҳаҳои пешрафта ҷойгир гардидаанд, ба қутби ҷозибаи омилҳои истеҳсолӣ табдил меёбанд, зеро онҳо истифодаи нисбатан самаранокро таъмин мекунанд. Аз ин ҷо марказонидашавии ҳудудии корхонаҳо, ки ташаккули қутби рушди иқтисодиро хусусиятнок менамоянд, рӯи кор меояд [2].

Саҳми назаррасро дар ташаккули андешаҳои Ф. Перру Х. Ласуэн ва Д. Дарвент гузоштаанд, ки Х. Ласуэн раванди шаҳришавиро дар асоси қутби рушд ва диффузияи навоварӣ таҳлил кардааст. Д. Дарвент бошад таснифоти қутби рушдро коркард намуда, гузаришро ба омӯзиши марказҳо ва соҳаҳои мушаххас пешниҳод менамояд.

Дар замони муосир ҷойгирсозии соҳаҳои гуногуни саноатӣ тавассути маҷмӯи омилҳо муайян карда мешавад, ки онҳоро одатан принсипҳои (омилҳои) ҷойгирсозии саноати истеҳсолӣ ном мебаранд. Ба ҷумлаи омилҳои нисбатан муҳим дохил мешаванд:

***Ашёӣ***. Онро дар мавриди ҷойгирнамоии истеҳсолот ба инобат мегиранд, ки барои ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ миқдори зиёди ашёи хом, инчунин ҳамоне, ки вазни маҳсулоти тайёр назар ба вазни ашёи хоми аввалия камтар аст, зарур аст. Чунин истеҳсолот (соҳа)-ро масолеҳталаб ном мебаранд. Ба онҳо, масалан, саноати мошинсозии вазнин, истеҳсоли металҳои рангаи вазнин, саноати қанд, металлургияи сиёҳ, саноати нуриҳои калий ва ғ. дохил мешаванд.

***Истеъмолӣ***. Дар мавриди ҷойгирнамоии се гурӯҳи соҳаҳо (истеҳсолот) аҳмияти муҳим дорад:

- ҳамоне, ки вазни маҳсулоти омодашуда аз вазни ашёи хоми аввалия ба таври назаррас фарқ намекунад (саноати чарму пойафзол, трикотаж, дӯзандагӣ истеҳсолоти нуриҳои фосфорӣ ва ғ.);
- истеҳсоли маҳсулоти зудхӯрдашаванда (саноати нонпазӣ, қаннодӣ, ширӣ, гӯштӣ ва ғ.);

- амалисозандаи истеҳсоли маҳсулоти камнақлиётталабкунанда (ма-шинасозии вазнин ва кишоварзӣ, истеҳсоли мебел ва ғ.);

***Энергетикӣ***. Дар мавриди ҷойгирнамоии соҳаҳои истеъмолкунандаи қувваи зиёди барқ аҳмият дорад, ки онро одатан энергияталаб меноманд. Ба ҷумлаи онҳо электрометаллургия, истеҳсолоти металлҳои ранга, кимиёи синтези органикӣ ва ғ. шомил мешаванд.

***Сӯзишворӣ***. Ҳангоми рушди соҳаҳои истеъмолкунандаи миқдори зиёди сӯзишворӣ мавриди назар қарор дода мешавад. Мутобиқ ба ин, соҳаро сӯзишворӣ талабкунанда ном мебаранд. Мисоли ин соҳаҳоро металлургияи сиёҳ, нерӯи гармӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

***Обӣ***. Ҳангоми рушди соҳаҳои истеъмолкунандаи миқдори зиёди об мавриди назар қарор дода мешавад. Мутобиқ ба ин, соҳаро обталаб ном мебаранд Мисоли ин соҳаҳоро кимиёи синтези органикӣ, металлургияи сиёҳ, коркарди пашм (саноати шустушӯйи пашм) ва ғ. Ташкил медиҳанд.

***Меҳнатӣ***. Дар мавриди ҷойгирнамоии ду гурӯҳи соҳаҳо аҳмияти муҳим доранд:

- талабкунандаи хароҷоти зиёди меҳнат, ки мутобиқ ба ин, соҳаро меҳнатталаб ном мебаранд (нассоҷӣ, дӯзандагӣ, трикотажӣ, чарму пойафзол ва ғ.);

- ба таври назаррас аз мавҷудияти кормандони баландихтисос вобаста буда. Маҷмӯи соҳаҳои мазкур илмталаб номида мешаванд (саноати авиатсионӣ, саноати ҳастаӣ ва электронӣ, истеҳсоли техникаи ҳисоббарор, компютерҳо, воситаҳои алоқа ва ғ.).

***Нақлиётӣ***. Монанд ба соҳаҳои қаблӣ, дар мавриди ҷойгирнамоии ду гурӯҳи соҳаҳо ба инобат гирифта мешаванд:

- соҳаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои нақлиёти калонҳаҷм (локомотивҳо, вагонҳо, самосвалҳои дар конҳо коркунанда ва ғ.);

- соҳаҳо бо шабакаҳои нақлиётии суст рушдкарда ва ё рушд накарда (саноати хоҷагии ҷангал ва саноати кӯҳӣ).

Ҳамчун қоида, дар мавриди ташкили ҳудудии соҳаҳо ва ё истеҳсолоти алоҳида, якчанд принсипҳои ҷойгирсозӣ дар як вақт ба инобат гирифта мешаванд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашудаи муҳити дохилӣ ва беруна, инчунин ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ, мехостем бобати хусусиятҳои умумии корхонаҳои саноатӣ, ба тариқи нақшавӣ хулосабарорӣ намоем (расми 3.):

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои муқоисавии омилҳои муҳити дохилӣ ва берунии корхонаҳои саноатӣ, барои такмил додани механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳод карда мешавад:

❖ барои саривақт бо иттилооти ҳуқуқию иқтисодии дақиқ ва саҳеҳ таъмин намудани соҳибкории истеҳсолӣ, зарур дониста мешавад, ки дар мамлакат, дар заминаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳзани ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Ин маҳзан бояд тамоми иттилооти заруриро оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, навгониҳои қонунгузории соҳавӣ, чорабиниҳои баргузоршаванда дарбар гирад. Бо мақсади бартараф кардани мухолифат байни иттилооти тавассути сарчашмаҳои гуногуни расмӣ пешниҳодшаванда, тақсимоти чунин иттилоот дар байни субъектони салоҳиятдор аз аҳмият холӣ дониста намешавад. Масалан, пешниҳоди маълумот оид ба муҳити сармоягузорӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оид ба чорабиниҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ оид ба муаррифии маҳсулоти содиротии ватанӣ аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оид ба иқтидори истеҳсолӣ ва маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ХАРАКТЕРИСТИКАИ УМУМИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ**

- Сармоя дар корхонаҳои саноатӣ дар дасти соҳибмулки ба амал барорандаи назорат аз болои истифодаи он муттамарказ гардонида шудааст
- Ҳамкории мутақобилаи корхонаҳои саноатӣ бо муҳити беруна вобаста ба таъмини захира ва мубодилаи натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ба вуқӯъ мепайвандад.
- Корхонаҳои саноатӣ сохтори тиҷоратӣ ба шумор рафта, фаъолияти худро барои ба даст овардани фоида ва афзун гардонидани сармояи худӣ равона менамоянд
- Корхонаҳои саноатӣ низоми мураккаби кушода ба ҳисоб мераванд, ки бо хусусиятҳои зерин: функсионалӣ будан, иерархиявӣ будан, умумиятнокӣ, эмерҷентнокӣ фарқ мекунанд
- Навъи бунёдии ташкилии корхонаҳои саноатӣ ба ҳадафҳои таъсиси корхона мутобиқат менамояд, ки аксар вақт қолабӣ ва ё дивизионалӣ маҳсуб меёбад
- Корхонаҳои саноатӣ вобаста ба шакли ташкили тиҷорат, ба ташкилоти корпоративӣ дохил мешаванд, ки фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидориро мутобиқи мансубияти соҳавӣ ва айнияти стратегӣ ба амал бароварда, аз рӯи натиҷаи фаъолият масъулиятро ба зимма мегиранд

**Расми 3. Нақшаи характеристикаи умумии корхонаҳои саноатӣ**

❖ бо дар назди Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис додани бонки махсус, ба субъектони соҳибкории истеҳсолӣ ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок. Имтиёзҳои қарзӣ бояд ҳадди ақал як солу шаш моҳро дарбар гирад. Ҳангоми зиёд будани қарзи гирифташаванда, мӯҳлати имтиёзӣ бояд ба таври зиёдшавӣ тағйир дода шавад. Татбиқ гардидани чунин сиёсати қарзӣ ба субъектони соҳибкории истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки қобилияти пардохтпазирии худро барқарор намуда, иҷрои ӯҳдадориҳои қарзиро бо нигоҳ доштани иқтидори истеҳсолӣ ва ворид накардани халал ба раванди истеҳсолот таъмин намоянд.

❖ ҳадди ақал дар ҳар як панҷ сол як маротиба таҷдиди назар кардани сиёсати кадрӣ бо фаро гирифтани мутахассисони соҳавӣ ба такмили ихтисос. Гарави пешрафт дар муносибатҳои истеҳсолӣ мусаллаҳ шудан бо донишҳои нав мебошад, ки ин донишҳо барои дар истеҳсолот татбиқ гардидани андешаҳои нав муосидат менамоянд. Мисоли равшани онро метавонад саноати мошинсозӣ ташкил диҳад.

Дар ин самт инчунин аз ҷониби корфармо дуруст тақсим карда шудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва барқарор кардани ҳамкориҳои судманд бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аҳмият холӣ дониста намешавад. Усули мазкур маркази ягонаи масъулиятро ба вуҷуд оварда, нуқтаи фишангро ба раванди истеҳсолот ташаккул медиҳад.

❖ бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ ва иттилоотӣ муҷаҳҳаз гардондани раванди истеҳсолот. Чунин сиёсат дарбаробари осон намудани идоракунии раванди истеҳсолот, раванди қабули қарорро мукаммал гардонида, таносубияти сохторҳои таркибии соҳибкории истеҳсолиро дар доираи як шабака таъмин менамояд. Вақти барои қабули қарор сарфшаванда ихтисор гардида, сарфаи вақт ба вуҷуд оварда мешавад.

## АДАБИЁТ


**1.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. - Душанбе: Шарқи Озод, 2019. - С. 6-11.

**2.** Бегентаев М.М. Экономика промышленности. учебное пособие для студентов экономических специальностей. Поспект 2008. – 420 с.

**3.** Волков О.И., Девяткиной О.В. Экономика предприятия (фирмы): монография / О.И. Волкова, О.В. Девяткиной. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: ИНФРА-М, 2007. - 601 с.

**4.** Горскина Л.С., Кувалдина Д.С. Учет затрат на обеспечение качества трудовой жизни на российских предприятиях / Л.С. Горскина, Д.С. Кувалдина // Экономика и управление: материалы международной научной конференции (г. Москва, 26-27 июня 2015 г.). – М., 2015. - С. 13.

**5.** Клишевич Н.Н. Повышение эффективности деятельности предприятия на основе интенсицикации производства: дис. … канд. эконом. наук: 08.00.05 / Н.Н. Клишевич. – М., 2011. - 173 с.

**6.** Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона / С.Ҷ. Комилов, Т.Д. Низомова, У. Давлатзод. – Душанбе, 2015. - С. 7-35.

**7.** Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона / Т.Д. Низомова. - Душанбе: ҶДММ «Бебок», 2012. - С. 5.

**8.** Родионова И.А.. Мировая экономика. Индустриальный сектор. - М.: Издательство Российского Университета дружбы народов, 2010. - 608 с.

**9.** Смит А., Петти У., Риккардо Д. Классика экономической мысли / А. Смит, У. Петти, Д. Риккардо. - М.: ЭКСМО-пресс, 2000. - 894 с.

**10.** Сынков И.А. Оценка эффективности системы управления затратами предприятия / И.А. Сынков // Вестник ВГТУ. - 2010. - №9. - С. 133.

**11.** Титов В.И. Экономика предприятия: учебник / В.И. Титов. - Москва: ЭКСМО, 2008 - 414 с.



***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Курбанмурадова Озода Мирзомуродовна - номзади илми иқтисоди, котиби илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».*

***Суроға:*** *734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни, 14а,*

***Тел.:*** *904005115.*

***E-mail:*** *ozodik@mail.ru*

***Пирназарзода Диловар Маҳмадназар*** *– номзади илми иқтисодӣ, муовини сардори раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ва мониторинги санҷишҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Шоҳтемур, 27,*

***Тел.:*** *918634547*

***E-mail:*** *dilovarp@mail.ru*

***Сведения об авторах: Курбанмурадова Озода Мирзомуродовна*** *– кандидат экономических наук, научный секретарь государственного учреждения «Научно-исследовательский экономический Институт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан»,*

***Адрес:*** *734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 14а,*

***Тел.:*** *904005115,*

***E-mail:*** *ozodik@mail.ru*

***Пирназарзода Диловар Махмадназар*** *– кандидат экономических наук, заместитель начальника отдела регулирования разрешительной системы, лицензирования и инспекционного контроля Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан.,*

***Адрес:*** *734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шоҳтемур, 27,*

***Тел.:*** *918634547,*

***E-mail:*** *dilovarp@mail.ru*

***Information about the author:*** *Kurbanmuradova Ozoda Mirzomurodovna – Candidate of Economic Sciences, Scientific Secretary of the state enterprise «Economic Research Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan».*

***Address:*** *734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini, 14a,*

***Tel.:*** *904005115.*

***E-mail:*** *ozodik@mail.ru*

***Pirnazarzoda Dilovar Mahmadnazar*** *- Candidate of Economic Science, Deputy Head of the Department of Regulation of the Permitting System, Licensing and Inspection Monitoring of the State Committee for Investment and State Property Management of the Republic of Tajikistan.*

***Address:*** *734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Shahtemur, 27,*

***Тел.:*** *918634547,*

***E-mail:*** *dilovarp@mail.ru.*

**УДК:**

# МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ ПЛАНИРОВАНИЯ И СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПРОГНОЗИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

**Восидиён Ф.С.**

**Аннотация.** В данной статье обобщены международный опыт стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития. Отмечается, что стратегическое планирование и прогнозирование социально-экономического развития являются ключевыми элементами системы государственного управления, определяя стратегические цели, долгосрочные задачи, приоритетные направления развития и эффективное распределение ресурсов.

При этом в статье при использовании международного опыта планирования и стратегического прогназирования, а также ряда статистических методов анализа, проведен мониторинг и дана выполнения стратегических планов соуиально-экономического развития нашей страны.

**Ключевые слова:** стратегическое планирование, прогнозирование, социально-экономическое развитие, международный опыт, США, Европейский Союз, Германия, Франция, экономические модели, государственное управление

# ТАЧРИБАИ БАЙНАЛХАЛКЙ ДАР БОРАИ БА НАКШАНГИРЙ ВА ПЕШГИРИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ ИЧТИМОИЮ ИКТИСОДЙ.

**Восидиён Ф.С.**

**Аннотация.** Дар ин мақола таҷрибаи ҷаҳонӣ дар банақшагирии стратегӣ ва пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷамъбаст шудааст. Қайд карда мешавад, ки банақшагирии стратегӣ ва пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодӣ унсурҳои асосии системаи идоракунии давлатӣ буда, ҳадафҳои стратегӣ, вазифаҳои дарозмуддат, самтҳои афзалиятноки рушд ва тақсимоти самараноки захираҳоро муайян мекунад.

Ҳамзамон, дар мақола бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар банақшагирӣ ва пешгӯии стратегӣ, инчунин як қатор усулҳои омории таҳлил рафти иҷрои нақшаҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон назорат ва гузориш дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** банақшагирии стратегӣ, пешгӯӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таҷрибаи байналмилалӣ, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Олмон, Фаронса, моделҳои иқтисодӣ, идоракунии давлатӣ

# INTERNATIONAL EXPERIENCE IN STRATEGIC PLANNING AND FORECASTING OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT

**Vosidiyon F.S.**

**Annotation.** This article summarizes international experience in strategic planning and forecasting of socio-economic development. It is noted that strategic planning and forecasting of socio-economic development are key elements of the public administration system, defining strategic goals, long-term objectives, priority areas of development and efficient allocation of resources.

At the same time, the article, using international experience in planning and strategic forecasting, as well as a number of statistical methods of analysis, conducted monitoring and provided the implementation of strategic plans for the socio-economic development of our country.

**Keywords:** strategic planning, forecasting, socio-economic development, international experience, USA, European Union, Germany, France, economic models, public administration

**Гузориши масъала.** Дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ банақшагирии стратегӣ ҷиҳати идоракунии равандҳои иқтисодӣ, дарк намудани ҳодисаҳои номатлуби иқтисодӣ ва пешгирӣ аз оқибатҳои манфии он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар айни замон тамоми давлатҳои ҷаҳон фаъолияти ояндаи хешро тавассути нақшаҳои стратегӣ ва ташкили дурнамо амалӣ мегардонанд. Вобаста ба ин омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳои дар самти мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ зарур арзёбӣ мегардад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Баъзе масъалаи банақшагирии стратегӣ дар кишвар аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, ки ин пеш аз ҳама дорои хусусияти соҳавӣ, яъне банақшагирии стратегӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва корхонаҳо мебошад. Бинобар ин дар мақола банақшагирии стратегӣ ҳамчун унсури муҳими идоракунии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ арзёбӣ гардидааст.

**Мақсади масъала.** Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ ва муайян кардани имконияти истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар Тоҷикистон. Ҳамзамон муайян кардани мушкилот дар низоми банақшагирии стратегӣ дар кишвар ва пешниҳоди тавсияҳо барои мукаммалгардонии он.

**Муҳтавои асосии мавод.** Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таҷрибаи байналмилалии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавзӯи муҳим ба ҳисоб меравад. Раванди амалигардонии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи давлат ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар дигар кишварҳо вобаста ба сабабҳои маълум нисбат ба ҷумҳурии мо пештар оғоз гардида, онҳо аллакай дар ин самт дорои таҷрибаи ғанӣ мебошанд.

Кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон дар чорчӯбаи сиёсати иқтисодию иҷтимоии хеш бо назардошти бартарӣ ва имкониятҳои зиёди низоми банақшагирии стратегӣ барои муайян намудани роҳи дурусти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин пешбинӣ намудани хавфу хатарҳои иқтисодӣ маҳз ба ин низом дар фаъолияти иқтисодӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мамлакатҳои пешсаф дар самти низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ дар ҷаҳон бисёранд. Лекин таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Олмон ва Фаронса, ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо хеле муфид ва тақбиршаванда аст.

1. **Банақшагирии стратегӣ дар Иттиҳоди Аврупо.**

Дар Иттиҳоди Аврупо банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи барномаҳо ва стратегияҳои умумӣ, ба монанди “Стратегияи “Европа 2020” [15] ва “Стратегияи нави рушди устувор то соли 2030” [13], амалӣ карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои мазкур барои расидан ба рушди устувор ва ҳамгироӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, тақвияти шуғли пурмаҳсул, рушди маориф ва ҳифзи муҳити зист равона шудаанд.

Дурнамосозии макроиқтисодӣ дар Итти ҳоди Аврупо асосан ба истифодаи моделҳои иқтисодӣ ва маълумоти расмӣ, ки аз ҷониби Евростат ва дигар агентҳои оморӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд, ба роҳ монда шудааст.

Дар стратегияи «Европа 2020» 5 мақсади асосӣ гузошта шудааст. Онҳо дар расми 1 оварда шудаанд:

Масъули асосӣ дар назорати татбиқи мақсаду афзалиятҳои стратегияи «Европа 2020» аз ҷониби ҳар як давлат Шуро ва Комиссияи Иттиҳоди Аврупо мебошад. Асосҳои методологиро барои таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ «Пакти устуворӣ ва рушд» (The Stability and Growth Pact), ки 1 январи соли 1999 аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо қабул шудааст, ташкил медиҳад.




**Расми 1. Мақсадҳои асосии стратегияи «Европа 2020»**

Низоми аврупоии банақшагирии стратегӣ бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолӣ дар мавриди бурҳронҳои ҷаҳонӣ механизми банақшагирии стратегии зиддибуҳрониро амалӣ менамояд. Механизмҳои асосии зиддибуҳронӣ инҳо мебошанд: Фонди аврупоии устувории молиявӣ, механизми аврупоии устуворӣ, созишномаи аврупои оид ба устувории андозию буҷетӣ ва ғайраҳо. Ҳар яке аз ин механизмҳо дорои ҳадафҳои гуногун буда, бар зидди таҳдид-ҳои омилҳои беруна якҷоя амал менамоянд.

Таҷрибаи татбиқшавандаи Иттиҳоди Аврупо дар самти банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Ташаккули низоми минтақавии банақшагирии стратегӣ барои назорати иҷрои пурраи ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои стратегӣ;

2. Таҳияи асосҳои методологии банақшагирии стратегӣ барои ҳамаи иштирокчиёни низом;

Рушди мунтазами низоми банақшагирии стратегӣ.

**2. Хусусиятҳои хоси низоми миллии банақшагирии стратегӣ дар Олмон ва Фаронса**

Дар давоми 20 соли охир дар Олмон низоми банақшагирии стратегӣ амал менамояд, ки он сатҳи федеролӣ, минтақавӣ ва мунитсипиалии идоракуниро фаро мегирад. Дар Олмон аз соли 2002 “Стратегияи миллии рушди устувор” (Perspectives for Germany. Our Strategy for

Sustainable Development) амал менамояд [18]. Стратегияи мазкур таҷдид шуда, сохтори худро иваз намекунад ва инҳоро дар бар мегирад:

- аз идея то стратегия;
- модели рушди устувор;
- стратегия ҳамчун раванди иҷтимоӣ; нишондиҳандаҳо ва мақсадҳо;
- вазифаҳои асосии стратегия;
- масъулияти ҷаҳонӣ; мониторинг ва натиҷаҳо.

Қарорҳои дар ҳар сатҳи болоӣ қабулшуда барои банақшагирии сатҳи поёнии ҳокимият роҳнамо мебошанд ва самтҳои асосии рушдро муайян мекунанд. Масалан, вазифаҳои идоракунии минтақавӣ аз муайян кардани ҳадафҳои асосии дар сатҳи федералӣ муқарраршуда ва ҳамоҳангсозии қарорҳои банақшагирии минтақаҳои гуногун мувофиқи ҳадафҳои нақшаҳои ин ё он сатҳ иборатанд. Вазифаи асосии банақшагирии минтақавӣ рушди комплексии ҷомеа аст. Нақшаи рушди муниципалӣ чорчӯбаи ваколатҳоро ҳангоми амалисозии чорабиниҳо муқаррар намуда, ҳамоҳангсозӣ ва назоратро мувофиқи вазифаҳои гузошташуда амалӣ менамояд [1].

Дар Олмон низоми банақшагирии стратегӣ аз нақшаҳои чаҳорчӯбаи федералӣ ва минтақавӣ иборат аст, ки дар доираи онҳо лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба рушди кишвар ва минтақаҳо нигаронида шудаанд, бо назардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои тарафҳо асоснок карда мешаванд. Талаботи асосии тартиби банақшагирии стратегӣ дар Олмон инҳоянд: муайян кардани иштирокчиёни мушаххаси раванди банақшагирии стратегӣ, ҳамоҳангсозон ва истифодабарандагони натиҷаҳои бадастомада; муқаррар намудани афзалиятҳои аниқ дар рушди ҳудуди бо захираҳо таъмин; кифоя будани сохтори ташкилии ҳамоҳангсоз нисбат ба раванди расидан ба мақсадҳои дар нақшаи стратегӣ зикргардида [2, с.158-168].

Стратегияи миллии рушди устувори Олмон аз ҷониби Кумитаи котибони давлатии рушди устувор, вазири давлатӣ дар идораи канслери федералӣ омода карда мешавад, ки дар ҳайати худ котибони давлатии вазоратҳои зеринро намояндагӣ мекунад: корҳои хориҷӣ, молия, иқтисод, ҳифзи истеъмолкунандагон ва кишоварзӣ, меҳнат, корҳои дохилӣ, нақлиёт, ҳифзи муҳити зист, маориф ва илм, тандурустӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, оила, пиронсолон, занон ва ҷавонон. Кумита масъулияти идоракунии байниидоравии ин равандро дар дохили ҳукумати федералӣ ба дӯш гирифта, мунтазам ба кабинети федералӣ ҳисобот медиҳад. Кумитаи котибони давлатӣ бо дастгирии Шӯрои рушди устувор, ки аз ҷониби канслер таъин шудааст, кор мекунад. Шӯро ба истифодаи пешниҳодҳои навоварона дар Стратегияи миллӣ, ки ба раванди рушди устувор таъсир мерасонанд, мусоидат намуда, форуми муколама дар ҷомеаро фароҳам меорад [6, с.200-203].

Ҳамин тариқ, стратегия на танҳо доираи васеи манфиатҳои иштирокчиёни иҷтимоиро инъикос мекунад, балки талаботи ҷомеаро нисбат ба сиёсати рушди устувор мураттаб месозад, ҳадафҳо ва тадбирҳои татбиқи онро пешниҳод мекунад. Шӯро дар ташкили иштироки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар раванди қабули қарорҳо ва робитаи байни ҳукумати федералӣ ва ҷомеа ҳам дар марҳилаи таҳияи стратегия ва ҳам дар раванди татбиқи он саҳми назаррас мегузорад.

Робитаи фосилавии байнифедералӣ ва банақшагирии муниципалӣ сатҳи минтақавӣ мебошад. Банақшагирии стратегии минтақавии рушди иқтисодиёт тавассути иттиҳодияҳои банақшагирии минтақавӣ, ки робитаҳои васеи иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ доранд, амалӣ карда мешавад. Банақшагирии минтақавӣ ҳадафҳои асосиеро, ки мақомоти банақшагирӣ дар сатҳи давлатӣ таҳия кардаанд, мушаххас мекунад. Аммо дар сатҳи минтақавӣ қарорҳои банақшаги-

рии аз ҷониби ҷамоатҳои алоҳида дар дохили онҳо қабулшуда ҳамоҳанг ва бо ҳадафҳои банақшагирии федералӣ мутобиқ карда мешаванд.

Банақшагирии маҳаллӣ сатҳи пасттарин дар низоми банақшагирии ҳудудии Олмон мебошад, ки ба салоҳияти ҳукумати маҳаллӣ дохил мешавад. Ҷузъҳои асосии банақшагирии стратегии маҳаллӣ барои рушди иқтисодӣ банақшагирии рушди мунисипалитетҳо ва рушди дарозмуддати шаҳрсозӣ мебошанд [10, с.132-145]. Дар ин сатҳ доираи ваколатҳо оид ба татбиқи тадбирҳои стратегӣ муқаррар гардида, ҳамоҳангсозӣ ва назорат аз болои фаъолияти субъектҳои асосии рушди иқтисодиёт мувофиқи вазифаҳои стратегӣ муайян карда мешаванд.

**Ҷумҳурии Фаронса**. Фаронса дар самти низоми миллии банақшагирии стратегӣ таҷрибаи калон дошта, низоми банақшагирии индикативиро аз соли 1946 истифода мебарад [5]. Низоми банақшагирии стратегии Фаронса маҳсули ягонаи иктисодиёти бозорӣ мебошад. Фаронса се марҳалаи асосии банақшагирии стратегиро аз сар гузаронидааст. Давраи якум ба давраи баъдиҷангии солҳои 1947-1953 дахл дорад. Нақшаҳои аввалин ба барқарор намудан ва навсозии иқтисодиёт хизмат мекарданд. Дар ин ҳолат, муносибати соҳавӣ ба банақшагирӣ истифода мешуд. Дар нақшаи якум аз нав барқарор намудани иқтидорҳои истеҳсолии 6 соҳаи саноат (ангишт, электроэнергетика, металлургӣ, семент, нақлиёт, таҷҳизоти саноатӣ, машинасозии кишоварзӣ) пешбинӣ шуда буданд.

Давраи дуюм аз соли 1945 то соли 1960 давом кард. Дар ин вақт барои Фаронса банақшагирии директивӣ хос буд, ки аз Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сосиалистӣ (СССР) гирифта шуда буд. Нақшаҳои дар асоси пешгӯиҳо сохташуда хусусияти ҳатмӣ доштанд ва параметрҳои дар онҳо гузошташуда барои иҷро ҳатмӣ буданд. Соҳиби воситаҳои истеҳсолот давлат буда, дар барнома стратегия ва афзалиятҳои давлатӣ дар тақсимоти захираҳо ва даромадҳо, муайян кардани суръати афзоиши иқтисодиёт таҷассум ёфта будаанд.

Дар марҳилаи сеюм - аз солҳои 60-уми асри XX ба низоми банақшагирии индикативӣ гузашт, ки ба ҳамоҳангсозии мавқеи давлат ва бахши хусусӣ асос меёбад. Параметрҳое, ки дар барномаҳо дарҷ мегарданд, хусусияти машваратӣ дошта, барои соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва бахши хусусӣ равона гардида буданд [8].

Дар айни замон низоми банақшагирии стратегӣ дар Фаронса индикативӣ буда, бахшҳои стратегии рушди кишварро (истеҳсол, нарх, шуғл, тавозуни пардохт) дар бар мегирад, ки имкон медиҳад номуайянӣ кам карда шавад ва иқтисодиёти миллӣ мутавозинтар бошад. Дар ин маврид асосан усулҳои бавоситаи таъсиррасонӣ ба бахшҳои давлатӣ ва хусусии иқтисодиёт истифода мешаванд, ки дар он диққати асосӣ ба ноил шудан ба пешгӯиҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат дода мешавад. Дар соли 2008 ба барномаҳои стратегии кишвар вазифаҳои нави банақшагирӣ дар асоси қонунгузории дар сатҳи давлатӣ қабулшуда ворид карда шуданд:

- мубориза бар зидди таназзули минтақаҳои кишоварзӣ ва табиӣ;
- ташкил ё барқарор намудани минтақаҳои экологӣ барои ташаккули вазъи мусбии экологӣ;
- мубориза бо тағирёбии иқлим ва марҳилаҳои эҳтимолии мутобиқшавӣ ба ин тағйирот;
- кам кардани партовҳои газ бо мақсади сарфаи энергия ва нигоҳ доштани захираҳои истихроҷи маъдан [17.].

Хусусиятҳои татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ муқарраршуда дар он аст, ки дар Фаронса аксари чорабиниҳо дар доираи нақшаҳои стратегии

рушди иқтисодӣ ба ягон ҳадафи кишвар ноил намешаванд, аммо дар маҷмӯъ стратегияҳо ифодаи муайяни васеъ доранд.

Стратегияе, ки комиссияи Генералии банақшагирӣ таҳия мекунад, мушкилот ва дурнамои мубрами минтақавӣ, хусусияти бахши хусусиро дар рушди иқтисодӣ муайян мекунад, принсипҳои банақшагирии ҳудудӣ ташаккул меёбанд, рушди маҳаллӣ дар миқеси категорияҳои ҳудудии Аврупо мушаххас карда мешавад, самтҳо оид ба таҳкими ҳамкорӣ байни давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо ва иштирок дар минтақаҳо ва субъектҳои алоҳидаи иқти-содиёт муайян карда мешаванд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки на худи стратегияи рушди иқтисодӣ, балки механизми таҳияи он имкон медиҳад, ки манфиатҳои давлат ва дигар субъектҳои иқтисодиёт ҳамоҳанг карда шуда, кӯшишҳои онҳо дар ҳалли мушкилоти муҳими иқтисодӣ муттаҳид карда шаванд. Он ба машварат ва мувофиқати параметрҳои нақшаи давлатӣ бо намояндагони тиҷорати хусусӣ асос ефтааст. Ҳамзамон, ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт, аз ҷумла мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ бевосита ба раванди банақшагирӣ ҷалб карда мешаванд [14]. Дар асоси чунин сохтори мувофиқашуда стратегия аз ҳисоби дохил кардани лоиҳаҳои хусусии сармоягузорӣ, ки ба самтҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ мувофиқат мекунанд, мушаххас карда мешавад. Нақшаҳои стратегии рушди иқтисодӣ тақсимоти возеҳи ҷанбаҳои ҳатмӣ ва пешгӯишавандаро тавсиф мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки стратегия дар Фаронса воситаи таъсири фаъоли иттилоотии давлат ба рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, механизми ташаккули стратегияҳои рушди иқтисодӣ фаъолияти самараноки низоми банақшагирии Фаронсаро ҳамчун нишондиҳандаи ҳолати пешбинишудаи конъюнктураи иқтисодӣ таъмин мекунад.

Дар Фаронса аз соли 1950 инҷониб муҳимтарин ниҳоди таъмини фаъолияти низоми банақшагирии стратегӣ Комиссияи генералии банақшагирии давлатӣ мебошад. Ба ҳайати комиссия кариб 150 коргар шомил буда, аз якчанд комиссияҳои соҳавӣ иборат мебошад.

Ба ҳайати комиссия кормандони масъули вазоратҳо, коршиносон, инчунин роҳбарони корхонаву иттиҳодияҳои соҳибкорон шомил мебошад. Комиссияҳо проблемаҳои иқтисодиро таҳлил намуда, дурнамои рушди саноатро бахо дода, барои ба нақшаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дохил кардан таклифҳо медоданд. Ғайр аз комиссияҳо, ҳамчун мақоми машваратӣ Шӯрои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амал мекард, ки аз намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ: соҳибкорон, коргарони кироя, ҳунармандон, деҳқонон, намояндагони дастгоҳи давлатӣ иборат буд. Вазифаи асосии Шӯрои ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамаи ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян кардани дурнамо ва механизмҳои рушди иқтисодӣ мебошад [9, с.239-243].

**3.** Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка банақшагирии стратегӣ дар ҳама сатҳҳои идораи давлатӣ фаъолона истифода мешавад. Дар сатҳи федералӣ таҳияи стратегияҳо ва нақшаҳо аз ҷониби сохторҳои гуногун сурат мегирад. Намунаи ин "Стратегияи амнияти миллӣ" ба ҳисоб меравад, ки дар асоси таҳлили шароити кунунии иқтисодӣ ва пешгӯиҳо таҳия мегардад. Таваҷҷуҳи асосӣ дар ҳуҷҷат ҳои банақшагирии стратегӣ ба таъмини амният, тартиботи байналмилалӣ, баланд бардоштани ста ҳи некӯа ҳволии мардум, инноватсияҳо, рушди технологӣ, лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва дастгирии тиҷорати хурд ва миёна дода мешавад [19, с.3].

"Стратегияи амнияти миллӣ" аз ҷумла чор самтро дар бар мегирад: амният, некӯаҳволӣ, арзишҳо ва тартиботи байналмилалӣ, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа [20, с.4].

Дар ИМА таҷрибаи банақшагирии дарозмуддати буҷет истифода мешавад: пешгӯии даромадҳои бисёрсола тартиб дода мешавад ва маҳдудияти андозаи касри буҷет аз ҷониби қонун муайян карда мешавад. Стратегияи иқтисодӣ ва молиявии ҳукумат дар гузориши солонаи раиси ҷумҳур дар бораи вазъи иқтисодӣ баён мегардад.

Хусусияти низоми банақшагирии стратегии ИМА дар он аст, ки дар низоми банақшагирии стратегӣ ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии кӯтоҳмуддат (як сол), ба истиснои Стратегияи амнияти миллӣ диққати махсус дода мешавад [7, с.41-57].

Дар низоми банақшагирии стратегӣ дар ИМА Қонуни федералӣ «Дар бораи баҳодиҳии фаъолияти мақомоти давлатӣ», ки соли 1993 қабул шудааст аҳамияти калидӣ дорад. Тибқи ин қонун, ҳар як ниҳоди федералӣ вазифадор аст, ки то аввали феврали соли оянда нақшаи нави стратегиро омода созад, ба Президент ва Конгресс гузориш диҳад ва ба портал пешниҳод кунад. Нақшаи стратегӣ ба муҳлати на камтар аз чор сол аз соли молиявии интишори он таҳия карда мешавад. Нашри нақшаҳои стратегии мақомоти федералӣ ҳамзамон бо нашри лоиҳаи буҷет барои соли молиявии оянда сурат мегирад. Ба мақомоти федералӣ тавсия дода мешавад, ки лоиҳаи нақшаи стратегии солро то моҳи сентябри соли ҷорӣ то интишори пешакии лоиҳаи буҷети сол омода созанд, то ҳадафҳои гузошташуда дар лоиҳаи буҷет ва нақшаи кори минтақа барои соли оянда ба назар гирифта шаванд.

Дар ИМА муносибати қатъии мутамаркази банақшагирии иқтисодӣ вуҷуд надорад. Мақомоти федералӣ дар асоси барномаҳо зинаҳои гуногуни ҳукумат ва субъектҳои хоҷагидориро дастгирӣ мекунанд. Дар сатҳи федералӣ ду ташкилот дар тарҳрезии низоми банақшагирии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо иштирок мекунанд. Якум, маъмурияти рушди иқтисодӣ (EDA), бахше аз Вазорати тиҷорати ИМА, ки он рисолати рушди инноватсия ва рақобатпазириии иқтисодиро дар минтақаҳо ба уҳда дорад.

Дуюм, Шарикии ҷомеаҳои устувор сохтори дигарест, ки дар низоми федералӣ фаъолият намуда, ба рушди иқтисодии кишвар таъсир мерасонад, Шарикии ҷомеаҳои устувор се агентии федералиро муттаҳид мекунад: департаменти нақлиёт (дафтари сиёсати нақлиёт), департаменти манзил ва шаҳрсозӣ ва идораи муҳити зист (дафтари ҷомеаҳои устувор). Нақши асосии шарикӣ ин ҳамгироии рушди иқтисодӣ ба банақшагирии стратегии дар сатҳи федералӣ, ҳудудӣ, инчунин паҳн кардани ин равишҳо дар дигар сатҳҳои ҳукуматӣ мебошад [2, с.37].

Низоми банақшагирии мутамаркази стратегии рушди иқтисодӣ дар ИМА ба рақамикунонии ҷамъоварии маълумот, гурӯҳбандӣ, коркарди аввалия, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооте, ки барои таҳияи қарорҳои стратегӣ заруранд, асос ёфтааст. Маҷмӯи барномаҳои мақсадноки истифодашаванда мунтазам такмил дода мешавад. Муҳим дар ин робита лоиҳаи Террабитӣ (terra project) мебошад, ки аз ҷониби маъмурияти ИМА таҳти роҳбарии Бунёди миллии илм ба роҳ монда шудааст, ки ба таъмини суръати инқилобии коркарди иттилоот нигаронида шудааст [3, с.3-14], ки далели равшани сатҳи баланди саноатикунонии банақшагирии мутамарказ мебошад.

Татбиқи афзалиятҳои миллӣ тавассути амали механизми мувофиқашудаи ҳамкории байни барномаҳои мақсаднок, хариди давлатӣ, институтҳои рушд ва ташкилотҳои махсус таъсисдода таъмин карда мешавад. Асоси идоракунии давлатӣ, банақшагирӣ ва дурнаморо механизми хароҷоти давлат ба мол ва хизматрасони ташкил медиҳад, ки тавассути он то 40 фоизи махсулоти умумии миллӣ дар иқтисодиёти ШМА тақсим карда мешавад. Фаъолияти он ба таври муфассал танзим карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ ҷанбаҳои зерин нақши асосӣ доранд.

1. Ҳамгироии маълумот. Яке аз таҷрибаҳои беҳтарин истифодаи усулҳои муосири таҳлили маълумот ва моделҳои иқтисодӣ барои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ мебошад. Амали мазкур барои арзёбии дурусти вазъи ҷойдошта ва таҳияи нақшаҳои воқеӣ имкон медиҳад.

2. Иштироки ҷонибҳои манфиатдор. Унсури муҳими банақшагирии стратегӣ иштироки ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, доираҳои илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ин раванд барои қабули қарорҳои мутавозин заминаи мусоид мегузорад.

3. Гуногунӣ ва мутобиқшавӣ. Банақшагирии стратегӣ бояд гуногун ва ба тағйироти муҳити берунӣ мутобиқшаванда бошад. Ин махсусан дар шароити ноустувории глобалӣ ва пешрафти босуръати технологӣ муҳим аст.

4. Мониторинг ва арзёбӣ. Мониторинг ва арзёбии мунтазами иҷрои нақшаҳои стратегӣ барои муайян кардани камбудиҳо ва ворид кардани ислоҳоти зарурӣ мусоидат мекунанд. Ин барои сари вақт ва сифатнок таъмин кардани ҳадафҳои муайяншуда мусоидат мекунад.

**Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** мувофиқи қонунгузории амалкунанда ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар се сатҳ амалӣ карда мешаванд:

1. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ- стратегияҳои миллии рушд, барномаҳои миёнамуҳлати рушд ва нақшаҳои амал;

2. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ – стратегия, барномаҳо ва нақшаҳои амали соҳавии давлатӣ.

3. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи маҳаллӣ – дурнамоҳои давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, нақшаҳои амали онҳо, инчунин барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрақ ва деҳот [11].

Ҳуҷҷати асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад, ки дар доираи он барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ карда шуда, мақсади олии давлат ва самтҳои афзалиятноки рушди кишвар муайян карда мешаванд [12].

Бояд қайд намуд, ки низоми банақшагирии старатегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар он масъалаҳо дар самтҳои ҳамоҳангсозии байни мақомотҳо, мутахассисони соҳавӣ, алоқамандии байни банақшагирии стратегӣ ва раванди таҳияи буҷет ва ғайра вуҷуд доранд.

Тибқи таҳлилҳо ва омӯзишҳо, ки муқаррароту равишҳои ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар низоми банақшагирии стратегии ҳамаи кишварҳои ҷаҳон хусусияти умумӣ доранд. Яъне, дар мавриди таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар низоми банақшагирии стратегии ҳамаи кишварҳо ин равишҳо ба инобат гирифта мешаванд: таҳлили вазъи имрӯза (баҳодиҳии омилҳои дохилӣ ва берунии ба рушд мусоидаткунандаву маҳдудкунанда), муайян намудани мақсаду вазифаҳои афзалиятнок, дурнамосозии рушди нишондиҳандаҳо, мониторинг ва назорат.

Ғайр аз равишҳои умумӣ ба низоми банақшагирии стратегии муосир инчуни ҳамгироии стратегияҳои сатҳҳои гуногун, ҷалби гурӯҳҳои мақсаднок, таъмини мавқеи фаъоли сокинон, истифодаи усули комплексӣ ва ғайра, ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон васеъ истифода мегарданд. Истифодаи чунин равишҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар низоми банақшагирии стратегӣ муҳим шуморида мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Ансофф И. Стратегическое управление /Сокр. пер. с англ. – М.: “Экономика”, 1989. – 519 с.
2. Воробьев А. В. Эволюция научных взглядов на стратегическое финансовое планирование за рубежом //Управление экономическими системами: электроннный научный журнал. – М., 2011. – №. 29. – С. 37.
3. Губанов С. Промышленная политика и государство / С. С. Губанова // Экономист. – М., 2014. – № 7. – С. 3-14.
4. Ильичев В.А., Колчунов В.И., Бакаева Н.В. Принципы стратегического планирования развития территорий (на примере федеральной земли Бавария) //Вестник МГСУ. – М., 2019. – Т. 14. – №. 2 (125). – С. 158-168.
5. Клименко А. В., Королев В. А., Двинских Д. Ю., Рычкова Н. А., Сластихина И. Ю.// Актуальный опыт зарубежных стран по развитию государственных систем стратегического планирования (Часть 1) Национальный исследовательский университет «Высшая школа экономики». – М., 2016. – 67 с.
6. Мирзоева С.М. Зарубежный опыт стратегического планирования городского округа /С.М. Мирзоева // Экономика и предпринимательство – 2015. – № 3. – С. 200-203.
7. Сильвестров С. Н., Бауэр В. П., Еремин В. В. К анализу поучительного для России опыта применения инструментария стратегического планирования развития экономики во Франции, США и КНР //Российский экономический журнал. – 2019. – №. 1. – С. 41-57.
8. С. Ю. Глазьева, Ю. В. Яковца// Зарубежный опыт государственного прогнозирования, стратегического планирования и программирования//Монография // Государственный ун-т управления, Национальный ин-т развития, Региональная научная организация исследователей прогнозистов «Прогнозы и циклы». – М., 2008. – 124 с.
9. Ушакова О. А. Развитие стратегического планирования в мировой и российской практике /О.А. Ушакова//Вестник Оренбургского государственного университета. – Оренбург, 2014. - № 6. – С. С. 239-243.
10. Шафранская А. М. Роль государства в осуществлении стратегического планирования как механизма реиндустриализации //Вопросы политической экономии. – 2021. – №. 2. – С. 132-145.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ” 25.05.22, №724. – Душанбе, 2022
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636. – Душанбе, 2016. – 104 с.
13. Sustainable Development Strategy 2030/ Swiss Federal Council/ Federal Office for Spatial Development ARE, Section sustainable development Daniel Dubas, Doris Angst, Tina Leiser, Maria Stoll www.are.admin.ch/sustainabledevelopment.
14. Delorm R., Andre Ch. L'Elat et L'economie. – Paris: Ed. Senit, 1993; Quinet E. La planification francaise. – Paris: PVF, 1990.
15. Europe 2020 strategy/ European Economic and Social Committee/ Published by: “Visits and Publications” Unit EESC-2014-06-EN www.eesc.europa.eu
16. Grenoble - CNRS: UMR5194. Pierre-Mendès-France University - Grenoble II. Joseph Fourier University - Grenoble I. halshs-00374354, version 1. April 8, 2009.

17. Jourdan G. The French planning system faces the challenges of territorial coherence and sustainable development // Public policies, political action, Territories (PACTE). Institute of Political Studies [IEP].

18. Perspectives for Germany. Our Strategy for Sustainable Development. Berlin: Federal Government of Germany, 2002.

19. The National Economic Strategy: Security and prosperity today and tomorrow, Ronald M. Zich, Doctor Robert H./ Alan P. Larson, http://usinfo.state.gov/journals/itps/1202/ijpe/ pj7-4larson.htm. Internet; accessed 12 November 2004, page-3.

20. The National Security Strategy/The White House/October 2022, /https://www.whitehouse.gov/wp-content/uploads/2022/10/Biden-Harris-Administrations-National-Security-Strategy-10.2022.pdf/, page-4.

***Маълумот оид ба муаллиф: Восидиён Фарҳод Саъдулло -*** *унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишогоҳи миллии Тоҷикистон,*

***Сурога:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.*

***Телефон: +(992)917683333***,

***E-mail:*** *Fvosidiyon@gmail.com*

***Сведения об авторе: Восидиён Фарход Саъдулло-****соискатель общеуниверситетской кафедры экономической теории Таджикского национальныого университета,*

***Адрес:*** *Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.*

***Телефон: (+992) 917683333,***

***E-mail:*** *Fvosidiyon@gmail.com*

***Information about the author: Vosidiyon Farhod Sadullo-****Aspirant of the Department of Economic Theory of the Tajik National University,*

***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.*

***Phone: (+992) 917683333,***

***E-mail:*** *Fvosidiyon@gmail.com*

УДК

# РУШДИ САЙЁҲӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Низомов С.Ф., Юсупов У.С.**

**Аннотатсия.** Дар ин мақола рушди сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди кишвар баррасӣ мешавад. Воқеан, мавзӯи тадқиқоти интихобкардаи мо дар айни замон муҳим аст, зеро сайёҳӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки ба афзоиши ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҷалби сармояи инноватсионӣ мусоидат мекунад. Пеш аз ҳама, дар мақола мо ба барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунҳои давлатӣ такя намуда, инчунин андешаҳои гуногуни олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба мафҳуми «туризм» омӯхта, нақш ва аҳамияти онро дар рушди шахсият, оила, миллӣ иктисодиёт, районхо ва умуман мамлакат.

**Калидвожаҳо:** туризм, хизматрасонӣ, рушди иқтисодӣ, одамон, ҷойҳои корӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ ва ғ.

# РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА И ЕГО РОЛЬ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

**Низомов С.Ф., Юсупов У.С.**

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются вопросы развитие туризма и его роль в экономическом развити страны. Действительно выбранная нами тема исследования является актуальной на данный момент, так как туризм одна из отраслей, способствующая увеличению новых рабочих мест, увеличению валового внутреннего продукта и привлечению инноватрнных инвестиций. Прежде всего, в статье мы опирались на государственные программы, нормативно-правовые акты и законы, а также исследованы различные мнения зарубежных и отечесвтенных ученых относительно понятия “туризм” для определения его роли и значения в развити индивидума, семьи, национальной экономики, регионов и страны в целом.

**Ключевые слова:** туризм, услуги, развитие экономики, человек, рабочие места, торговые отношения и т.д.

# TOURISM DEVELOPMENT AND ITS ROLE IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**Nizomov S.F., Yusupov U.S.**

**Abstract.** This article examines the development of tourism and its role in the economic development of the country. Indeed, the topic of our research is relevant at the moment, since tourism is one of the industries that contributes to the increase in new jobs, an increase in gross domestic product and the attraction of innovative investments. First of all, in the article we relied on state programs, regulatory legal acts and laws, and also studied various opinions of foreign and domestic scientists regarding the concept of "tourism" to determine its role and significance in the development of an individual, family, national economy, regions and the country as a whole.

**Keywords:** tourism, services, economic development, people, jobs, trade relations, etc.

Сайёҳӣ дар замони муосир яке аз соҳаҳои хеле муҳими иқтисоди миллӣ мебошад. Аз давраҳои қадим дар шаклу намудҳои гуногун ташаккул ёфта, он дар садсолаи охир омили муҳимми рушди иқтисодӣ ба шумор меравад, ки баҳри ташаккул ва роҳандозии навъҳои

гуногуни он барномаҳои мукаммали давлатӣ таҳия мегарданд. Баррасии ин истилоҳ дар адабиёти соҳа ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор гирифта, мазмуни аксари онҳо ба ин маъност: сайёҳӣ - саёҳати муваққатии одамон ба дигар мамлакат ё аз макони доимии зист тафовутдошта ба муҳлати аз 24 соат то 6 моҳ дар давоми як соли тақвимӣ ё на камтар аз як шабонарӯзи будубош бо мақсадҳои солимгардонӣ, варзишӣ, меҳмонӣ, омӯзишӣ, динӣ ё дигар матлабҳо, бидуни машғул шудан ба фаъолияти аз сарчашмаи маҳаллӣ пардохтшаванда ба шумор меравад. Шахсе, ки чунин саёҳатро иҷро мекунад сайёҳ номида мешавад.

Мувофиқи барномаи рушди сайёҳӣ барои дар сатҳи зарурӣ пеш бурдани соҳаи сайёҳӣ истифодаи механизмҳои бозорӣ кофӣ набуда, ташкили механизми таъсирбахши дастгирӣ ва танзими сайёҳӣ аз ҷониби давлат зарур мебошад. Ҳукуматҳои давлатҳои инкишофёбанда ҳангоми банақшагирии рушди сайёҳӣ талаботҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавию мадании аҳолӣ ва талаботҳои муҳити атрофро бояд ба назар гиранд, ки ин асоси рушди соҳаи сайёҳӣ ба шумор рафта, ҳамчун ҳиссаи сайёҳии ғайрифаъол амал менамояд ва рушди саноатро талаб мекунад.

Сайёҳӣ чун соҳаи зудрушдкунанда ба мутахассисони дараҷаи олӣ ниёз дорад. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 муассисаи олии таълимӣ, миёнаи махсус кадрҳои соҳаи сайёҳиро тайёр мекунанд. Пешниҳод ва амалӣ намудани стандартҳои нави давлатии таълимии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар самти тайёр намудани мутахассисони соҳа натиҷаҳои баланд меорад.

Дар замони муосир сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои пуриқтидортарини ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, нақши он дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт зиёд мебошад. Сайёҳӣ ҳамчун фаъолият дар асри XX авҷ гирифта, ҳоло ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расидааст.

Саҳми сайёҳӣ дар густариши раванди ҷаҳонишавӣ зиёд буда, он ҳамчун омили асосии пешбарандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад

Мувофиқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ (ТУС) саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон 10,9%-и ММД-и ҷаҳониро ташкил медиҳад. Ҳиссаи сайёҳӣ дар савдои ҷаҳонии хизматрасонӣ зиёда аз 30%-ро дар бар мегирад. Дар бозори ҷаҳонӣ сайёҳӣ дар қатори нафт пешсаф буда, то 7%-и сармояи ҷаҳониро истифода менамояд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва бахшҳои ба он алоқаманд зиёда аз 107 млн. нафар бо ҷойи кор, яъне 3,6% аз нишондиҳандаи умумиҷаҳонӣ таъмин мебошанд ва он танҳо пас аз бахши маориф, савдои чакана ва кишоварзӣ мебошаду халос .

Сайёҳӣ ба категорияҳои асосии савдои ҷаҳонии хизматрасониҳо дохил мешавад. Дар баробари соҳаҳои ба он алоқаманд сайёҳӣ зиёда аз 286 млн. нафарро бо кор таъмин мекунад. Инчунин ба он 6%-и ҷойҳои корӣ, 11% хароҷоти ҷаҳонии истеъмолӣ рост меояд.

Дар баъзе мамлакатҳо сайёҳӣ дар ташаккули ММД, ҷойҳои корӣ, рушди соҳаи хизматрасонӣ, фаъолгардонии тавозуни савдои беруна нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар баробари оқибатҳои мусбат, ҳамчунин муҳим аст, ки оқибатҳои манфии дар натиҷаи бисёр ҷамъ шудани сайёҳон дар як минтақа пайдошаванда ба назар гирифта шаванд. Чунончи, агар дар минтақа қувваи корӣ зиёд набошад, аз кишоварзӣ ба соҳаи сайёҳӣ майл кардани он ба суст шудани аввалин оварда мерасонад. Муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои деҳот ба шаҳр фишорро нисбати соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ ба мисоли тандурустӣ ва маориф зиёд мегардонад. Захираҳои сармоявие, ки барои сармоягузории иловагии хоҷагии сайёҳӣ сарф мешаванд, ба соҳаҳое, ки дар он зарур мебошанд, рафта расида наметавонанд.

Новобаста аз он, ки соҳаи сайёҳӣ ба соҳаи дорои рушди устувори хоҷагии ҷаҳонӣ дохил мешавад, вале он дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт нисбатан нав пайдо

шудааст. Заминаҳои пайдоиши сайёҳӣ дар замонҳои қадими рушди инсоният вуҷуд доштанд. Пайдоиши аввалин давлатҳои дунёи қадим барои густариши муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва робитаҳои тиҷоратии байни халқҳо шароити мусоид фароҳам овард. Бинобар ин, нисбат ба омӯзиш ва пайдо кардани маълумотҳои аниқ оид ба дигар давлатҳо, расму оин ва аҳолии онҳо талабот зоҳир гардид.

Мувофиқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ ҳанӯз дар миёнаи ҳазораҳои IV- II то мелод шаҳрҳои Шумер, Акад, Бобулистон, Мемфис, Феви, Афина ва ғайраҳо пайдо шуданд, ки онҳо маркази савдо ва косибӣ қарор гирифта буданд. Аз маданияти шумериҳо ба мо маълумотҳои зиёди ҷуғрофӣ оид ба қисми зиёди Шарқи Наздик ва Халиҷи Форс, инчунин қисми шимолу ғарбии Ҳиндустон боқӣ мондаанд, ки ин аз муносибатҳои зичи иқтисодӣ бо ин минтақаҳо ва ба онҷо саёҳат кардан ва омӯхтани онҳо аз ҷониби шумериҳо гувоҳӣ медиҳад .

Аввалин сайёҳи юнонӣ, ки оид ба ӯ маълумотҳои нисбатан саҳеҳ мавҷуданд, Ҳеродот буда, ин шахсияти таърихӣ саёҳатҳои сершумори худро дар нуҳ китоб тасвир намудааст.

Дар асрҳои миёна дар саёҳатҳо омили динӣ мавқеи устуворро пайдо намуд. Миқдори зиёди аҳолӣ ба зиёрати маконҳои муҳим ва муқаддаси динӣ равона мешуданд. Дар Давраи Эҳё ва Давраи Маърифат сайёҳӣ ҳамчун ҷузъи тарбиявӣ, омили саломатии ҷисмӣ ва руҳӣ баҳо дода мешуд. Мувофиқи ақидаи Жан Жак Руссо ва Г.Гибли саёҳат яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳисси ватандорӣ ва ҳифзи саломатӣ маҳсуб меёфт. Таълимоти онҳо таҳти шиори «Дарки табиат ва эҷоди меъёрҳои асил» барои рушди сайёҳӣ аҳамияти калон дорад. Ж.Ж. Руссо муҳимияти саёҳатҳои пиёдаро дар ҳалли масъалаҳои солимгардонӣ асоснок намуда, назарияи ҳамчун ҷузъи таркибии тарбия аҳамият доштани саёҳатро такмил дод, мақсад ва вазифаҳои саёҳатро кушоду возеҳ намуда, ҳамбастагии онро бо дигар воситаҳои ташаккули шахсият нишон дод [4].

Сайёҳӣ дар асри XIX асосан ба туфайли давраи модернизатсия, ки ба пайдоиши ҷамъияти саноатӣ оварда расонд, ҳамчун падидаи ҷаҳонӣ густариш ёфт. Сифат ва дараҷаи ҳаёти коргарон баланд гардид, рӯзи кории 8-соата қабул гардид, коргарон имконият пайдо карданд, ки рӯзҳои истироҳатии худро ба намудҳои истироҳати фаъол сарф намоянд.

То охири асри XIX ва аввали асри XX саёҳат намудан танҳо имтиёзи одамони сарватманд ба ҳисоб мерафт, аммо акнун сайёҳӣ хусусияти оммавию халқӣ ва иҷтимоӣ пайдо намуд, ки ин барои боз ҳам устувор гаштани ин соҳа заминаи мусоиде фароҳам овард.

Фаъол гаштани робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ, раванди фаъолгардии аҳолӣ барои ба дараҷаи байналхалқӣ расидани ҳаёти маънавӣ, амалӣ гаштани майли миллатҳо ба муносибатҳои мутақобила мусоидат намуда, омили муҳити атроф дарк кардани инсоният гашт, ки дар натиҷа сайёҳии миллӣ ва байналхалқӣ рушд ёфта, робитаҳои сайёҳӣ қисми ҷудонопазири муносибатҳои умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва ҳамкориҳои байналхалқии мадании инсонҳо гаштанд [4].

Дар рушди минбаъдаи сайёҳӣ қадами прогрессивӣ соли 1919 яъне, ташкили Алянси Байналхалқии Сайёҳӣ ба шумор мерафт.

Мақсадҳои ин Алянс таҳқиқи масъалаҳои сайёҳии байналхалқӣ, саёҳат, ҳамчунин имконияти такмили онҳо бо тамоми роҳу воситаҳо барои рушди сайёҳӣ мусоидат намудан ва кор карда баровардани ҳуҷҷатгузории сайёҳӣ ба ҳисоб мерафт.

Азбаски мубодилаи сайёҳӣ байни мамлакатҳо аз рӯйи табиати худ аллакай яке аз намудҳои муносибатҳои байналхалқии ба танзим дарорандаи тарафҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятии давлатҳои алоҳида мебошад, барои ҳамкориҳо дар миқёси ҷаҳонӣ замина ба вуҷуд меорад. Маҳз ҳамин заминаҳо дар натиҷа, дар доираи ҳамбастагии як қатор ташкилот ва

созмонҳои байналхалқии сайёҳӣ амалӣ гаштанд. СММ, ки соли 1945 ташкил ёфта буд, ба доираи васеи масъалаҳои сайёҳии байналхалқӣ машғул мешавад. Соли 1946 муассисаи байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг - ЮНЕСКО ташкил ёфт. Маҳз дар доираи фаъолияти ЮНЕСКО дар солҳои 1950 Барномаи рушди сайёҳӣ ЭКОСОС бароварда шуд, ки мақсади он ба соҳаи нисбатан босуръат рушдкунандаи иқтисодиёт табдил додани сайёҳӣ буд. Аксари мутахассисони соҳа бо назардошти ин омилҳо сайёҳиро падидаи асри XX медонанд.

Дар ИҶШС бошад ба сайёҳӣ аз рӯзҳои аввали ташкилёбиаш аҳамияти махсус дода мешуд, зеро он яке аз имкониятҳои мувофиқи таъсиррасонӣ ба аҳолӣ ба шумор мерафт. Аммо дар ИҶШС сайёҳии буржуазӣ танқид карда шуда, он ҳамчун дилхушӣ ва талоши пайдо кардани ҳисси ҳаяҷон баҳо дода мешуд, вале ба сексияҳои экскурсионӣ онҳо баҳои баланд медоданд.

Барои рӯшанӣ андохтан ба раванди ташаккули соҳаи сайёҳӣ омӯзиш ва баррасии мафҳуми сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ муҳим ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин асос заминаи мустаҳками рушди сайёҳӣ амалӣ гардида, он барои тавсиф ва таснифи гурӯҳҳои алоҳидаи бахши сайёҳӣ замина фароҳам меорад. Вожаи «сайёҳӣ» дар тарҷума аз забони фаронсавӣ «сайругашт», «сафар» ва «саёҳат» тарҷума шудааст. Ҳамчун шакли махсускардашудаи фаъолият он нав мебошад, вале решаи он ба замонҳои қадим меравад. Соли 1838 китоби «Хотираҳои сайёҳ»-и нависандаи фаронсавӣ Стендал (1783-1843) нашр мегардад, ки дар ин асос мо метавонем ӯро падидоварандаи вожаи сайёҳӣ шуморем [5].

Дар осори муҳаққиқони соҳа ба таври дақиқ қайд шудааст, ки «дар айни замон вожаи «сайёҳӣ» ҳамчун доираи васеи мафҳумҳо, аз он ҷумла сафари камфаъол аз шаҳр ба шаҳр, аз мамлакат ба мамлакат ва ғайра баҳо дода мешавад». Далелҳои илмӣ бори дигар собит менамоянд, ки дар соҳаи сайёҳӣ мафҳум ва вожаҳои асосӣ дар доираи масъалаи мазкур бояд муайян карда шаванд.

Дар адабиёти илмӣ ҳамчунин муносибатҳои гуногун нисбати тавсифи сайёҳӣ мавҷуд мебошад. Чунончи, П.Бернекер сайёҳиро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои дутарафа ва хизматрасониҳое баҳо медиҳад, ки бо саёҳати муваққатӣ ва ихтиёрии сайёҳ берун аз ҷойи зисти доимӣ бо сабабҳои ғайритиҷоратӣ ё ғайрикасбӣ алоқаманд мебошанд. В. Азар мафҳуми сайёҳиро ҳамчун системаи калони иқтисодӣ бо робитаҳои гуногун байни унсурҳои алоҳида дар доираи ҳам хоҷагии халқи мамлакати алоҳида ва ҳам робитаҳои иқтисодиёти миллӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ дар умум ташаккул медиҳад».

Дар Декларатсияи Манила оид ба сайёҳии ҷаҳонӣ соли 1980 сайёҳӣ ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки аз сабаби бо бахши маданӣ, омӯзишӣ ва иқтисодии давлат ва муносибатҳои байналхалқӣ таъсири бевосита доштанаш дар ҳаёти халқҳо аҳамияти калон дорад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мафҳуми сайёҳӣ чунин шарҳ дода шудааст: сайёҳӣ – сайёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истисноi ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад.

Дар соҳаи сайёҳӣ муайян кардани категорияи ҷойи зисти доимӣ аҳамият дорад. Ба таври дигар, доираи сайёҳӣ аз ҷойи доимии зисту зиндагонӣ берун шудани одамон, ба дигар давлат бо мақсади сайёҳӣ сафар кардани онҳоро дар назар дорад.

Айни замон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тавсифи қабулшудаи Конференсияи байналхалқӣ оид ба омори саёҳатҳо ва сайёҳӣ (Оттава, соли 1991), ки аз ҷониби ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ ва Комиссияи омории СММ ба тасвиб расидааст, хеле васеъ кор фармуда мешавад. Мувофиқи он, сайёҳ-ин ташрифгаре мебошад, яъне «шахсе, ки саёҳат мекунад ва дар ҷойҳои берун аз ҳудуди муҳити доимиаш ба муҳлати то 12 моҳ, бо дилхоҳ мақсад бидуни машғул шудан ба фаъолияти аз манбаи ташриф пардохтшаванда қарор мегирад».

Тавре пештар қайд намуда будем, барои тавсиф додани мафҳуми сайёҳӣ тамоми нозукиҳои соҳа бояд ба назар гирифта шавад. Сайёҳӣ – саёҳати муваққатии одамон ба дигар мамлакат ё аз макони доимии зист тафовутдошта ба муҳлати аз 24 соат то 6 моҳ дар давоми як соли тақвимӣ ё на камтар аз як шабонарӯз будубош бо мақсадҳои солимгардонӣ, варзишӣ, меҳмонӣ, омӯзишӣ, динӣ ё дигар мақсадҳо, бидуни машғул шудан ба фаъолияти аз сарчашмаи маҳаллӣ пардохтшаванда мебошад. Шахсе, ки чунин саёҳатро иҷро мекунад сайёҳ номида мешавад.

Меъёрҳое мавҷуд мебошанд, ки вобаста ба онҳо таркиби мафҳуми сайёҳӣ кушода мегардад:

1. Аз ҳудуди муҳити маъмулӣ берун баромадан. Асоси ин меъёрро ҳаракат тавассути нақлиёт ё пиёда ба макони берун аз муҳити доимии зиндагӣ қарордошта, макон ё мамлакати дигар ташкил медиҳад. Ба «муҳити доимӣ» маҳалли муайяни атрофи ҷойи зисти доимӣ дохил мешавад, ки шахс ба он мунтазам ташриф меорад. Вожаи «муҳити маъмулӣ» дар конференсияи Оттава ба муомилот бароварда шуда буд, то ки онҳое, ки ҳар рӯз аз хона ба кор (дарс) ва баръакс мераванд, аз қатори ташрифоварандаҳо бароварда шаванд. Онҳо муҳити маъмулияшонро тарк намекунанд ва сайёҳ ба ҳисоб намераванд.

2. Мафҳуми муҳити маъмулӣ дар адабиёти соҳаи сайёҳӣ баҳсталаб мебошад. Пеш аз ҳама, масофа байни ҷойи зист ва муҳити маъмулӣ, инчунин суръати ташрифоварии объектҳо барои омор муҳим буда, пурра ҳал нашудаанд. Меъёри ягонаи ҳалли онҳо мавҷуд нест, аз ин рӯ онҳо вобаста ба ҳолатҳои муайян тағйиротҳоро талаб мекунанд.

3. Муддати қарор доштан. Дар сайёҳӣ муддати қарор доштан то 12 моҳ маҳдуд карда мешавад, сипас ташрифоваранда ба гурӯҳи аҳолии доимӣ дохил шуда, дар омори сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

4. Мақсади ташрифоварӣ (сафар). Ба мақсадҳои асосии сайёҳӣ гузаронидани вақти холӣ, дамгирӣ, истироҳат, аёдати шиносу хешовандон, мақсадҳои корӣ ва касбӣ, табобат, мақсадҳои динӣ ва ғайра дохил мешаванд. Моҳияти меъёри мазкур дар он мебошад, ки мақсади асосии сафар фаъолияти аз сарчашмаи маҳаллӣ пардохтшаванда набошад. Тамоми шахсоне, ки ба ягон давлат барои кори аз ҳисоби сарчашмаи ин давлат пардохтшаванда сафар мекунанд, сайёҳ ба ҳисоб нарафта, муҳоҷир мебошанд. Ин меъёр натанҳо ба сайёҳии байналмилалӣ, балки ба сайёҳӣ дар доираи як давлат низ дохил мешавад.

5. Дар Кумитаи омории назди Лигаи миллатҳо дар соли 1937 ба мафҳуми сайёҳи хориҷӣ тавсифи зерин дода шуда буд: Сайёҳ-шахсе, ки бо мақсади сайёҳӣ ба дигар давлат, ки ҷойи зисти доимии ӯ набуда ва берун аз муҳити маъмулияш ба муддати на камтар аз 24 соат бе фаъолияти пардохтшаванда сафар мекунад. Ба сайёҳони байналхалқӣ шахсоне дохил мешаванд, ки бо мақсади истироҳат, табобат, аёдати хешовандон, иштирок дар конгресс, семинар, бо мақсадҳои корӣ сафар мекунанд. Чунин маҳдудиятҳо ба принсипҳои дар ҳуҷҷати СММ – Дастури муваққатӣ оид ба сайёҳии байналхалқӣ (1978) мувофиқ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба навъ ва мақсаду вазифаҳои сайёҳон онҳоро ба чанд гурӯҳ тасниф намудан мувофиқи мақсад мебошад:

Сайёҳи дохилӣ. - Ташрифгари шабхобрави муваққатӣ, яъне шахси дар макони саёҳат зиёда аз як шабонарӯз қарордошта, ки доимо дар маҳал зиндагӣ мекард ва бо мақсади сайёҳӣ дар дигар маҳалли мамлакати худ ба муддати на зиёда аз 12 моҳ будубош мекунад ва дар ҷойи қарордоштааш бо фаъолияти аз он маҳал пардохтшаванда машғул намешавад.

Экскурсант. - Ташрифгари муваққатии маҳал, маҳалли аҳолинишин ё мамлакат, новобаста аз шаҳрвандӣ, ҷинс, забон ва дин дар маҳалли мазкур бо мақсади сайёҳӣ на камтар аз 24 соат қарор дорад. Экскурсантҳо дар омори сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Ташрифгар. - Дар соли 1963 Конференсияи СММ оид ба сайёҳии байналхалқӣ, ки дар Рим мегузашт барои омӯзиш ба Комиссияи омории СММ пешниҳод намуд, ки вожаи ташрифгар ҳамчун – шахсе муайян карда мешавад, ки ба мамлакати берун аз ҷойи зисти доимии худ бо дилхоҳ мақсад, бидуни машғул шудан ба фаъолияти пардохтшаванда ворид мешавад. Ба ин мафҳум сайёҳон ҳамчун ташрифгарони муваққатӣ, ки дар мамлакат аз ҳама камтар 24 соат қарор дошта, мақсад аз саёҳати онҳо истироҳат, табобат, омӯзиш, зиёрат, варзиш, сафарҳои корӣ, аёдати хешовандон, иштирок дар конгрессҳо мебошанд ва экскурсантҳо чун ташрифгари муваққатӣ дар мамлакат на камтар аз 24 соат қарор доранд, дохил мешаванд. Захираҳои сайёҳӣ – маҷмӯи объект ва падидаҳои табиӣ ва антропогенӣ (иқтисодӣ, молиявӣ, маданӣ-таърихӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ)-е мебошанд, ки бо имкониятҳои техникӣ ва моддии мавҷуда метавонанд барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ мусоидат кунанд. Дар асоси роҳандозии мукаммали ин захираҳо имкони мусоиди сайёҳӣ ба вуҷуд омада, дар ин замина соҳаи сайёҳӣ рушд мекунад. Фаъолияти сайёҳиро метавон ҳамчун як қатор зуҳурот ва алоқамандиҳое муайян кард, ки дар раванди ҷалб, ҷойгиронӣ ва хизматрасонии ташрифгарон натиҷаи ҳамбастагиҳои сайёҳон, корхонаҳои сайёҳӣ, соҳаҳои меҳмондорӣ, маъмуриятро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти сайёҳӣ-маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳои сайёҳон ҳангоми саёҳат зарур мебошанд. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» маҳсулоти сайёҳӣ – ҳуқуқ ба сайёҳӣ мебошад, ки барои фурӯш ба сайёҳ мувофиқи қоидаҳои муқарраркардаи давлат пешниҳод гаштааст. Фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси қонун амалӣ мегардад.

Метавон иброз намуд, ки сайёҳӣ – ин шакли нави саёҳат ва навъҳои гуногуни он мебошад. Сайёҳӣ дорои тавсифот ва аломатҳои равшан ифодагашта мебошад. Фарқияти асосии байни саёҳат ва сайёҳӣ – ин мавҷуд будани мақсади аниқу муайян ба ҳисоб меравад [54. с-190-191]. Аз нигоҳи аввал маҷмӯи сайёҳон аз нигоҳи оморӣ тафовутдошта ва гуногун мебошад. Сайёҳон вобаста бо мақсадҳои сафарашон ба воҳидҳои гуногуни тасниф дохил мешаванд, аммо новобаста ба ин онҳо дар як категория муттаҳид буда, ба ҳамаи шахсоне, ки ба роҳ барои ҷустуҷӯи кор ё иҷрои фаъолияти пардохтшаванда мебароянд, муқобил гузошта мешаванд. Маҳз мавҷуд будани як мақсади аввалиндараҷа сайёҳиро ҳамчун намуди фаъолияти аз саёҳат фарқкунанда муайян мекунад.

Мувофиқи махсусиятҳои инъикосёбии натиҷаҳои молиявӣ дар буҷаи давлат ду намуди сайёҳӣ: фаъол [2], ва ғайрифаъолро ҷудо мекунанд. Ба мамлакати мазкур ташриф овардани сайёҳони хориҷӣ сайёҳии фаъол ба ҳисоб меравад, зеро ки омили ворид шудани асъори хориҷӣ мегардад. Аз давлат ба дигар давлатҳо сафар кардани сайёҳ сайёҳии ғайрифаъол мебошад, чунки мувофиқан омили содироти маблағ (асъор) аз мамлакати мазкур мебошад.

Ба сифати аломате, ки барои таснифи саёҳат вобаста ба намудҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, омилҳои сабабиятро метавон ба кор бурд. Барои ба намудҳо тасниф намудани

сайёҳӣ дар навбати аввал онҳоро вобаста ба сабабҳои инсонро ба саёҳат водоркарда тақсим мекунем. Дар низоми идораи сайёҳӣ мо шаш намуди сайёҳиро ҷудо намудем:

1. Сайёҳӣ бо мақсади истироҳат. Моҳияти намуди мазкури сайёҳиро истироҳат дар муддати кутоҳ ё зиёд бо мақсади барқарор кардани саломатии ҷисмонӣ ва руҳонӣ, истироҳат ва табобат ташкил медиҳад;

2. Сайёҳии маданӣ ё ин ки омӯзишӣ – ин яке аз намудҳои паҳншудатарини сайёҳӣ мебошад. Чунин намуди сайёҳӣ бо мақсади шинос шудан бо ёдгориҳои маданӣ ва таърихӣ, инчунин объектҳои нодири табиат амалӣ мегардад. Сайёҳоне, ки бо мақсадҳои омӯзишӣ саёҳат мекунанд, ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакатҳои сафаркардаашон диққат зоҳир менамоянд, дар конгресс, симпозиум ва ғайра иштирок мекунанд. Ба ин намуд сайёҳӣ-сайёҳии динӣ, аз он ҷумла зиёрати ҷойҳои муқаддас ва дорои аҳамияти махсуси динӣ низ дохил мешавад;

3. Сайёҳии ҷамъиятӣ. Ба сифати сайёҳии ҷамъиятӣ сафар бо мақсади аёдати хешовандон, шиносу дӯстон ва сайёҳии фароғатӣ дохил мешавад;

4. Сайёҳии варзишӣ сафар бо мақсади иштироки фаъол дар мусобиқаҳои варзишӣ, инчунин сафар бо мақсади иштироки ғайрифаъол дар мусобиқаҳои варзишӣ мебошад;

5. Сайёҳии иқтисодӣ - ба яке аз намудҳои сердаромадтарин ва бошиддат рушдкунандаи сайёҳӣ дохил мешавад. Чунин сафарҳо аз рӯйи манфиатҳои тиҷоратӣ ва касбӣ, иштирок дар биржаҳо, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо ва ғайра ба роҳ монда мешаванд;

6. Сайёҳии сиёсӣ-ба сайёҳии дипломатӣ дохил мешавад, мақсади сафарро дар чунин намуди сайёҳӣ иштирок дар конгрессҳо, конференсияҳо вобаста ба рӯйдод ва чорабиниҳои сиёсӣ ташкил медиҳад;

Қайд намудан зарур аст, ки сайёҳии иқтисодӣ ва сиёсиро метавон вобаста ба хусусият ва мақсади корӣ доштанаш муттаҳид намоем. Моҳияти сайёҳии кориро хизматрасонӣ ба муштарӣ ҳангоми аз ҷониби ӯ иҷро шудани вазифаҳои касбӣ ҳам дар ҷойи зист ва ҳам дар дигар минтақаҳо мебошад, зеро ин барои нисбатан босифат ва бо хароҷоти кам ташкил намудани фаъолияти худ ё сафар имконият фароҳам меоварад. Дар доираи сайёҳии иқтисодӣ ташкили маҷмӯи меҳмонхонаҳо, толорҳои махсус, таҷҳизоти алоқа аҳамияти калон доранд.

Бояд қайд намуд, ки сайёҳӣ вобаста ба мақсад гурӯҳҳои мухталифро фаро гирифта, таснифи онҳо баъзе масъалаҳои муҳимро дорост Мувофиқи мақсадҳои сайёҳӣ, инчунин намудҳои зерини сайёҳӣ муайян карда мешаванд:

- сайёҳии экологӣ - яке аз намудҳои бошиддат рушдкунандаи соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Сайёҳии экологӣ ин боздид аз ҳудудҳои тағйирёфта ё камтағйирёфтаи табиӣ зери таъсири инсон, ки дорои захираҳои нодири табиӣ ва таърихию-фарҳангӣ мебошад;
- сайёҳии махсус: дар доираи саёҳати мазкур сайёҳон тури махсусро харидорӣ мекунанд, то ки бо хусусиятиҳои фарққунандаи ин ё он макон шинос гашта, таҷрибаи шахсӣ ба даст оваранд, меъёрҳои варзиширо супоранд. Ин намуди сайёҳӣ, варзишӣ ва ҳаваскорона ба ҳисоб меравад. Ҳангоми пешниҳод намудани чунин хизматрасониҳо риояи қоидаҳои бехатарӣ муҳим мебошад. Ба сайёҳии махсус намудҳои сайёҳии экологӣ, этникӣ, фермерӣ, варзишӣ ва сайёҳӣ барои кӯдакону наврасон дохил мешаванд;
- сайёҳии ташкилкардашуда - сайёҳии гурӯҳӣ ё фардиро дар назар дорад, ки мувофиқи барномаҳои сайёҳӣ ва хатсайрҳои пешакӣ муайяншуда, аз ҷониби корхонаҳои сайёҳӣ ташкил карда мешаванд. Сайёҳон турҳоро тибқи нархномаи қаблан мувофиқакардашуда ва пеш аз саёҳат пардохтшуда, ба даст меоранд;

- сайёҳии ғайриташкилӣ – саёҳати сайёҳони алоҳида ё гурӯҳи сайёҳон бе иштироки ташкилоти миёнрав, клуби сайёҳӣ ё шуъба мебошад. Сайёҳон худ саёҳатро ташкил намуда, дар ҷойҳо тамоми хизматрасониҳои сайёҳиро пардохт мекунанд. Чунин намуди сайёҳӣ хеле машҳур буда [1]. Дар Аврупо зиёда аз 75%-и тамоми саёҳатҳо ба ин намуд рост меояд;
- сайёҳии ҳаваскорона равиши махсус дорад. Чунин навъи сайёҳӣ бо ташаббуси худи сайёҳ амалӣ мегардад, вале аз сабаби фаъол будани он ва ба намудҳои пиёда, обӣ, кӯҳӣ, лижаронӣ, сайёҳии аспдавонӣ, мотосиклронӣ ҷудо шуданаш, сайёҳон дорои дастурдиҳанда мебошанд. Ин намуди сайёҳӣ аз сайёҳии ғайриташкилӣ фарқ мекунад. Сайёҳии ташаббускорона дар доираи якчанд шаклҳо амалӣ гардонида мешавад. Аз ҳама намудҳои маъмули он - роҳпаймоии сайёҳӣ, экспедитсияҳо ба минтақаҳои ҷолиб ва камомӯхта, ҷамъомадҳои сайёҳӣ ва мусобиқаҳои сайёҳию варзишӣ ба ҳисоб мераванд.

Вобаста бо манбаҳои пардохт шудани сайёҳӣ тасниф кардани он низ муҳим аст. Тибқи ин меъёр сайёҳии тиҷоратӣ ва иҷтимоиро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

а) Сайёҳии тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ мавқеи муҳимро касб менамояд. Дар давлатҳои пешрафтаи дунё ба ин соҳаи манфиатовар диққати махсус медиҳанд [3]. Мақсади он аз ҷониби корхонаҳои сайёҳӣ ба даст овардани фоида буда, дар натиҷаи иштироки механизмҳои бозорӣ ба рушди соҳа оварда мерасонад. Ин намуди сайёҳӣ ба истеъмолкунандагони даромадашон миёна ва баланд равона карда шудааст;

б) Сайёҳии иҷтимоӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои омӯзишӣ, маданӣ ва ғайра, аз он ҷумла солимгардонӣ, барқароркунӣ аз ҳисоби манбаҳои гуногуни молиявӣ, ки ба он маблағҳои аз ҷониби давлат барои ниёзҳои иҷтимоӣ ҷудошуда низ дохил мешаванд. Ин намуди сайёҳӣ барои таъмини истироҳат ба қишрҳои нисбатан камбизоати аҳолӣ: ҷавонон, мактаббачагон, ветеранҳои чанг ва меҳнат, маъюбон равона карда шудааст.

Сафар бо мақсади фароғат, рекреатсия ва истироҳат зиёда аз 50%, сафарҳои корӣ ва меҳнатӣ – 30%, ба аёдати шиносу хешовандон то 10%-и саёҳатҳои сайёҳиро ташкил медиҳанд;

Шаклҳои сайёҳӣ баръакси намудҳои сайёҳӣ аз рӯйи аломатҳои берунӣ тасниф карда мешаванд: таснифи сайёҳӣ вобаста ба шаклҳо мақсад ва дигар хусусиятҳои намудҳои сайёҳиро дар бар намегирад. Шаклҳои сайёҳӣ вобаста ба аломатҳои гуногун тасниф карда мешаванд:

1. Вобаста бо шакли ташкили он: сайёҳии фардӣ, гурӯҳӣ, муташаккил ва ташаббускорона, статсионарӣ ва дар ҳаракат;
2. Вобаста аз муддати қарор доштани сайёҳон дар саёҳат, сайёҳии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро ҷудо мекунанд. Сайёҳии кӯтоҳмуддат – чунин навъи сайёҳӣ мебошад, ки давомнокии саёҳат аз се рӯз зиёдтар нест. Сайёҳии дарозмуддат, сайёҳӣ дар муддати зиёдтар аз се рӯз қабул гаштааст. Саёҳатҳое, ки шабхобрав мебошанд чунин тасниф мешаванд: 1-3 шаб; 4-7 шаб; 8-28; 29-91; 92-365 шабҳо. Ба сафарҳои кӯтоҳмуддат сафарҳои транзитӣ, якрӯза ва сайёҳии кӯтоҳмуддат дохил мешавад. Сайёҳии транзитӣ - саёҳати бо давомнокии як рӯз мебошад, ки онҳо барои шаб истоданро дарбар намегиранд. Шакли муҳимми сайёҳии кӯтоҳмуддат сайёҳие мебошад, ки сайёҳии корӣ ва сайёҳии рӯзҳои истироҳатро фаро мегирад;
3. Аз рӯйи фасли сол сайёҳии мавсимӣ, байнимавсимӣ ва доимиро фарқ мекунанд. Агар сайёҳӣ дар муддати сол баробар амалӣ гардад, он гоҳ сайёҳии ин мамлакат ё макон доимӣ мебошад. Вале дар баъзе минтақаҳо вобаста ба омилҳои гуногун сайёҳон танҳо дар айёми мавсими сайёҳӣ ташриф меоранд. Муддати ташрифи камтарини сайёҳон

байнимавсимӣ номида мешавад. Мутаасифона дар аксари минтақаҳои сайёҳӣ, махсусан сайёҳии экологӣ сайёҳии мавсимӣ бартарӣ дорад ва танҳо дар шаҳру мамлакатҳое, ки маркази тамаддун, маданият ё табобатӣ мебошанд, сайёҳии доимӣ мавҷуд аст;

4. Вобаста аз воситаҳои нақлиёт-сайёҳии ҳавоӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ ва дарёӣ;

5. Вобаста аз синну соли сайёҳон: кӯдаконе, ки бо волидайнашон саёҳат мекунанд, ҷавонон (сайёҳони синну солашон 15-24 сола), шахсони ҷавони аз ҳисоби иқтисодӣ фаъол сини 25-44 сола, шахсони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли синну соли миёна (45-64 сола), нафақахӯрон (64-сола ва калонсолтар);

6. Вобаста аз ҷойи зисти сайёҳон - сайёҳии дохилӣ ва байналхалқӣ;

7. Шаклҳои сайёҳӣ вобаста аз миқдори иштирокчиёни саёҳат: фардӣ, гурӯҳӣ ва оилавӣ.

Ҳамин тавр, мавқеи сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ устувор мебошад, зеро сайёҳӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, шуғли аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва баланд бардоштани некӯаҳволӣ нақши муҳим мебозад.

## АДАБИЁТ


1. Царева Н.В. Оценка вклада туризма в экономику региона [Текст] / Н.В.Царева // Известия иркутской государственной экономической академии.-2008.-№ 5.-С.46.
2. Шарапов Д.С. Изучение интернет - технологий в развитии сферы туризма в Республике Таджикистан [Текст] / Д.С.Шарапов// Вестн. Тадж. нац. ун-та.-2017.-Т.2.-№13.-С.289-293.
3. Ширяев Т.В. Гостиницы западной Европы XIX в. Принципы застройки городских участков новый взгляд [Текст] / Т.В.Ширяев// Междунар. научн. вестн.-2016.-№12.-С.21-31.
4. Юрченко Е.Е. Международный рынок туристических услуг и его основные черты [Текст] / Е.Е.Юрченко// Вестн. Междунар. Славянского ун-та. Серия «Экономические науки».-2012, Т. XV, №2.-С.59-66.
5. American Institute of Certified Public Accountants: Codification of Statements on Auditing Standards [Text] /American Institute of Certified Public Accountants, 1991. - № 1-64



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори и. Парфессор, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*

***Суроға:*** *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Буни Ҳисорак,*

***E-mail:*** *samaridin.@mail.ru,*

***Тел.:*** *(+992) 93-473-33-66*

***Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович*** *– саромӯзгори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара*

***Суроға:*** *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к Марказӣ*

***E-mail:*** *yusupov-umed@bk.ru,*

***Тел.:*** *(+992) 20-222-22-25*

***Сведения об авторах: Низомов Самариддин Фахриевич*** *– Национальный университет Таджикистана, доктор медицинских наук И. Профессор, заведующий кафедрой экономического анализа и аудита Национального университета Таджикистана,*

***Адрес:*** *734055, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, село Буни Хисорак,*

***Электронная почта:*** *samaridin.@mail.ru,*

***Тел.:*** *(+992) 93-473-33-66*

***Юсупов Умеджон Сангихмадович*** *– завуч кафедры бухгалтерского учета и налогообложения Дангаринского государственного университета*

***Адрес:*** *734055, Республика Таджикистан, н.п. Дангара, Центральный район*

***Электронная почта:*** *yusupov-umed@bk.ru,*

***Тел.:*** *(+992) 20-222-22-25*

***Information about the authors: Samariddin Fakhrievich Nizomov*** *- National University of Tajikistan, doctor of I. Professor, head of the department of economic analysis and audit of the National University of Tajikistan,*

***Address:*** *734055, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Buni Hisorak village,*

***E-mail:*** *samaridin.@mail.ru,*

***Tel.:*** *(+992) 93-473-33-66*

***Yusupov Umedjon Sangikhmadovich*** *- head teacher of the Department of Accounting and Taxation of Dangara State University*

***Address:*** *734055, Republic of Tajikistan, n. Dangara, Central district*

***E-mail:*** *yusupov-umed@bk.ru,*

***Tel.:*** *(+992) 20-222-22-25*

**УДК:**

# СОВРЕМЕННЫЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ ПРИМЕНЕНИЕ В СФЕРЕ УСЛУГ

**Черняков М.К., Мухторзода С.С.**

**Аннотация.** В статье приводятся основные направления использования информационных технологий в сфере услуг. Анализируются предпосылки для внедрения информационных технологий в сферу услуг. Выявлены преимущества от внедрения информационных технологий в сфере услуг. Разработана классификация информационных систем управления сферой услуг. Отмечается, что процесс внедрения информационных технологий в сфере услуг способствовал появлению новых видов рисков, присущих цифровой экономике. Были определены основные тренды от использования преимуществ информационных технологий в сфере услуг.

**Ключевые слова:** сфера услуг, информационные технологии, информационные системы, риск, трансформация

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

**Черняков М.К., Мухторзода С.С.**

**Аннотатсия.** Дар мақола самтҳои асосии истифодаи технологияи информатсионӣ дар соҳаи хизматрасонӣ нишон дода шуда, инчунин раванд ва омилҳои рушди он таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Дар баробари дарёфти комёбиҳо ва ҷиҳатҳои мусбати он ва таснифи системаҳои иттилоотии идоракунии хизматрасониҳо, намудҳои нави хатар ва эҳтимолияти зарарҳо, ки дар раванди рақамикунонӣ мушоҳида мешаванд, ошкор карда шудаанд. Тамоюлҳои асосӣ ва мусбати истифодабари технологияи иттилоотӣ дар соҳаи хизматрасонӣ муайян карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** соҳаи хизматрасонӣ, технологияи иттилоотӣ, низоми иттилоотӣ, хавф, гузариш ба давраи дигар

## MODERN INFORMATION TECHNOLOGIES AND THEIR APPLICATION IN THE SERVICE SECTOR

**Chernyakov M.K., Mukhtorzoda S.S.**

**Annotation.** The article presents the main directions of using information technology in the service sector. The prerequisites for the introduction of information technology in the service sector are analyzed. The advantages of the introduction of information technologies in the service sector are revealed. A classification of information systems for the management of the service sector has been developed. However, the process of introducing information technologies in the service sector has contributed to the emergence of new types of risks inherent in the digital economy. The main trends from the use of the advantages of information technology in the service sector were identified.

**Key words:** service sector, information technology, information systems, risk, transformation.

**Изложение проблем.** Цифровизация сферы услуг стала ключевым направлением развития. Множество компаний переходят к онлайн-платформам для предоставления услуг,

что делает их более доступными и удобными для потребителей. Электронные системы бронирования, онлайн-платежи и управление услугами через веб-приложения обеспечивают эффективность и комфорт в использовании.

**Анализ последних исследований и публикаций.** Формирование теории информационных управленческих систем насчитывает несколько десятилетий. Первые работы в этой области относятся к 1950-1960 годам, когда в отечественной и зарубежной практике внедрялись и функционировали так называемые автоматизированные системы управления. Среди российских ученых, разрабатывавших эту тематику, следует отметить Ю. Алексеева, В. Дудорина, В. Жеребина, Т. Кокориеву, И. Кара-коза, В. Мальцева, М. Совалова, В. Самборского и др. Среди зарубежных авторов данного периода можно назвать Е. Йордона, П. Хагена, У. Хансена и др.

Дальнейшая разработка этой тематики шла в контексте современных возможностей вычислительной техники и телекоммуникаций. Отечественная школа представлена здесь именами О. Вершининой, С. Ермолаева, А. Гранберга, О. Григорьева, В. Костюка, А. Нана-вян, Н. Прохорова, Г. Рябова, Е. Седых, Г. Смолян, С. Супицина, Д. Фатеева, Н. Федоренко, В Фирсо-ва, Д. Черешкина, Е. Щукина и др.

Имеется большое число зарубежных изданий, посвященных проблемам применения информационных технологий в управлении предприятиями, в том числе и сферы услуг. Среди них работы Б. Гейтса, J1. Девиса, Р. Каплана, Б. Лоуза, Д. Нортона, К. Пасса и др.

**Цель статьи заключается** в том, чтобы разработать концептуальные основы использования информационных технологий управления предприятиями сферы услуг в современных российских условиях.

**Основное содержание материала.** Инновационные информационные технологии проникают в самые разные области, и сфера услуг не исключение. Динамичный процесс развития информационных технологий (ИТ) меняет подходы к предоставлению и приему услуг, открывает свежие возможности для предпринимательства и повышает уровень удовлетворенности клиентов. Основные предпосылки необходимости внедрения информационных технологий в сфере услуг показаны на рисунке 1.



Примечание: составлено авторами на основе источников [1–2].

Рисунок 1. **Предпосылки для внедрения информационных технологий в сфере услуг**

На рисунке 2 показано, как информационные технологии взаимодействовали с сектором услуг и какие преимущества они приносили.

| | |
|---|---|
| Цифровизация и онлайн-платформы | • Цифровизация сферы услуг стала ключевым направлением развития. Множество компаний переходят к онлайн-платформам для предоставления услуг, что делает их более доступными и удобными для потребителей.<br>• Электронные системы бронирования, онлайн-платежи и управление слугами через веб-приложения обеспечивают эффектив ность и комфорт в использовании |
| Облачные технологии в управлении услугами | • Облачные технологии предоставляют гибкость в управлении услугами. Облачные платформы позволяют хранить и обрабатывать дан- ные,<br>• предоставлять доступ к приложениям и инфраструктуре, что улучшает масштабируемость и доступность услуг в различных сценариях |
| Кибербезопасность и защита личных данных | • С увеличением объема цифровых данных в сфере услуг растет и важность кибербезопасности.<br>• Компании активно внедряют технологии шифрования, двухфак- торной аутентификации и системы защиты данных, чтобы пре-дотвратить утечки личной информации и обеспечить доверие клиентов к цифровым услугам |
| «Интернет вещей» (IoT) в объектах обслуживания | • «Интернет вещей» привносит инновации в сферу услуг через создание умных объектов обслуживания.<br>• Например, умные дома, умные города, и умные офисы обеспечивают автоматизацию и оптимизацию услуг, таких как энерго-снабжение, безопасность и комфорт.<br>• IoT создает более интегрированный и эффективный опыт для пользователей |
| Интеллектуальный анализ данных (Data Analytics) | • Интеллектуальный анализ данных стал мощным инструментом для более глубокого понимания потребительского поведения и предоставления персонализированных услуг.<br>• Компании используют данные для анализа предпочтений клиен- тов, определения трендов и прогнозирования изменений в спро- се. Это помогает сфере услуг более точно соответствовать ожи- даниям клиентов |
| Искусственный интеллект в обслуживании клиентов | • Искусственный интеллект (ИИ) стал непременной частью обслуживания клиентов в сфере услуг.<br>• Виртуальные ассистенты, чат-боты и автоматизированные сис- темы обработки запросов значительно ускоряют и улучшают процессы взаимодействия с клиентами. Это также снижает на- грузку на персонал и повышает общую эффективность обслу- живания |
| Инновации в туризме и гостиничном бизнесе | • Сфера услуг в туризме и гостиничном бизнесе также получает выгоду от информационных технологий.<br>• Виртуальные туры, онлайн-бронирование и персонализирован- ные предложения на основе предпочтений клиентов – все это становится реальностью благодаря современным технологиям |

Примечание: составлено авторами на основе источников [2–3].

Рисунок 2. **Преимущества от внедрения информационных технологий в сфере услуг**

Информационные технологии в сфере услуг являются составными элементами информационных систем управления, основные виды которых классифицированы на рисунке 3.

| | |
|---|---|
| ERP-системы (Enterprise Resource Planning) | • Представляют собой комплексное программное обеспечение, объединяющее в себе различные функциональные модули, такие как управление финансами, управление ресурсами человека, управление производством и т. д.;<br>• Позволяют автоматизировать бизнес-процессы и интегрировать все отделы компании |
| CRM-системы (Customer Relationship Management) | • Предназначены для управления взаимоотношениями с клиентами;<br>• Помогают собирать и анализировать информацию о клиентах, взаимодействовать с ними, управлять продажами и маркетингом |
| SCM-системы (Supply Chain Management) | • Ориентированы на управление цепочкой поставок;<br>• Позволяют оптимизировать процессы закупок, производства и распределения товаров, сокращая издержки и повышая эффективность |
| BI-системы (Business Intelligence) | • Предназначены для анализа и визуализации данных, что помогает принимать обоснованные решения на основе фактических данных;<br>• Позволяют создавать отчеты, дашборды, проводить аналитику и прогнозирование |
| HRM-системы (Human Resource Management) | • Предназначены для управления ресурсами человека в организации;<br>• Включают функционал для учета персонала, планирования кадровых ресурсов, обучения и развития сотрудников |
| CMS-системы (Content Management System) | • Системы управления контентом;<br>• Используются для создания, редактирования и публикации контента на веб-сайтах |

**Рисунок 3. Классификация информационных систем управления сферой услуг**

Примечание: составлено авторами на основе источников [2–3].

Наряду с бесспорными достоинствами для предприятия сферы услуг (см. рисунок 2) при эксплуатации систем управления информацией появляются как закрытые, так и очевидные риски (рисунок 4).




Рисунок 4. **Риски внедрения информационных технологий в сфере услуг**
Примечание: составлено авторами на основе источника [4].

Проанализированные статистические данные показывают, что количество сотрудников в 2020 и 2023 гг. варьируется для различных секторов сферы услуг. Прослеживалась отрицательная тенденция: технический персонал сократился почти на 15%; рядовые работники и персонал, занимающийся оргтехникой, – на 1,3%; сотрудники государственных служб потеряли 0,4%. Сокращением обусловлено перераспределение персонала и переход на аутсорсинг (рисунок 5).




**Рисунок 5. Динамика изменения состава сотрудников, занятых в разных секторах сферы услуг, за 2020–2023 гг.**
Примечание: составлено авторами на основе источника [5].

Достоинства от развертывания информационных технологий в сфере услуг весьма значительны и повлекут за собой появление новых тенденций. В целом, процессы преобразования структур сферы услуг в условиях цифровой экономики сопряжены со значительным множеством рисков, в основном производственных и напрямую связанных с общей тенденцией цифровизации. Среди них можно выделить:

- появление новых видов услуг;

- большая глубина доступа к услуге (получение ее независимо от того, где находится потребитель, и от времени заказа);

- формирование новых форм взаимоотношений между поставщиком и потребителем и др.

Информационными технологиями интенсивно преобразуется сфера услуг, что делает их намного эффективнее, доступнее и инновационное. Начиная с цифровой обработки и аналитики информации и заканчивая искусственным интеллектом и «интернетом-вещей», все перечисленные технологии открывают перед предприятиями свежие бизнес-возможности и повышают уровень качества клиентского обслуживания. Инициативные предприятия, применяющие современные решения, пользуются конкурентными преимуществами и находятся в авангарде инноваций в своей отрасли.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Похомчикова Е.О. Информационные технологии в сфере обслуживания как направление инновационной деятельности (на примере индустрии гостеприимства) / Е. О. Похомчикова, Е. Г. Тарханова // Baikal Research J. – М., 2016. – № 7(3). – С. 14.

2. Черняков М.К. Некоторые аспекты становления цифровой экономики сферы услуг / М.К. Черняков, С.С. Мухторзода, М.С. Тулиев // Финанс. бизнес. – М., 2023. – № 5. – С. 89–93.

3. Сфера услуг: цифровая трансформация = Service sector: digital transformation / М.К. Черняков, Е.Г. Першина, К.Ч. Акберов, И.А. Шураев, В.М. Черняков. – DOI 10.34925/ EIP.2022.144.7.161. – Текст: непосредственный // Экономика и предпринимательство = Economy and Entrepreneurship. – М., 2022. – № 7 (144). – С. 823–826.

4. Черняков М.К. Риски цифровой трансформации сферы услуг / М. К. Черняков, В. М. Черняков // Экономика XXI в. //Материалы междунар. науч.-практ. конф. (Новосибирск, 8 декабря 2022 г.) Под ред. О. А. Чистяковой. – Новосибирск, 2022. – С. 96–101.

5. Черняков В.М. Экономический анализ в системе управления хозяйствующими субъектами сферы услуг / В.М. Черняков // Бухгалтерский учет, анализ и аудит: прошлое, настоящее, будущее. Сб. науч. ст. / Новосиб. гос. ун-т экономики и упр. «НИНХ». Редкол.: Т.М. Кузьмина, О.О. Храмцова. - Новосибирск – 2023. – С. 318–320.

***Сведения об авторах:*** *Черняков Михаил Константинович - д.э.н, профессор, Сибирский университет потребительской кооперации, Новосибирский государственный технический университет*

***Адрес:*** *г. Новосибирск, Российская Федерация*

***Телефон:*** *+79639478359,*

***E-mail:*** *ch_ivs@sibupk.nsk.su;*

***Мухторзода Саидмухтор Саидахрор -*** *к.э.н, доцент кафедры экономика и организация бизнеса Таджикского государственного университета коммерции.*

***Адрес:*** *г. Душанбе, Таджикистан*

***Телефон:*** *+992939495584,*

***E-mail:*** *zgf878690@mail.ru.*

***Маълумот дар бораи муаллифон: Черняков Михаил Константинович*** *— доктори илми иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи кооператсияи матлуботи Сибир, Донишгоҳи давлатии техникии Новосибирск,*

***Суроға:*** *Новосибирск, Федератсияи Россия*
***Телефон:*** *+79639478359,*
***Почтаи электронӣ:*** *ch_ivs@sibupk.nsk.su;*
***Мухторзода Саидмухтор Саидаҳрор*** *- дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили бизнеси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*
***Адрес:*** *Душанбе, Точикистон*
***Телефон:*** *+992939495584,*
***Почтаи электронӣ:*** *zgf878690@mail.ru.*
***About the authors: Chernyakov Mikhail Konstantinovich*** *- Doctor of Economics, Professor, Siberian University of Consumer Cooperatives, Novosibirsk State Technical University*
***Address:*** *Novosibirsk, Russian Federation*
***Phone:*** *+79639478359,*
***E-mail:*** *ch_ivs@sibupk.nsk.su;*
***Mukhtorzoda Saidmukhtor Saidakhror*** *- PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Economics and Business Organization at the Tajik State University of Commerce.*
***Address:*** *Dushanbe, Tajikistan*
***Phone:*** *+992939495584,*
***E-mail:*** *zgf878690@mail.ru.*

**МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ - CONTENT**

**Завқизода З.А.**
**СУХАНИ ТАБРИКОТӢ....................................................................................5**

**Зайниддинзода С.Ҷ.**
**СУБОТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР....................................6**

**Рахимзода Ш.**
**ТАДЖИКИСТАН-КИТАЙ: ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА..............................................................14**

**Солеҳзода А.А.**
**СОДАГАРДОНИИ РАСМИЁТИ САВДО ДАР ТОҶИКИСТОН: АМАЛИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАҶРИБАИ МИЛЛӢ.........................................23**

**Одинаев Х.А., Мухаббатов Х.М.**
**ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ РАШСКОГО РЕГИОНА.........................................................30**

**Шоҳиён Н.Н., Зайниддинзода С.Ҷ., Насриддинзода Р.Х.**
**САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ТАКМИЛИ РАВАНДИ ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ПОЯИ МОДЕЛСОЗӢ ВА ДУРНАМОСОЗӢ.........................................................................36**

**Кошонова М.Р.**
**СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ......................47**

**Мирзозода Б., Зайнудинов С., Қаюмов А., Пираков Г.**
**ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АШЁҲОИ ХОМИ МАҲАЛЛИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ............57**

**Қурбонов А.К., Назирзода Н.И.**
**РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ.................................................................................65**

**Комилов С.Дж.**
**ЦИФРОВИЗАЦИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ КАК УСЛОВИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ................................................71**

***Шарифов З.Р., Ҳомидов А.У.***
**САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН..........................................................................................79**

**Зайнудинов С., Салимов Н.С.**
**РАҚАМИКУНОНӢ - БУНЁДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ..............................................87**

**Юнусова М.М.**
**ШАРОИТ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ МУОСИР..........................................................................................97**

**Таваров Л.Т., Абдуллозода О.П., Бегматов Б.М.**
**САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН................................................................106**

***Нурдинов Б.Х.***
**РУШДИ ЭКОСИСТЕМАВИИ НИЗОМИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАВӢ..........................................................................................113**

**Солиев Н.Н.**
**РУШДИ ШУҒЛИ “САБЗ”: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТ...................121**

**Курбанмурадова О.М., Пирназарзода Д.М.**
**МУҲИТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНАИ ТАЪСИРРАСОНАНДАИ КОРХОНА БА ПРИНСИПИ ҶОЙГИРСОЗИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ..............................129**

**Восидиён Ф.С.**
**МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ ПЛАНИРОВАНИЯ И СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПРОГНОЗИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ...........142**

**Низомов С.Ф., Юсупов У.С.**
**РУШДИ САЙЁҲӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР....152**

**Черняков М.К., Мухторзода С.С.**
**СОВРЕМЕННЫЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ ПРИМЕНЕНИЕ В СФЕРЕ УСЛУГ......................................................................162**

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В «Научно-исследовательском экономическом институте» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан «Экономика и торговля» печатаются статьи в области роазличных сфер экономики, которые являются результатами научно – исследовательских работ «Научно-исследовательского экономического института» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан и других организаций.

Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе в текстовом редакторе MS Word, шрифт Times New Roman 12 пт для статей на русском языке и в редакторе Keyman, шрифт Times New Roman Tj 12 пт для статей на таджикском языке. Интервал между строками - 1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, рисунки и фотографии в формате JPEG.

**Оформление статьи:**

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности. 2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д. 3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1,3-5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом: Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

**Требования к научным статьям:**

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;

2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 12 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,15 строки;

3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;

4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);

5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;

6. Фамилия И.О. автора (ов)

7. Основной текст статьи не менее 10 страниц (исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);

8. Список литературы не менее 15 наименований. Библиография оформляется в алфавитном порядке. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов). Образец составления библиографии.

9. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], [3, с. 24; 7, с. 53], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;

10. Список использованной литературы.

11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский);

12. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский). Здесь указываются ФИО автора(ов) полностью, ученая степень и ученое звание (если имеются), должность и название организации в которой работает(ют) автор(ы), телефон и электронная почта автора(ов), а также почтовый адрес место работы автора(ов);

13. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;

14. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;

15. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;

16. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;

17. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).